# Вай гуфт „Ҳа“



уқубаткашии тасодуфии Кесси Бёрнелл

Литлтон, Колорадо

Мисти Бёрнелл

# Вай гуфт „Ҳа“



Мисти Бёрнелл

## Матбуот дар бораи Кесси Бёрнелл чӣ менависад

*Нюсуик:*
Барои суханҳои охиринаш Кесси Бёрнеллро риёзаткаши ҳақиқӣ барои имонаш меноманд.

*Тайм:*
Мо интизор набудем, ки риёзаткашони мо бо борхалтаҳо мегарданд, дар бораи имтиҳонҳо фикр мекунанд.

Таърихи Кесси асроромез аст: ин воқеа дар бораи духтарест, ки аз гурӯҳҳои бадкирдор рӯ гардонд, аз нашъа ва аз ҳама он чизи сиёҳе, ки дар исёнгарии ҷавонон вуҷуд дорад.

*Вашингтон Пост:*
Кесси Бёрнелл ҳақиқатан ҳам риёзаткаши ҳозиразамон аст.

*Ню-Йорк Таймс:*
Марг Кесси Бёрнеллро машҳур гардонд. Ҳарчанд рафтори охиринаш фавқулодда буда, мардумро ба тааҷҷуб овард... аз бисёр ҷиҳатҳо вай мисли дигар ҷавонҳои оддӣ буд.

*Бостон Глоб:*
Бо марги худ Кесси рамз ва пайғамбар шуд...

*Лос-Анҷелес Таймс:*
Кесси Бёрнелл намунаи мардонагии ҷавонон, рамзи имони ноболиғон гардид.

*Чикаго Трибюн:*
Ҳа. Не. Аз рӯи ҳолатҳо... Сари ҳар чанд вақт мо намунаи қаҳрамонии ҳақиқии ахлоқиро мебинем, ҳолатҳоеро, ки одам принсипҳо ва қувваи кофии рӯҳӣ дорад, то ки онҳоро ҳимоя намояд. Вақте ки сухан дар бораи чунин одами хеле ҳам ҷавон ва ҷасур меравад, мисли Кесси Бёрнелл, ин на фақат рӯҳбаланд мегардонад, балки фурӯтанӣ ва эҳтироми зиёде мебахшад.

*Балтимор Сан:*
Кесси Бёрнелл бо саволи асосии масеҳӣ рӯ ба рӯ шуд… Ҷавобам ӯро ба рамзи бузурги имон табдил дод.

*Денвер Пост:*
Нақл дар бораи он ки чӣ хел Кесси то охир дар имонаш истод, дар тамоми ҷаҳон паҳн шуд. Вале ӯ тамоман муқаддаси ғайриоддӣ набуд. Вай одами зинда буд.

*Викли Стэндарт:*
Бузургии Кесси Бёрнелл… — бозгашти изтиробовар (ҳаяҷоновар) ба ҳолати рӯҳиест, ки ба фикри бисёриҳо тамоман дар Амрикои „баъд аз масеҳият“ гум шудааст.

*Майами Геральд:*
Барои ҷавонони масеҳӣ дар тамоми мамлакат Кесси Бёрнелл уқубаткаши ҳозиразамон гардид…

Таърихи ӯ — аз камолот дида бештар роҳ ба сӯи кафорат аст. Принсипи ӯ — „ба худ бовар кардан“ аст.

*Детройт Нюс/Фри Пресс:*
Шояд Кесси — уқубаткаш бошад, шояд не… Вале қудрати ҳодисаи ӯ равшан аст.

# Вай гуфт „Ҳа“

# Вай гуфт „ҳа“



Мисти Бёрнелл

Originally published in English as
*She said yes* by Misty Bernall.
© 1999 by Misty Bernall.
English edition published by
The Plough Publishing House, Farmington, USA.

© 2001 for the Tajik edition.
Translated by permission. All rights reserved.

Ба духтарам Кесси, духтаре ки ба дили ман хурсандӣ меовард ва духтари далере ки маргаш тамоми миллатро ба тааҷҷуб овард.

Ба он дувоздаҳ нафаре, ки ҳамроҳи ӯ дар Коламбин 20-уми апрели соли 1999 аз дасти ду девона вафот карданд: Стивен Курноу, Кори Депутер, Керри Флеминг, Мэтю Кетчер, Дэниел Маузер, Дэниел Рорбоу, Дэвид Сандерс, Рейчел Скотт, Исайя Шоелс, Ҷон Томлин, Лорэн Таунсенд, Кил Веласкес.

Ба ҳамаи онҳое ки ҳамон рӯз ҷисман ва рӯҳан азоб кашиданд ва то ҳозир оқибатҳои ин фоҷиаро дар худ ҳис мекунанд;

Ва дар охир ба шавҳарам Брэд ва писари мо Крис, ки онҳоро аз ҳарвақта бештар ва меҳрубонона дӯст медорам.

# Аз нашриёт

Якчанд ҳафта баъд аз фоҷиае ки ҳаёти духтари онҳо ва боз чордаҳ нафарро дар Коламбин аз байн бурда буд, Брэд ва Мисти Бёрнелл ба нашриёти „Плау“ муроҷиат карданд, бо умеде ки мо метавонем ба онҳо ёрӣ расондем, то ҳодисаи Кессиро ба оммаи васеи хонандагон расонанд. Китоби *Вай гуфт „Ҳа“*, ки натиҷаи ин ҳамкорӣ гардид, аз ёддоштҳои муаллиф, аз номаҳо ва хатчаҳо, ки баъди марги духтари онҳо мондаанд ва мусоҳиба бо ҳамсинфонаш, дӯстонаш ва шиносҳояш асос ёфтааст.

Гарчанде пайдарҳамии аниқи ҳодисаҳои даҳшатовар, ки дар „Коламбин Хай“ 20-уми апрели соли 1999 ҷо доштанд, инчунин тафсилоти марги Кесси, ҳеҷ гоҳ барқарор карда намешавад, тасвире ки муаллиф меорад, дар гуфтаҳои онҳое асос ёфтааст, ки дар китобхона (ҷои асосии ҳодисаҳо) зинда монданд, ва вариантҳои гуногуни хотираҳои онҳоро ба ҳисоб мегирад.



6.11.1981 – 20.04.1999

„P.S. Аз рӯи виҷдон гӯям, ман ҳаматарафа мехоҳам барои Худо зиндагӣ кунам. Ин даҳшатнок ва мушкил аст, вале ин кори сазовор аст“.

Аз хатчае, ки Кесси бегоҳӣ, пеш аз мурдан навишта буд ва саҳар дар мактаб ба дугонааш Аманда дода буд.

# Сарсухан

Дар ин ҷаҳони мо, ки наврасонро дар танбалӣ, худписандӣ ва бепарвоӣ ба гирду атроф ҳама вақт айбдор мекунанд, фикр дар бораи чунин одам мисли Кесси ба монанди равғани баласони шифодиҳанда аст. Кесси ҳамчун шахсият беҳамтост, то он қадаре ки ҳар яки мо беҳамтоем, ва дар худи ҳамон вақт — вай навраси типӣ мебошад, ки ба саволҳои ба худ хоси наврасон ҷавоб меҷӯяд: Ман кистам? Оё Худо маро дӯст медорад? Он чизе ки бо ман рух медиҳад, Ӯро ба изтироб мебиёрад ё не? Оё рафторҳои ман ягон аҳамияте доранд ё не?

Ҳа, Кесси, умри кӯтоҳи ту аҳамияти бузурге дорад. Ту фаҳмидӣ, ки ҳар рӯз барои мо интихоб кардан лозим меояд, аз ҳамаи он чизе ки мо интихоб мекунем, шахсияти мо сохта мешавад. Эътиқоди имони ту тасодуфӣ набуд — ин натиҷаи интихоби ҳаррӯзаи ту буд.

— Ту ба Худо бовар мекунӣ?

— Ҳа.

Кесси ба ин савол ҷавоб дода наметавонист, агар ӯ ҳар рӯз ин саволро ба худ намедод ва ҷавоби тасдиқӣ намедод. Рӯз то рӯз „ҳа“-и ӯ аз тамоми дилу ҷон ва ақл мебаромад, то даме ки дар охир эътиқоди ӯ то он дараҷае чуқур шуд, ки ӯ тавонист онро ҳатто он вақте гӯяд, ки ин ба ҳаёти ӯ хатар дошт.

Ҳақиқатан ӯ барои ин ҷонашро нисор кард.

Кесси, эҳтимол, намехост ки ӯро риёзаткаш ҳисоб кунанд. Бисёр наврасони имрӯза низ ба ҷои ӯ чунин ҷавоб медоданд, новобаста ба таъсироти атрофиёне, ки кӯшиш мекарданд онҳоро аз он чизе ки дар қаҳри дил ҳақиқат ҳисоб мекунанд, гардонанд.

Ба ҳар ҳол, агар Кессиро риёзаткаш ҳисоб накунем, зиндагӣ ва марги ӯ, „ҳа“-и ӯ — ягон бор аз хотири хонандагони мактаби „Коламбин Хай“ ва албатта, онҳое ки воқеаро дар бораи ҳаёти кӯтоҳи ӯ мехонанд, намебароянд.

Оё мо ба Худо имон дорем? Ҳа, Кесси. Ба туфайли ту.

Гошен, Коннектикут
Июли соли 1999
Мадлен Ленгл



# Сешанбе

Баъзан ногаҳон аз осмони соф раъду барқ мебарояд; баъзан ба оилаи осуда бе огоҳӣ дар бораи тӯфони меомада ва бе ягон таконе ки дар бораи зилзилаи наздикшуда мегӯяд, – ногаҳон зарбаи даҳшатнок фуруд меояд ва аз он лаҳза ҳама чиз дигар мешавад. Ҳаво аз абрҳо зич мешавад ва аз рутубат озод шудан наметавонад. Бо вуҷуди ин ғуруб метавонад зебо бошад.

Ҷорҷ Макдоналд

# 1. Сешанбе

Рӯзи 20-уми апрели соли 1999 дар хонаи мо мисли дигар рӯзҳо сар шуд. Соати понздаҳто кам шаш Брэд, шавҳарам, ба кор рафт ва камтар дертар ман кӯдаконамро бедор кардам. Наврасонро саҳар аз бистар хезондан ҳама вақт як мушкилии калон аст, вале ҳамон сешанбе барои ман махсусан мушкил буд. Кесси то бевақтии шаб дар сари дарсҳо менишаст ва китобҳои ӯ дар болои мизи ошхӯрӣ ба ҳар тараф пароканда (партофтагӣ) буданд. Ҳоҷатхонаи гурба ҳам диққати ӯро ҷалб мекард ва дар натиҷа бо хӯроки саҳарӣ дер мондем. Ёд дорам, бо тамоми қувватам кӯшиш мекардам ба ӯ дар бобати ҳар саҳар ҳамаро дар вақташ иҷро кардан панду насиҳат нахонам...

Наздикии соати ҳашту ним Крис вақти хайру хуш маро бӯса кард, аниқтараш вақтҳои охир рухсораашро мемонд (вай 15-сола шуд) ва бо ғавғо аз зинапояҳо фуромада рафт. Кесси дар пеши дар монд, то ки ботинкаҳоро пӯшад — ботинкаҳои сиёҳи писандидааш „мартинс“, ки онҳоро вай дар ҳар гуна ҳаво, ҳатто бо курта мепӯшид, борхалтаро гирифт ва аз қафои бародараш баромад. Аз панҷара худамро хам карда, ман мисли ҳарвақта аз қафояш чеғ задам: „Хайр, Кесс, ман туро дӯст медорам“. „Ман ҳам туро, модар“ — ғур-ғур кард ӯ дар ҷавоб. Ба ҳавлӣ баромада вай аз дарича гузашт ва аз майдони футболбозӣ гузашта ба мактаб рафт, ки он сад ярд аз мо дур аст. Ман либосҳоямро пӯшидам, ба худ қаҳваро тайёр кардам, дарро қулф карда ба кор рафтам.

Дар нисфирӯзӣ дӯсти мо Чарли ба ман занг зад ва пурсид, оё ман дар бораи тирпарронӣ дар мактаб ягон чиз шунидаам ё не. „Ҳеҷ чиз нашунидаам“ — гуфтам ман. Мо бо дӯстам Вел ҳозиракак мехостем дар супермаркети инҷоӣ ягон чиз хӯрем. Ман кӯшиш мекардам ба воҳима наафтам. Якум, эҳтимол, ин ба Кесси ва Крис муносибате надошт, мумкин кадом бачаҳо дар истгоҳи мошинҳо ҷанҷол кардаанд. Ва баъд, ман ҳамеша Коламбинро ҷои ором ҳисоб мекардам. Мумкин ман хато кардам? Ман қарор додам ба Брэд занг занам, ки оё вай ягон чиз шунидааст ё не.

Занги ман Брэдро дар хона ёфт: вай худро хуб ҳис намекард, барои ҳамин аз кор барвақт рафтааст. Ман дар бораи занги Чарли ба ӯ гуфтам ва ӯ ҷавоб дод, ки худи ҳамин чизро вай аз ҳамкори худ Кэти шунидааст. Ба ғайри ин, ӯ садои якчанд тирро шунидааст, вале ба ин диққат надодааст. Нисфирӯзӣ буд, ин вақт дар кӯча бачаҳои бисёр буданд, ки бо „петардҳо“ шӯхӣ карданро нағз медиданд. (Мушаки коғазӣ барои оташбозӣ).

Бо ман гап зада, Брэд либосҳояшро пӯшида ба ҳавлӣ баромад. Дар пушти девор дар ҳама ҷо полисҳо буданд. Ба хона баргашта, вай телевизорро монд ва барномаи ахборро ёфт. Қариб якбора репортаж дар бораи ҳодисаи дар мактаб рӯйдода сар шуд. Ногаҳон хабарҳои канда-канда ба ҳам якҷо шуданд ва Брэд фаҳмид, ки ҳамаи ин бисёр ҷиддӣ аст:

> Чашмҳои ман ҳоло ҳам ба экрани телевизор менигаристанд, вақто ки ман ба зону нишастам ва ба Худо бо зорӣ барои ҳамаи ин кӯдакҳо муроҷиат кардам. Албатта, фикрҳои ман ба Кесси ва Крис марказонида шуда буданд ва дар айни замон дар қаъри дилам ман бовар доштам, ки бо онҳо ҳеҷ чиз рӯй намедиҳад. Мо гумон мекунем, ки бо наздикони мо агар бадбахтие рух диҳад, мо ҳатман бояд онро ҳис кунем. Ман бошам ҳеҷ чизро ҳис намекардам.

Сию шаш соати дигар пурмашаққат буданд. Вақте ки ман то Коламбин расидам, садҳо волидон ва хешони ҳушгумшуда, полис ва миначиён, репортёрҳо ва бекорхӯҷаҳо дар гирди мактаб ҷамъ шуда буданд. Ин издиҳоми ҳақиқӣ буд.

Воқеаҳои ба мо маълум дар бораи ҷиддӣ будани ҳодиса мегуфтанд, аммо ҷузъиётҳои муқобилро якҷоя кардан бисёр мушкил буд. Мо фақат он чизро аниқ медонистем, ки дуто марди яроқдор ба мактаб даромада, хонандагонро маҷбур карданд, ки дар рӯи замин хоб кунанд; дар ин ҳол онҳо тир мепарронданд. Ҳама дар тӯдаи ҳушгумшуда касеро меҷустанд, одамҳо гиря мекарданд, дуо мекарданд, ҳамдигарро ба оғӯш мегирифтанд ё меистоданд. Онҳо бо карахтӣ саҳнаи бетартибонаеро, ки дар пеши онҳо кушода мешуд, мушоҳида мекарданд.

Инак, дар охир, қисми волидонро, ки фарзандонашон дар Коламбин мехонданд, ба мактаби ибтидоие ки дар наздикӣ буд, равон карданд, то ки дар он ҷо онҳо хабарҳои полисро интизор шаванд, боқимонда дар китобхонаи шаҳрӣ ҷамъ шуданд, зеро Ливуд

наметавонист чунин миқдори зиёди одамонро ҷой диҳад. Вазъият амалиётҳои ҳарбиро ба хотир меовард. Ба зудӣ рӯйхати захмдорон ва онҳое ки осеб надиданд, пайдо шуд. Базӯр нафас кашида, ман аз як гурӯҳи хонандагон ба дигар гурӯҳ худро мепартофтам, номҳои Крис ва Кессиро бо овози баланд дод мезадам, бо умеди фаҳмидани он ки оё ягон кас онҳоро дидааст, дар айни замон, ман хабарҳои омадаро мушоҳида мекардам. Дар бораи ба ҳудуди мактаб даромадан сухан ҳам набуд — ҳамаи шаҳрчаи мактаб бо ҳалқаи сахти полиси яроқдор муҳосира шуда буд.

Ба зудӣ, баъди нисфирӯзӣ Крис пайдо шуд: вай аввал ба хонаи ҳамсояи дар назди мактаб буда гузаштааст ва баъд ба хона давида омадааст, ки он ҷо Брэд дар назди телефон шиштагӣ буд. Шавҳарам ба ман занг зад. Якчанд лаҳза ман сабук нафас кашидам. Шукр ба Худо: ҳоло ба мо фақат як кӯдакро ҷустан даркор буд. Вале ин сабукӣ якчанд дақиқа давом кард, бисёр не. Баъд фикрҳои ман ба Кесси баргаштанд. Духтари ман дар куҷост?

Бисёр мактаббачаҳои гурехта наҷотёфтаро даррав ба автобусҳо савор карда ба ҷойҳои бехатар бурданд, дигарҳо мисли Крис худашон аз мактаб гурехтанд ва соатҳо гузаштанд, пеш аз он ки макони онҳоро ёфтанд. Захмдоронро (номи бисёрии онҳо номаълум монд) саросема мошинҳои „ёрии таъҷилӣ“ мебурданд.

Баъзе кӯдакҳо соатҳо дар ҳоҷатхонаҳо ва синфҳои бинои мактаб пинҳон мешуданд. Чӣ хеле ки мо дертар фаҳмидем, дигарҳо бошанд аз рехтани хун мемурданд. Қариб соати панҷ ба ҳамаи онҳое ки интизори хабаре дар бораи кӯдаконашон дар бинои китобхонаи шаҳрӣ буданд, гуфтанд, ки автобуси охирин бо матаббачагон аллакай аз мактаб баромад ва мо бояд онро дар назди Ливуд пешвоз гирем. Мо бо Брэд ва Крис, ки аллакай якчанд соат бо мо буд, ба мошин худамонро партофтем ва онро ҳай кардем, то ба Ливуд ҳарчи тезтар расем. Ба мо фақат даркор буд якчанд маҳалла гузарем, вале роҳ даҳшатнок буд. Қариб ҳамаи кӯчаҳое, ки ба мактаб мебурданд, маҳкам буданд ва онҳое ки барои ҳаракат кушода буданд, бо мошинҳои радиокомпанияи Денвер банд буданд. Дар болои сари мо чархболҳои телевизионӣ ғуррос мезаданд, аз пеш ва аз қафои мо садои сирена буд. Ҳаяҷонам ба дараҷаи охир расид, дили ман сахт мезад.

Дар охир мо ба Ливуд расидем. Аз мошин ҷаста ман аввал ба як тараф, баъд ба тарафи дигари кӯча нигоҳ мекардам, гарданамро дароз мекардам, то беҳтар бубинам. Автобус набуд. Мо интизор будем. Дақиқаҳо мегузаштанд. Мо аз як кунҷи кӯча

ба кунҷи дигари кӯча нигоҳ мекардем. Автобус набуд. Инак, мо фаҳмидем: ягон „автобуси охирин“ аз мактаб набаромад. Ман наметавонам ноумедии худро гуфта диҳам. То ҳол ман умеде доштам, вале ҳоло? Ман ҳис мекардам, ки маро фиреб карданд, мумкин нахоста, вале фиреб карданд, ва тамоман хаста будам.

Баъди якчанд ҳафта мо фаҳмидем, ки аллакай соати ҳашти он бегоҳ полисҳо боварӣ доштанд, ки ҳамаи кӯдакҳои ёфтнашуда мурдаанд. Вале онҳо дар бораи ин хабар надоданд, чунки ин маълумотҳо исботи пурра надоштанд, барои ҳамин ман ҳанӯз умеде доштам.

„Мумкин вай дар ягон ҷо пинҳон шудааст, — худро тасалло медодам ман. — Вай ҳама вақт зирак буд, мумкин вай ягон ҷои бехатарро ёфта бошад“. Ман умед доштам, ки вай захмдор ҳам бошад, фақат зинда бошад. Дар ҳар ҳол, агар ӯ захмдор бошад, ягон кас ба вай ёрдам мекунад. Фақат ҳамин шаб ӯ тоб оварад, то касе ӯро биёбад... Ҳақиқатан, умед — ягона чизест, ки дар ин хел ҳолатҳо моро нигоҳ медорад, ҳатто агар ин умед тамоман хира ҳам бошад.

Соати нӯҳу ним ман фаҳмидам, ки ин шиддатнокиро ман дигар бардошта наметавонам. Полис дигар ягон маълумоти навро намедод ва мо бо Брэд қарор додем ба хона равем. Ин маънои онро надошт, ки мо таслим шудем, ҳаргиз не. Боқимондаи шабро дар гирди Ливуд овора шудан маъное надошт. Баъди ба хона расидан Брэд ба болои боми анбори дар кӯча буда баромад. Вай мехост он чизе ки дар мактаб рӯй медод, бо чашми худ бинад:

> Аз боми анбор ман тамоми мактабро медидам.
> Ба воситаи дурбин ман тавонистам рост ба тирезаи
> китобхона нигоҳ кунам. Ман ҳарфҳои зардро дар
> курткаҳои кабуди кормандони ATF дидам, онҳо
> сарҳояшонро хам карда мегаштанд, дар хона гӯё чизеро
> меҷустанд. Ман намедидам, ки онҳо чӣ кор мекарданд
> ва фикр кардам, ки онҳо дар гирди мурдаҳо гашта,
> моддаҳои таркандаро меҷустанд. Дертар мо фаҳмидем,
> ки онҳо даҳҳо чизҳои таркандаро ёфтанд.

Қарибии соати ёздаҳ аз тарафи мактаб садои таркиш шунида шуд. Мо бо зинапоя ба ҳуҷраи Кесси давидем. Мо фикр мекардем аз тирезаи ӯ алов, дуд ё ягон чизро дида метавонем, вале ягон чиз дида намешуд. Ҳеҷ чиз, ба ғайр аз торикӣ, ки бо нури чароғакҳои мошинҳои полис ва сӯхторхомӯшкунӣ дар Пиерс Стрит халалдор мегардид.

Мумкин граната таркид. Ман аз тарс меларзидам. Агар Кесси ҳоло зинда бошад чӣ? Хастагӣ маро аз по мезад, ман кӯшиш мекардам хоб кунам, вале ин тамоман номумкин буд. Агар чашмонамро мепӯшондам, хоби даҳшатоварро медидам ва аз тарс ҷаҳида мехестам. Ман боз Кессиро медидам. Кессиеро, ки дар ҳоҷатхонаи торик лӯнда шуда, бароmадан наметавонист. Кессиеро, ки дар рӯи замин аз хунравӣ бемадор шуда буд; Кессиеро, ки сахт ёрдам мехост ва он намеомад. Чӣ хел ман мехостам ӯро ба даст гирам, сарашро сила кунам, сахт-сахт ба оғӯш гирам, бихандам ва гиря кунам! Даҳшати набудани вай, холӣ будани утоқи вай тамоман тоқатфарсо буд. Болишти Кессиро аз ҷойгаҳаш гирифта, бо рӯям ба он часпидам ва бӯй кашидам — бӯйи Кесси. Бӯйи кӯдаки ман. Ягон бор ин хел гиря накардаам.

Соати севу ними саҳар ман хестам ва либосҳоямро пӯшидам. Мо бо Брэд то кунҷи кӯчаи Полк, ки дар он ҷо мошини шериф истодагӣ буд, расидем. Фикр кардам ки ронанда ба мо чизи наверо гуфта метавонад. Мо мехостем ӯро пурсем, вале ӯ чизеро ғур-ғур кард, ки мо нафаҳмидем. Он вақт Брэд гуфт: „Гӯш кунед, ба мо росташро гӯед. Мо фикр мекунем, ки духтари мо ҳоло дар мактаб аст. Оё дар он ҷо ягон кас зинда мондааст?“ Ронанда ҷавоб дод: „Хайр, росташро ба шумо мегӯям. Он ҷо зинда ягон кас нест“.

Ҳатто ҳоло, ки вазъият тамоман ноумедона шуда буд, ман ба таслимшавӣ тайёр набудам. „Ҳама вақт имконияти дар ягон ҷо пинҳон будани ӯ мемонад, — гуфтам ман ба Брэд. — Мумкин ӯ захмдор аст, вале дар касалхона ӯро ба рӯйхат нагирифтаанд. Он хабарҳое ки инҳо мегӯянд, маънои онро надорад, ки онҳо ҳақиқатан ҳама чизро медонанд“.

Фақат баъди 22 соат, рӯзи панҷшанбе ман маҷбур шудам таслим шавам. Қарибии соати дуи шаб телефон занг зад. Корманди офиси муфаттишӣ, ки ин бадкирдориро тафтиш мекард, ба мо он хабареро, ки аз он ин қадар метарсидем, расонд. Мурдаи Кесси шинохта шуд. Ҳоло ҳеҷ чизи дигар намонд, фақат он ки духтари мо ҳақиқатан рафтааст ва дигар ягон бор ба хона барнамегардад. Вале чӣ хел модар метавонад ин чизро қабул кунад? Ман боз ва боз гиря мекардам.

⁕ ⁕ ⁕

Чӣ хеле ки ба ман баъд нақл карданд, субҳи ҳамон рӯз қарибии соати ёздаҳу понздаҳ дақиқа Кесси бо борхалта бар китфаш ба китобхонаи мактаб даромад, то ки вазифаи хонагии худро аз

англисӣ иҷро кунад — порчаеро аз „Макбет“ бихонад. Кристел, дугонаи наздики ӯ ҳам дар китобхона буд:

> Мо мисли ҳарвақта бо Сара ва Сет ба китобхона барои тайёрӣ омадем. Баъди панҷ дақиқа муаллим даромада, дод зад, ки дар толор ким-кадом ҷавонҳои яроқдор ҳастанд. Аввал мо фикр кардем, ки ин шӯхиҳои бачаҳои синфҳои боло аст. „Ором шавед, — гуфт Сет, — онҳо девонагарӣ мекунанд“. Вале дар ҳамин вақт садои тир баромад, аввал дар толор ва баъд ин садо наздиктар ва наздиктар шуд. Хонум Нелсон дод зад, ки ҳама дар таги мизҳо пинҳон шаванд, вале ҳеҷ кас ӯро гӯш намекард. Ногаҳон бачае давида даромад ва ҳамон дам ба замин ғалтид. Тамоми китфи ӯ пури хун буд. Мо ҳама таги миз пинҳон шудем. Хонум Нелсон номери 911-ро гирифт. Ман сахт меларзидам, барои ҳамин Сет маро ба оғӯш гирифт. Дар паҳлӯи мо Сара буд ва маро аз поям медошт. Дар ин вақт ба китобхона Эрик ва Дилан даромаданд. Онҳо тир мепарронданд ва мегуфтанд: „Мо ин лаҳзаро тамоми умр интизор будем“ — ва баъди ҳар тир парронда хурсандона дод мезаданд.
>
> Он вақт ман намедонистам, ки онҳо кистанд, — номҳои онҳоро ман баъд фаҳмидам, вале садои онҳо даҳшатнок буд. Дар айни замон онҳо хушбахт менамуданд, мисле ки ягон бозӣ мекарданд. Онҳо ба назди мизи мо омаданд ва бо зарбаи по курсиро чаппа карданд, ки он ғалтида, дастамро зад ва Сараро бар сараш зад. Ва ҳоло онҳо рост дар болои мо истодагӣ буданд. Аз тарс ман базӯр нафас мекашидам. Ногаҳон онҳо аз китобхона баромаданд, ба фикрам, тирҳои онҳо тамом шуданд. Дар ҳамин вақт мо гурехтем. Мо ба пеши дар давидем, ба баромадгоҳи эҳтиётӣ, андаке пештар аз он ки онҳо баргарданд, мо баромадем.

Аз ин лаҳза Кристел Кессиро аз назар гум кард ва ҳар хел тафсирҳо дар бораи рафтори Кесси ҳастанд. Яке аз мактаббачагон ӯро дар таги миз дидааст: ӯ дуо карда шиштагӣ буд; дигарҳо мегӯянд, ки вай дар курсӣ шиштагӣ буд. Ҷош, донишҷӯи курси якум, якчанд ҳафта баъди аз ин фоҷиа ба ман гап зада, гуфт, ки ӯро тамоман надидааст, вале он чизеро ки шунидааст, ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунад. Ҷош камтар дуртар аз Кесси пинҳон шудааст.

Ман ҳеҷ чизро намедидам, вақте ки ин бачаҳо ба Кесси наздик шуданд, вале ман садои ӯро шинохтам. Ман ҳама чизро бо диққат гӯш кардам, мисле ки онҳо тамоман ба ман наздик буданд. Яке аз онҳо пурсид, ки оё вай ба Худо боварӣ дорад. Вай аввал гап намезад, гӯё ки намедонист чӣ ҷавоб диҳад ва баъд ҷавоб дод „Ҳа“. Вай мумкин бисёр сахт метарсид, вале овози ӯ намеларзид. Овози ӯ қатъӣ буд. Онҳо пурсиданд барои чӣ, вале ба ӯ имконияти ҷавобро надоданд. Онҳо ӯро дар ҷояш куштанд.

> Барои чӣ онҳо ин саволро фақат ба Кесси доданд, Ҷош инро ба худ чунин мефаҳмонд: мумкин онҳо диданд, ки ӯ дуо мекард.
>
> Ба дигарон, ки дуо намекарданд, сабабе нест ки саволро диҳанд. Вай бошад бо онҳо гап намезад. Ман то он вақте ки онҳо дар китобхона буданд ва гап мезаданд, онҳоро мешунидам. Аввал онҳо ба назди Исайя омаданд — ӯро масхара мекарданд, — ӯро сиёҳпӯст меномиданд, ва баъд ӯро куштанд. Дар ин вақт онҳо механдиданд ва чапак мезаданд. Ҳамаи ин барои онҳо бозии шӯхе буд. Вақте ки онҳо баромаданд, ман аз ҷоям ҷастам, дасти Британиро доштам, ва мо гурехтем. Дар ёд дорам чӣ тавр ӯро тела додам ва худам аз қафои ӯ ҷастам…

Аввалин касе аз намояндагони ҳукумат, ки ба ҷои ҷиноят омад, Гари буд, аъзои калисои мо ва муффатиши департаменти шерифи графии Ҷефферсон:

> Ба мактаб даромада, мо ба ҳафт гурӯҳ ҷудо шудем. Кушташудагон тамоми шаб дар он ҷо буданд, чунки барои муффатишон муҳим буд, ки ҳама чиз ба протокол навишта шавад, пеш аз он ки онҳо ба ҷамъ кардани далелҳо сар кунанд. Ба китобхона даромада, ман Кессиро дидам ва ҳамон дам ӯро шинохтам. Вай дар таги миз ҳамроҳи дигар духтар хобидагӣ буд. Кесси бо тир ба сар аз масофаи бисёр наздик кушта шудааст. Ҷои захм нишон медод, ки вақти паррондан даҳони мил ба пӯсти ӯ мерасидааст. Мумкин ӯ бо дасташ мехост худро ҳимоя кунад, чунки нӯги як ангушти ӯ бо тир паридааст, вале дигар ба ҳеҷ чиз ӯ вақт пайдо накард. Марг якбора расид.

Ҳар рӯзи мегузашта боз бисёртар моро аз 20 апрел дур мекунад, вале тафсилот ҳеҷ намехоҳанд тира шаванд. Баъзан онҳо ҳамин хел ба ёд мебиёянд, ки гӯё ҳамаи ин дирӯз ба вуқӯъ омадааст. Духтурҳо мегӯянд, ки мағзи сар метавонад дардро фаромӯш кунад, эҳтимол ҳамин хел бошад. Вале дил — оё дил фаромӯш мекунад? Ва агар дар ягон ҷое, дар гӯшаи тинҷи ҳуш, ягон оромие ёфтан мумкин бошад, фақат дар он лаҳзаҳои хушбахтие, ки моро ҳамчун оила дар он ҳафтаи охирини зиндагии Кесси муттаҳид мекарданд. Худ ба худ онҳо хеле ночиз ҳастанд, вале аҷоиб он ки ба онҳо часпида, дар хаёлам мехоҳам боз ва боз онҳоро аз сар гузаронам.

Якчанд ҳафта пеш мо бо Брэд кӯдакҳоро ба таътили баҳорӣ, ба Брекенриҷ бурда будем. Азбаски мо дар дастамон чиптаҳои истифоданабурдаро доштем, мо қарор додем ба Крис ва Кесси иҷозат диҳем як рӯз сайругашт кунанд (Мо „ягон бор“ ин хел намекардем), то ки чиптаҳо беҳуда ҳайф нашаванд. Онҳо рӯзи панҷшанбе ба Брекенриҷ равон шуданд. Ман нигоҳ мекардам, чӣ хел онҳо бо сноубордҳои худ мерафтанд ва фикр мекардам, ки ман бо бародарам ягон бор ба ин монанд ҳеҷ чиз намекардем. Чӣ хел хуб аст, ки кӯдакҳои мо чунон наздик ҳастанд, ки бо он чи дӯст медоранд, якҷоя машғул шудан барояшон маъқул аст!

Рӯзи ҷумъа онҳо ҳар дуяшон ба мактаб баргаштанд, рӯзи шанбе бошад дар мактаб шабнишинӣ буд. Кесси мисли дугонаи беҳтаринаш Аманда ҷавони шинос надошт, ба ин нигоҳ накарда, духтарҳо қарор доданд, ки хурсандӣ кунанд:

> Мо ба шабнишинӣ рафта наметавонистем — мо бетолеъ ҳастем ва мо шинос надоштем, вале ҳамон бегоҳ фирмае ки дар он модари ман кор мекард, дар Марриотт шабнишинии калонро ташкил мекард, барои ҳамин мо бо Кесси қарор додем худамонро оро дода, ба он ҷо равем. Мо вақтро дар хушҳолӣ гузарондем.

Рӯзи шанбе дар бевақтии шаб, Кесси ба ман аз Марриотт занг зад, то хабар диҳад, ки вай сиҳат аст ва вақташро бо Аманда ва бо модари ӯ Ҷил мегузаронад. Вай мехост як сари қадам ба хона дарояд ва баъд ба базми мактабӣ низ равад. Ба зудӣ вай бо Аманда аз як хона ба хонаи дигар даромада, дарҳои шкафро сахт-сахт мезад, — ӯ бояд либосҳояшро дигар мекард. Вай ба ман гуфт, ки барвақт ба хона мебиёяд, чунки ӯ бо Аманда намедонанд дар он ҷо ҳама чӣ тавр мегузарад. Вай ба хона соати шаши саҳар баргашт.

Рӯзи душанбе ҳама вақт рӯзи душанбе аст. Дарсҳои Кесси бисёр мешуданд, чунки вай тамоми рӯзи истироҳат ҳеҷ чиз намекард. Одатан рӯзҳои душанбе Кесси бо кӯдаки дӯстони ман мешинад, вале ҳамон рӯзро онҳо бе ёрдами ӯ гузаронданд. Мо ҳама якҷоя хӯрок хӯрдем. Баъди хӯроки шом вай ба дарстайёркунӣ нишаст.

Ин бегоҳи охирини зиндагии Кессиро ба хотир оварда, ман ҳама вақт ӯро дар ошхона шиштагӣ мебинам. Вай, албатта, ҳамаи вазифаи хонагиашро иҷро кардан наметавонист ва ман ба ӯ ғур-ғур мекардам. Ҳоло ки ӯ нест, ба ин иқрор шудан бисёр дарднок аст. Он чизро ҳам иқрор кардан дарднок аст, ки муносибатҳои мо хуб буданд, аммо намунавӣ набуданд, на ҳамон бегоҳ, на тамоман. Вале акнун дар бораи беҳтар кардани онҳо фикр кардан хеле дер шудааст. Масхараи аз ҳама бераҳм аз он иборат аст, ки мо Кессиро ҳеҷ ин тавр аз даст намедодем, агар барои наҷоти ӯ кӯшиш намекардем — ӯро ду сол пеш аз мактаби дигар, ки дар он ҷо вай дар синфи 9-ум мехонд, ба Коламбин гузарондем. Он вақт муносибатҳои мо бо Кесси фақат зиддиятро нишон медоданд; барои мо як ғалабаи майдае буд, агар мо ӯро аз мактаб ба хона оварда, дар ошхона, дар сари миз шинонем ва ҳамчун оила хӯрок хӯрем, ё ӯро водор намоем, ки дарсҳоро тайёр кунад.



# Духтари дада

Бисёр чиз метавонад интизор шавад.

Кӯдакҳо – не.

Имрӯз устухонҳои онҳо ба шакли

муайяне медароянд,

хуни онҳо ташаккул меёбад,

ҳиссиёти онҳо инкишоф меёбанд.

Ба онҳо гуфта наметавонем: „пагоҳ“.

Номи онҳо – имрӯз.

Габриела Мистрал

# 2. Духтари дада

Кесси 6 ноябри соли 1981 таваллуд шудааст. Қариб 5 ё 6 мил дуртар аз он ҷое ки вай таваллуд шудааст, мо баъди 17 сол ӯро ба хок супоридем. Кӯдаки аввалини мо дар ман он муҳаббати чуқуреро, ки ҳар як зани бепарворо ба модар табдил медиҳад, бедор кард. Вале боз оличанобтар он ҳаст, ки вай инчунин зиндагии Брэдро ҳам дигар кард. Ҷавонҳое ҳастанд, ки зан мегиранд, кӯдак меёбанд, баъд ошиқ мешаванд — ана бо ҳамин тартиб. Агар барои ягон кас ин ҳақиқат бошад — ин барои Брэд аст. Аммо бигзор ӯ худаш нақл кунад.

> Мо бо Мисти моҳи августи 1980 тӯй кардем ва аллакай дар муддати 3 моҳи аввал ман аз вай фақат як чизро мешунидам — кӯдак. Вай монанди девона кӯдакро мехост. Ман ин қадар шитоб намекардам, ки оилаи калонро ташкил кунам. Ман мехостам дукаса бо Мисти як-ду соли дигар зиндагӣ кунам. Вале баъди 6 моҳ вай ҳомиладор шуд. Одатан онҳое ки кӯдаки якумро интизор мешаванд, хурсандӣ мекунанд, вале маро ин чиз он қадар хурсанд намекард. Шояд ин хабар ҳатто алами маро меовард, чунки барои ман чизи дигар шавқовар буд, вале ин ҷо кӯдак.
>
> Чӣ қадаре ки ҳомиладорӣ пеш мерафт, ман ҳамон қадар тоқатшиканӣ мекардам. Ман Мистиро бисёр хафа мекардам. Ба қафо нигоҳ карда мебинам, ки қариб ӯро аз худ дур мекардам — ман намефаҳмидам, ки барои чӣ вай ин хел тағйир ёфтааст, барои чӣ вай худро бад ҳис мекунад. Ман тамоман сахтдил будам.
>
> Ва инак рӯзи таваллуд кардан расид ва вақте ки ман пайдошавии Кессиро аз шикам дидам — маҳз дар он вақт ҳис кардам, ки тамоман дигар хел шудам, одами нав. Ногаҳон ҳис кардам, ки ман ба кӯдаки худ ва ба зани худ ошиқам. Ҳама чиз ҷо ба ҷо шуд: ман фаҳмидам, ки Мисти аз чӣ чизҳо гузашт ва аз корҳои худ пушаймон шудам, ки ӯро ин қадар азоб медодам.

Кӯдакчаамон ҳаяҷоновар буд. Мехостам ҳама чизро худам барои ӯ кунам. Ман бисёр дӯст медоштам, ки рухсораҳо, китфакчаҳои ӯро навозиш ва бӯса кунам. Ман шахсан бо дастҳои худам парпечи якуми ӯро дигар кардам. Ин корам ба касалбонон таассуроти калон бахшид — онҳо як нишонаи майдаи тиллоиро хариданд — „суперпадар“ — ва онро ба куртаи ман халонда монданд. Сарпӯши тобути Кессиро ҳам ман пӯшондам. Барои ман инро бо дастҳои худам кардан бисёр муҳим буд.

Вақте ки Кесси гаваккаш буд, вақти ба кор рафтанам аз қафоям гавак кашида меомад, дар пеши дар бисёр сахт гиря мекард. Вай намехост маро сар диҳад ва ман ҳам дӯст намедоштам аз назди ӯ биравам. Он вақт ман дар Мартин-Мариетта то соати дувоздаҳ кор мекардам, ҳатто дар рӯзҳои истироҳат ҳам, барои ҳамин вақтро бо ӯ бисёр кам мегузарондам.

Баъд дар оилаи мо маросими саҳарӣ пайдо шуд: ман ӯро соати панҷуним бедор мекардам, баъд ба кор мерафтам. Вай дар даруни кӯрпа печондагӣ буд ва ман ӯро мебӯсидам, барои ӯ суруди хурдро мехондам ва мегуфтам: „Хай Кесси, то бегоҳ“ . Вай сарашро меҷунбонд, мисле ки мегуфт: „Хайр, дада“.

Бо ҳам будан барои мо бисёр маъқул буд. Ман ба зону менишастам ва аз қафои ҳамдигар дар тамоми хона медавидем. Ман пойи майдаяки ӯро медоштам ва ба худ мекашидам, вай механдид. Ин ба ӯ бисёр маъқул буд. Мо ба ӯ коляскаи сурхи майдаро харидем ва ман бо ин коляска ӯро ҳар ҷо мебурдам. Ба ӯ ин коляска бисёр маъқул буд.

Вақте ки Кесси 6-моҳа шуд, ман ӯро ҳамроҳам дар мотосикли кӯҳнаам ба сайругашт мегирифтам. Ман худам ва ӯро барои бехатарӣ бо тасма мебастам ва мо мебаромадем. Ман ӯро ба теппаҳои калон мебурдам, мумкин инро кардан даркор набуд, вале ин барои ӯ бисёр маъқул буд. Одатан дар охири саёҳат ӯ сарашро ба китфам мемонд ва ӯро хоб мебурд. Ҳамин хел мо то хона мерасидем.

Мисти ҳама вақт метарсид, ки дар ин сафарҳо бо кӯдак ягон чиз рух медиҳад, ва рӯзе ман дар ҳақиқат

> Кессиро ғалтондам, вале ин камтар дертар буд. Кесси он вақт қариб 5-сола буд, Крис 3-сола. Ман ҳар дуяшонро гирифтам, Крис дар пешам шиштагӣ буд, Кесси аз қафо. Роҳ бисёр пурлой буд, мо хеле оҳиста мерафтем. Бо ҳар ду пойям кӯшиш мекардам баробарвазниро нигоҳ дорам. Мо аз ин лой гузаштем, ва дар ин ҷо, чуноне ки ман ҳозир фикр мекунам, дар роҳ гил пайдо шуд. Ногаҳон чархи қафо ба тарафи дигар лағжида, мотосикл яктарафа шуд ва мо ҳама ғалтидем, Крис бо рӯяш ба лой ғалтидагӣ буд, Кессиро корпуси мотосикл аз буҷулаки пойяш болотар задааст. Вақте ки ман онҳоро аз лой баровардам ва ба пой мондам, дидам, ки Кесси ким-чӣ хел аҷоиб истодааст. Вай гиря намекард, шикоят ҳам намекард, эзорчаи ӯро камтар боло карда, дидам, ки пойи ӯ каҷ (хам) аст. Ман пойи ӯро шикаста будам. Ягон бор дар умрам дар чунин ҳолати даҳшатнок наафтида будам, дили ман қариб мекафид. Ҳар ду кӯдакро, ки аз сар то по лойолуд буданд, дошта, тез-тез давидам — давидан бошад якчанд квартал даркор буд — то хонаи дӯстони мо Рик ва Лори. Лори зуд Крисро ба ҳаммом барои шустани ифлосӣ бурд, Рик бошад маро ва Кессиро ба дармонгоҳи маҳаллӣ бурд, ки дар он ҷо сурати рентгенӣ карданд ва гипс монданд (маълум шуд, ки ду устухонаш шикастааст). Ин як даҳшате буд.
>
> Мисти ба дармонгоҳ омад ва дар қабулгоҳ моро интизор шуд. Кессиро дида, вай гиря кард. „Гиря накун, модар, ҳама хуб мешавад“ — гуфт Кесси. Вале шаб ӯ чунон дардро ҳис кард, ки мо тамоми шаб бо ӯ нишастем.

Ҳар ҳодисае, ки ман дар хотир дорам, ду таърих доранд, ки онҳоро Брэд нақл карда метавонад. Ана, мисол, гурбачаи якуми Кесси, Палангча, ки вайро ӯ ҳама вақт бо худ ба ҳама ҷо мебурд; баъд Брэд дар иди Фисҳ ба ӯ мурғобичаеро харид (Ҷенк), ки вай тез ба мурғобии калону хушрӯй табдил ёфта, дар ҳавлӣ боҳимматтона қадам мезад. Инчунин мо лабрадори сиёҳ доштем, Скемпер, ки Кесси ва Крис бо вай ҳамчун бо асп сайругашт мекарданд. Вай дароз мекашид ва думашро меҷунбонд ва онҳо аз мӯяш дошта, ба болояш мебаромаданд ва дар пушти ӯ бозӣ мекарданд.

Вақте ки Брэд таъмири хонаро тамом кард, вай як қуттии пур аз меххҳое дошт, ки Кесси онҳоро дар рӯи замин холӣ карданро дӯст медошт. Баъд ӯ бо гурба дар дасташ, дар хона мегашт, меххҳоро бардошта боз ба ҷояш ба қуттича мемонд.

Дар синну соли боғчагӣ ё дар синфи якум — Брэд мехост ба ӯ асосҳои алгебраро ёд диҳад, фақат мехост бифаҳмад, ки чӣ хел ӯ қабул мекунад. Брэд ба ӯ ҷамъкуниро мефаҳмонд (вай дандонтозакунакҳо, кордҳо ва қошуқҳоро мемонд ва аҷиб, ки Кесси ҳама чизро мефаҳмид). Онҳо ба зудӣ ба ҳарфҳо гузаштанд.

Оббозӣ ба ӯ бисёр маъқул буд ва мо ӯро ба ҳавзи дар ҳавлиамон буда мемондем. Вақте ки ӯ ба синни наврасӣ расид, мо ӯро ба Гленвуд-Спрингз, шаҳрчае дар кӯҳҳои харсангӣ, ки дар он ҷо ҳавзҳои калони пур аз сарчашмаҳои табиӣ буданд, бурдем.

Кесси инчунин моҳигирӣ ва ба кӯҳ баромаданро дӯст медошт. Ин шавқ дар ӯ се сол пеш, вақте ки мо бо оилаамон ба кӯҳҳо рафтем, пайдо шуд. Ба фикрам, ин машғулияти дӯстдоштаи ӯ шуд, махсусан, баъди он ки онҳо бо Крис тайёриро гузаштанд ва дар маркази кӯҳпаймоӣ дар Брекенриҷ сертификат гирифтанд.

Кӯдакии Кессиро ба хотир оварда, ман дар он ягон чизи ғайриоддиро намебинам. Ҳар як модар вақти тамоман майда будани кӯдаконашро бо як гармие ба хотир мебиёрад. Ва ҳоло ки ӯ нест, ман муҳим будани ҳар дақиқаҳое ки бо кӯдаконам мегузарондам, мефаҳмам. Ман медонам, ин ҳамчун ибораи забонзад садо медиҳад, вале ин чунин аст. Вақте ки дар ошхона ҳама партофтагӣ, телефон занг мезад, вале кӯдакҳо бошанд санги сари роҳ мешаванд, ба осонӣ қаҳри мо мехезад ва ба сари кӯдакон дод мезанем. Ин хел лаҳзаҳо ногузир ҳастанд: ба ҳар ҳол шумо ҳатман бояд барои кӯдакон вақт ёбед. Пеш аз он ки шумо инро мефаҳмед, лӯндачаи чорсола ба ҷавони бадқавоқ табдил меёбад, ки ҳузур доштани шуморо дар хона ба назар намегирад. Агар ин ёддоштҳои хушбахтонае, ки мо ба онҳо такя мекардем, намебуданд, ман тамоман тасаввур намекунам, ки бо мо чӣ мешуд, вақте ки ӯ ба синни наврасӣ расид.

Маҳз ба онҳо такя карда, мо тавонистем аз нав муҳаббати худро равшан кунем.

✻ ✻ ✻

Вале хотираҳо ин як чиз, хобҳо дидани мо — дигар. Аз хобҳои бад сар мекунам. Се ҳафта пас аз марги Кесси, аввали моҳи май ман якум бор кӯшиш кардам бе дору хоб кунам. Ин пурвоҳима буд, даҳшатҳо паси ҳамдигар. Аввал ман Кессиро бо сар ва синнаи

бастагӣ дидам. Вай табассум мекард ва ба духтурҳо, ки ӯро меоварданд, мегуфт, ки бо ӯ ҳама хуб мешавад. Намуди зоҳирии ӯ ҳақиқатан нишон медод, ки ӯ зинда мемонад. Вале баъди ин ба ман хабар расонданд, ки вай ногаҳон мурдааст. Ин тамоман аз тоқат берун аст: охир, ман ҳозиракак боварӣ пайдо кардам, ки ӯ зинда мемонад.

Баъд худамро дар мағозае, дар як ҷои нооромӣ Денвер мебинам: ман дар воҳима ҳастам, чунки ман бояд зудтар аз ин ҷо Кессиро ба ҷои бехатар барам. Аз ин хоби даҳшатнок бедор шуда, дигар хоб кардан қариб мумкин нест ва ман аз худам мепурсидам — бехобӣ хуб аст, ё чунин хоб? Ман ба хулосае омадам, ки бехобӣ хубтар аст: вақте ман хоб нестам, чӣ хеле ки мехоҳам, ҳамон хел бароям тасаввур мекунам: зинда, хурсанд, зебо. Дар хоб бошад рӯйи вай ҳама вақт дар ваҳм аст, вақте ки вай мехоҳад худро аз даҳони мил, ки ба сари ӯ монда шудааст, муҳофизат кунад. Ҳатто вақте шумо мефаҳмед, ки тарси шумо — фақат самари тасаввуроти шумост, аз онҳо халос шудан осон нест. Баъзан сагҳо якчанд соатҳо ором намешаванд, аз пушти девор мегарданд, бо чанголҳои худ хишир-хишир мекунанд. Ақли ман мегӯяд, ки ин санҷоб ё мири мушон аст, вале дили ман сахт-сахт мезанад, ман дароз кашида, ба садоҳо гӯш медиҳам, фикр мекунам, ки ягон кас ба хона наздик шуда истодааст. Вақте ки мактаб ду қадам дуртар аз ҳавлии шумост ва овозаҳое мераванд, ки кушандагони Кесси фақат ду нафар набуданд, хоҳ-нохоҳ фикр мекунӣ: Чӣ қадар ҳоло монанди Эрикҳо ва Диланҳо ҳастанд. Баъзан чунон мушкил мешавад, ки ман тайёр ҳастам, хонаро фурӯшам ва ба ягон ҷои дигар кӯчида равам. Дар чунин ҳолатҳо навозиши Брэд даркор мешавад, то маро розӣ кунонад, ки ҳама чиз хуб мешавад.

Ман шунида будам, ки беҳтарин роҳи халосӣ аз тарс — рӯ ба рӯ шудан бо он чизе мебошад, ки ин тарсро пайдо мекунад. Чунин таҷрибаро ду бор дар муддати якчанд ҳафтаи охир гузарондам, ба фикрам, ман бо ин чиз розӣ шудан мегирам. Ин усул худ ба худ дардманд аст, вале ягона имконияте мебошад барои ҳақиқати сахтро пешвоз гирифтан.

Мисоли аввал — зиёрати қабристон. Агар аз он ки фарзандатро ба қабр мемонанд, дардноктар чизе бошад, ин ҳамон ҳолатест, ки баъд фаро мерасад. Хешовандон мераванд, ва ту он ҷо танҳо мемонӣ ва гиря мекунӣ. Чизе дар вуҷудат туро рафтан намемонад — дар ҷоят мурдан мехоҳӣ, то ки ҳамроҳи духтарат бошӣ: вале

сонияи дигар ба худ мебиёям ва барои ором шудан ба худам мегӯям: ту бо ӯ ҳастӣ, ӯ туро мебинад, вай медонад, ки ту мисли ҳарвақта ӯро дӯст медорӣ ва дар бораи ӯ фикр мекунӣ.

Як чизи дигар дар қабристон ба ларзиш мебиёрад — фикре ки вақт ҳамаи он чизеро, ки барои мо муҳим ҳаст, беқадр мегардонад. Ҳақиқатан ҳам дар пеши марг ҳама баробаранд. Дар пушти 70–80-солаҳои бисёр муваффақиятҳои калон ҳастанд, дар ҳоле ки бисёрии ҳабдаҳсолаҳо тавонистанд чизи каме кунанд. Кесси ҳатто натавонист мактабро тамом кунад.

Моҳиятан дарозии зиндагӣ он қадар маънои калоне ҳам надорад. Ба фикрам дар яке аз таронаҳои Забур гуфта шудааст: „Зеро ки ҳар ҷисм мисли алаф аст...“ (1 Пет. 1:24). Ман барои худам дар ин суханҳо оромӣ меёбам.

Ба ман даркор буд боз аз як садди асабӣ гузарам — якум бор баъди марги Кесси ба Коламбин равам. Ҳафтаҳои аввали баъди фоҷиа мактабе, ки дар ду қадам роҳ аз хонаи мо воқеъ буд, барои мо ҳамчун қалъаи бадҳайбат тасвир мешуд. Баъзе вақтҳо ман девона мешудам, вақте ки он куштори хуниро, ки дар худи пушти девори мо мегузашт, тасаввур мекардам. Вале ба он ҷо рафта, ман тавонистам худро нигоҳ дорам, шояд барои он ки ман ба чизи бадтарин тайёр будам. Мо бо Брэд волидони аввалине будем, ки ҷои фоҷиаро дидем. Моро ду муфаттиш ва Рейчел, ки аз тарафи ҳукумат ҳамчун адвокати зарардидагон таъин шуда буд, ҳамроҳӣ карданд.

Дар ҳама ҷо пайи тир, доғи хун, шишаҳои шикастагӣ. Дар толорҳо ва синфхонаҳое, ки гранатаҳо тарконда буданд, мебели шикаста, деворҳо ва пол бошад бо сиёҳии дуд пӯшонда шудаанд. Гоҳ дар ин ҷо, гоҳ дар он ҷо аз шифт чароғсарпӯшҳои обшудаи чароғҳои рӯзона овезон буданд, дар рӯйи пол бошад кӯлмакҳои лойолуди калон буданд, ки баъди хомӯш кардани алов мондаанд. Дар вақти ин сайругашти даҳшатнок ман карахт шуда, бо даҳони кушода нигоҳ мекардам.

Ба ҳар ҳол, баъд ман камтар ҳисси қаноатмандӣ пайдо кардам. Чӣ хеле ки Брэд ба касе гуфта буд: „Ҳоло мо медонем, ки Кессиро дар дақиқаҳои охиринаш чӣ иҳота мекард, ва хаёлоти мо моро дигар азоб намедиҳад“.

Ба ин нигоҳ накарда, бисёр чизҳо пештара барин моро ғамгин ва ҳайрон мегардонанд. Калисои мо ба хотири Кесси хаймаи сафеди шамъдор, гулҳо ва мизҳои пур аз номаҳо, нишонаҳои хотиравӣ ва хайрия монд. Дар худи ҳамон ҷо ким-кӣ як пуфаки калони зардро

мондааст, ки дар он ҷо рӯйи табассумкарда кашида шудааст. Як бегоҳ Крис бо дӯстонаш аз он ҷо гузашта, дидааст, ки дар пуфак касе бо қалами сиёҳ пайи тирҳоро кашидааст — мисле ки пуфак ба тир задагӣ аст. Крис музтариб шуда, пуфакро кафондааст. Барои мо ин ҳодисаро фаромӯш кардан бисёр мушкил аст.

Нӯҳ ҳафта баъд аз марги Кесси дӯстони мо дар боғ бо ҷавоне вохӯрданд, ки дар таги курткаи сиёҳи кушодашудааш футболкае бо чунин навиштаҷот буд: „Мо бо ҳисоби 13:2 ғолиб шудем“.

Чӣ хел иқрор кардан даҳшатнок аст, ки ҳатто баъди чунин фоҷиаи бераҳм бо мо одамони ин қадар бераҳм ва бешарм мемонанд. То он вақте ки бераҳмӣ ҳаст, боз чӣ қадар куштор ба вуҷуд мебиёяд? Як чиз ба ман ёрдам мекунад, ки ҳамаи ин чизро аз сар гузаронам — дарк кардани он ки дар азоби худ ман танҳо нестам, боз одамҳое ҳастанд, ки азоб мекашанд ва бо ғаму андӯҳи худ мубориза мебаранд, ва ба ман лозим аст, ки ба онҳо наздиктар бошам. Як ҷавон, ки дар китобхона зинда монд, ҷавони бақувват, ки ҳама вақт ба худаш мутмаин ба назар менамуд, то ҳоло наметавонад аз ҳолати садамот барояд, гарчанде аз рӯзи ҳалокат зиёда аз як моҳ гузашт.

Вай аз назари одамони бегона худро ба канор мегирад, вақти гап задан бошад ангуштонашро асабиёна ҳаракат медиҳад. На он қадар дур боз як ҷавони 16-сола зиндагӣ мекунад, ки вай ҳам аз даҳшатҳои шабона азоб мекашад. Вай дар хобҳояш мебинад, ки одамони яроқдор ба хонаи вай медароянд ва дар кати ӯ менишинанд, гарчанде ӯ дар Коламбин ягон бор нахондааст!

Аз рӯйи хабарҳои маҷаллаҳо бошад, якчанд духтарҳо аз ноҳияи мо шабона дар хонаҳояшон танҳо истодан наметавонанд — модарҳои онҳо маҷбуранд, ки ҳамроҳи онҳо хоб кунанд. Якчанд ҷавонон, ки каму-беш бо ин фоҷиа алоқа доранд, ба ман ва Брэд махсусан наздик шуданд. Ҳамсинфони Кесси, дӯстони ӯ аз калисо аз гурӯҳи ҷавонон ва дигарон ба хонаи мо барои гуфтугӯ, гузаштаро ба ёд овардан, бо ҳамдигар каме хӯрок хӯрдан, бо ҳамдигар нишастан мебиёянд.

Эҳтимол, моро як дард ва як ғаме, ки ҳар яки мо кӯшиш мекунем онро паси сар кунем, якҷо мекунад. Чӣ хеле ки набошад, фақат ҳузури онҳо маро рӯҳбаланд ва ором мекунад ва ман баъзан ҳис мекунам, ки садои занги онҳоро интизор ҳастам.

✳ ✳ ✳

Ман мехостам аввал дар бораи хобҳои бад нависам — ва навиштам.

Ҳоло дар бораи хоби хуш — Кесси дар базми хатмкунӣ, Кесси бо куртаи арусӣ дар калисо, Кессие ки ҳомиладор аст — чӣ қадар дардманд набошад ҳам, ин хобҳо оҳиста-оҳиста хира мешаванд: онҳо дигар ҳеҷ чиз намешаванд. Онҳо фақат хоб мемонанд.

Якчанд моҳ пеш аз марги Кесси мо дар бораи коллеҷ гап задем, фаҳмидем, ки Кесси нақшаҳои калон доштааст — вай мехост ба Англия, ба Кембриҷ барои хондан равад (акушер-гинеколог шавад). Ман ба ин бо як ғайрати паст нигоҳ кардам, махсусан, вақте фаҳмидам, ки танҳо барои як соли хониш 30 ҳазор доллар даркор будааст. Дар хотир дорам, ман ба ӯ гуфтам: „Кесси, маро бубахш, аммо ман метарсам, ки ту дар чунин оила таваллуд нашудаӣ“. Вале Кесси намехост дастро поён кунад: Ӯ ба Англия ошиқ шудааст, вақте ки ба назди хоҳари Брэд рафтагӣ буд, ва хоҳиши дар он ҷо хондани ӯ устувор буд.

Агар гап дар бораи хоҳиши мо бошад, то ки ӯ ба шавҳар барояд, кӯдак таваллуд кунад, он вақт Брэд ӯро масхара карда пурсид: „Кесси, вақте ки ту кӯдак меёбӣ, ту онҳоро ба пеши бобояш рафтан мемонӣ? Ту медонӣ-ку, чӣ хел ман бо кӯдакон муносибат карда метавонам, ман бо онҳо чӣ хел шӯхиҳо мекунам“.

Чунин сӯҳбатҳо ҳама вақт як хел тамом мешуданд: „Албатта, дадаҷон, аммо ман тамоман шавҳар намекунам. Ва ман ҳеҷ гоҳ кӯдакдор намешавам“.

* * *

Мегӯянд, ки ягон чиз бе мақсад намешавад — мумкин Кесси нақшаи Худоро иҷро мекард, ё эътиқоди худро ҳимоя карда ӯ барои паҳн кардани малакути Худо истифода шуд. Аз як тараф ман дар чунин фикрҳо оромиро меёбам. Онҳо ба он чизе ки баъзеҳо „фоҷиаи бемаъно“ меноманд, маъно медиҳанд ва ёдовар мекунанд, ки ҳаёти кӯтоҳ на ҳама вақт холӣ гузаштааст. Аз дигар тараф, ман аз маънидодҳо ва тафсирҳо монда шудаам, шунидан дар бораи дарсҳое, ки мо бояд аз ин ҳодиса гирем, ба дилам задааст. Ман мехоҳам дод занам: „Аммо барои чӣ ин бояд духтари ман бошад“. Мехоҳам ба ҳама гӯям, ки чӣ қадар марги Кесси маънои чуқур дошта бошад ҳам, аз ин ман он дарди сахти маҳрумшавиро гум намекунам.

Баъзан ман ҳатто аз Брэд ҳам хафа мешавам, барои он ки ӯ ба ҳамаи он чи бо мо рух дод, тез мутеъ шуд. Чӣ хел ӯ тавонист аз ӯҳдаи ин барояд? Брэд мегӯяд, ки бо марги Кесси розӣ шуд ва боварии бо Худо будани ӯ Брэдро тасалло медиҳад. Ин маънои

он надорад, ки ба боварии ӯ шарик намешавам. Вале эҳсос ин чизи доимӣ нест, ва ҳарчанд ман мефаҳмам, ки вақт ва дуо ягон вақт маро шифо медиҳанд, ман бо танҳоӣ ва озмоишҳо мубориза мебарам, то ки ба ноумедӣ нағалтам. Ман ҳоло то ҳадде ки Брэд расидааст, ба он нарасидаам.

Ман то куҷо расидаам? Оё ин мӯътадил аст, ки ҳар субҳ, якчанд моҳ баъди гӯр кардани духтарам, бо чашмони пур аз ашк бедор мешавам? Барои чӣ вақте ки баъди се ҳафтаи марги Кесси якум бор ба мағоза баромадам, ба назарам чунин менамуд, ки ҳамаи занҳои ҳомиладор, ки дар масофаи даҳ мил ҳастанд, дар он ҷо ҷамъ шуда, ҳисси модарии маро зинда мекунанд ва захми нави маро озор медиҳанд? Оё сустии хислати ман дар он дида мешавад, ки метавонам Кессиро якчанд лаҳза фаромӯш кунам, вале пас аз лаҳзае боз ӯро ёд мекунам? Ё дар он ки як нохушии майда сабаби ашки зиёде шуда метавонад, айнан дар он вақте ки фикр мекунам, ки ана як рӯзи хубро гузаронда метавонам?

Қисман инро ҳамчун садамоти талафи ногаҳон фаҳмондан мумкин аст — чилсола нашуда шумо дафни кӯдакатонро ташкил мекунед, ҳарчанд фикр мекардед, ки бо компанияҳои гӯркунӣ кордор намешавед, ақаллан то 60-солагӣ, вақте ки волидонро дафн кардан даркор мешавад. Ба ғайр аз ин, азбаски аз дақиқаҳои аввалин Коламбин саҳифаҳои аввали рӯзномаҳоро ишғол мекунад, бар шумо як тундбоди хабарнигорҳо, нашриётчиҳо, суратгирҳо ё некхоҳҳо меғалтад. Агар занги аввал аз одами ношинос дахолат ба зиндагии шахсии шумо нанамоянд ҳам, баъди занги бистум ба озмоиши сахти партофтани гӯшаки телефон дучор мешавед, ҳарчанд шахси занг задагӣ хушмуомила бошад ҳам.

Баъд кор дигар ранг мегирад. Тамоми ҷаҳони боқимонда ба пеш меравад, вале ман бо ҳар касе, ки мехоҳад маро гӯш кунад, мехоҳам дар бораи Кесси гап занам. „Шумо мефаҳмед, ман яке аз модароне ҳастам, ки фарзанди худро дар Коламбин гум кардаанд“. Ҳатто вақте ки шумо бошуурона мехоҳед фикрҳоятонро ба оянда гузоред, ҳолатҳо шуморо ба гузашта мебиёранд. Он вақте ки ман саҳар бо телефон бо адвокат сӯҳбат карда, муроҷиатнома ба суд дар бораи кушодани ҷасад тартиб медодам, дигар модарҳо ба тартиб додани нақшаҳо барои истироҳат банд буданд. Вақте ки ҳамсолҳои ман ба базм рафтанӣ мешаванд, ман боз ва боз муфассал ҳуҷҷати хулосавиро дар бораи марги Кесси меомӯзам („Сабаби марг: кушта шудааст. Сабаби бевосита: захми тир дар сар“ ва ғайра) ва мулоҳиза мекунам, ки

бо Крис чӣ кор кунем, боз ӯро ба Коламбин равон кунем? Ё ба мактаби хусусӣ диҳем? Дар хона таълим гирад? Барои ӯ чӣ беҳтар мешавад? Чӣ хел бехатар мешавад?

⁕ ⁕ ⁕

Шаби гузашта дар бистарам дароз кашида, садум бор кӯшиш кардам хоб кунам, вале боз фикрҳоям ба 20-уми апрел бармегаштанд. Ва боз маро фикр дар бораи лаҳзаҳои охирине ки Кессиро азоб медоданд, вақте ки мил ба сари ӯ мерасид, ӯ чӣ гуна даҳшати хунукро ҳис мекард, пахш мекард. Бар хилофи ҳар як мантиқ, ман боз худамро дар он айбдор ҳис мекунам, ки он вақт ман дар паҳлӯи ӯ набудам. Ман ҳис мекардам, ки ман модари ӯ — дар он соате ки бисёртар ба ӯ даркор будам, бо ӯ ҳамчун хоин рафтор кардам. Кошки ман метавонистам дар он ҷо бошам, то ки ӯро навозиш кунам, тасалло диҳам!

Вале ман наметавонистам ва маҷбур шудам, ки зоҳир кардани ҳамраъйии модарии худро то рӯзи дафн мавқуф гузорам. Аз мо хоҳиш карданд, ки „куртаи аз ҳама беҳтаринашро“ биёрем ва Кесси якчандто ин хел куртаҳо дошт, вале ӯ куртаро кам мепӯшид. Дар охир ман куртаи кабудеро, ки ӯ ҳама вақт мепӯшид, шимҳои кӯҳна, гарданбанд ва „мартинс“-и ӯро гирифтам. Ин Кесси буд.

Якум чизе ки ман ба ходимони бо мотам машғул буда, гуфтам, он буд, ки ягон чизи гулобӣ набошад. Кесси духтари дада буд. Ман кӯшиш мекардам, ки ҳатто садбарги гулобӣ ҳам набошад. Аммо вақте ки моро барои шинохтани ӯ оварданд, ки оё вай ба худаш монанд ҳаст ё не (ӯ монанд набуд), оё тобутро кушода монанд ё не, якум чизе ки диққати маро ҷалб кард — ин болопӯши абрешими гулобӣ дар даруни тобут буд. Мо шубҳа доштем, ки чодари гулобиро бо ранги дигар иваз кунем ё не, вале баъд қарор додем, ки чӣ хеле ки ҳаст, ҳамин хел монад, чунки тобут пӯшидагӣ буд.

Дар ин гуна ҳолатҳо намедонӣ гиря кунӣ ё бихандӣ. Хаёлан ман ба ӯ муроҷиат кардам: „Кесс, ман кӯшиш кардам ҳама чизеро, ки метавонам, иҷро кунам“.



# Вай навишт: „Куштан!“

Кӯдаки кӯрнамак доштан нисбат

ба газидани мор дардноктар аст.

В. Шекспир

# 3. Вай навишт: „Куштан!“

Се сол пеш, моҳи декабр, ду ҳафта пеш аз Мавлуди Исои Масеҳ, ман аз кор рафтам. Ман рӯзи пурраи корӣ дар шӯъбаи ҳуқуқии Локхи Мартин кор мекардам, вале то ин вақт шартномаи кории ман ба охир расид ва ман қарор додам, ки ин фурсати мувофиқест, то дар кор таваққуф кунам. Аз ҳама муҳим, ман мехостам вақтамро бисёртар бо кӯдакон гузаронам, нисбат ба он ки дар сари миз дар идора шинам. Ман худро ҳама вақт модари садоқатманд ҳисоб мекардам, вале ягон вақт имконият нашуд, ки ба онҳо чӣ қадаре ки мехостам, вақтро ҷудо кунам. Баҳоҳои мактабии Крис бадтар мешуданд, Кесси бошад, ба назарам рӯз аз рӯз аз мо дуртар мешуд.

Дар яке аз рӯзҳои аввале ки дар хона мегузарондам, танҳо шишта дар бораи беқобилиятии худ баҳри барқарор кардани муносибатҳо бо Кесси мулоҳиза мекардам ва ногаҳон ба ёд овардам, ки боре бародарам бо занаш ба Кесси Китоби Муқаддас — Аҳди Ҷадиди „наврасон“ бо иловаҳо тӯҳфа карданд, ки дар он ба хонандагони ҷавон маслиҳатҳо оиди муносибати онҳо бо волидон дода шудаанд. Бо умеди он ки барои худам як чизи фоидаовар ёбам, ман ба утоқи Кесси баромада, дар ҷевонаш китобро кофтам, лекин пеш аз ин мактубҳои зиёдеро дидам ва дар ҷоям шах шудам. Ин номаҳо зиндагии моро ба саҳнаи зишт табдил доданд, ки се моҳ давом дошт. Бе қувва ба курсӣ нишаста, хонданро давом додам. Яке аз номаҳое, ки ба Кесси аз тарафи дугонаи беҳтарини ӯ Мона (номи ӯро иваз мекунам) навишта шудааст, бо якчанд сатр алфози қабеҳе дар мавзӯи алоқаи ҷинсӣ, ғайбатҳои мактабӣ ва бадгӯӣ дар бораи яке аз муаллимаҳо, хонум Р. ва ҷумлаи: „Мехоҳӣ дар куштани ӯ ба ман кӯмак кунӣ? Вай ба волидайни ман занг зада дар бораи Ф нақл кард“ сар шудааст. Нома бо ёдрасӣ дар бораи „азоимхонии боқувват“, тасвири кордҳо, дандонҳои вампир, тасвири тамасхуромези хонум Р., ки дар кӯлмаки хунолуд бо кордҳои калон дар синааш хобидааст, ба охир мерасид.

Номаҳои зиёди дигар ҳам ҳамин тавр расмҳои маймун бо дандонҳои вампир, тирҳо, кордҳо, замбӯруғҳо, азоимҳо ва бандҳои қофиядор доштанд.

Дар яке аз номаҳо Мона муфассал тасвир мекунад, ки чӣ тавр ба падари худ нафрат дорад; дар дигараш — чӣ тавр Мэрилин Менсон ба ӯ писанд аст. Номаҳо пур аз гуфтугӯйҳои бепоён буданд дар бораи аз ҷиҳати ҷинсӣ ҷолиб будани либоси сиёҳ ва макияж, дар бораи чӣ хел форам будани нӯшокии спиртӣ ва марихуанаро истеъмол кардан, дар бораи худазобдиҳӣ, инчунин дар бораи саргузашти дугонае, ки ба гурӯҳи шайтонпарастҳо меравад, ва дар бораи ба ин гурӯҳ дохил шудан талаб карда мешавад, ки хуни гурбачаро бинӯшанд“.

Дар баъзе номаҳо ба Кесси маслиҳат дода шудааст, ки моро кушад ва бо чунин тарз мушкилиҳои зиёдро ҳал кунад. Яке аз номаҳо чунин ба охир мерасад: „Падару модаратро бикуш! Куштор — ин ҳалли ҳамаи мушкилиҳои ту аст. Бигзор ин нобакорҳо нархи ҳамаи азобҳои туро бидиҳанд. Бо муҳаббат Мона“.

Номаи дигар расми зиште дошт: ду одами (модар ва падар) бо қисмҳои дарунӣ (рӯда ва гурда) овехташуда ва кордҳои дар сина задашуда. Давомаш мулоҳизаҳо дар бораи „овехташавӣ бо қисмҳои дарунӣ“ дошт, ки ҳамчун „фикри хуб“ пешниҳод шудааст. Ва гуфта шудааст, ки Рик (ном иваз шудааст), мумкин „ягон чизи хубтар“-ро ихтироъ мекунад, азбаски ӯ „дар ин кор хуб андеша меронад“.

Дар ин нома нишонаҳои Мона — расми маймун бо дандонҳои вампир ва панҷкунҷаи дар гарданаш овехта оварда шудааст.

Дар номаи дигар, тасвири корде, ки дар он рӯдаҳои падару модар овезон буданд ва санги мазори „падар ва модари Бёрнелл“ ва ҳарфҳои R.T.P., кашида шуда буд.

Боз як номаи дигар бо сарлавҳаи калон таъмин шуда буд: „Вампирҳо ҳама вақт дар миёни мо ҳастанд!“ ва баъд мисраъҳои зерин буданд:

Иҷозат деҳ хунамро фурӯ барам,
Иҷозат деҳ ҳаётамро бинӯшам
Алангаи шамъҳо доимо нур мепошад
Андаруни холигии ҷони ман.
Ба оташ нарас, — мегӯяд захми кӯҳна
Хуни ман ҷӯш мезанад, ҳангоме ки вақт меояд
Ҳангоме ки бадӣ алангаи маро фурӯ мекашад
Алангаи ҳаёт хомӯш мешавад.

„Ман бовар мекунам, ки ман вампир ҳастам“, — менавишт Мона дар яке аз номаҳо. — „Мо дар ҳама ҷо ҳастем. Агар аз байни мо

якеро бикушӣ, мо туро пайдо мекунем. Мо туро назорат мекунем. Ман фарзанди торикиам. Ту ҳам фарзанди торикӣ ҳастӣ. Ман дар дарун оташ ҳис мекунам. Лекин ягон чиз ба ман зарар расондан наметавонад — ман вампир ҳастам“.

Дар порчаи коғазе, ки расми баргҳои марихуана, вампирҳо, моҳтоб ва ситораҳо кашида шудааст, вай менависад: „рӯдаҳои ман ҳамаи чизҳои манъшуда ва даҳшатнокро мехоҳанд. ...Ман мехоҳам худамро кушам... Мо бояд падару модари худро бикушем. Мактаб — модасаги... мо бояд падару модари худро бикушем, лекин ҳамин хел, ки ба ҳабсхона наафтем. Ту ба ҳабсхона меафтӣ“. Ман то дараҷае ҳайрон шудам, ки бо як душворӣ гӯшаки телефонро бардоштам. Аммо ба ҳар ҳол, ман ба Брэд занг зада гуфтам, ки ба зудӣ ба хона ояд. Вақте ки ӯ омад, мо бо ӯ шишта дар оромии том то тамом шудани тӯдаи номаҳо хондем. Бисёрии номаҳо аз тарафи дугонаи беҳтарини Кесси навишта шудаанд ва чӣ хеле ки баъд мо аз суханони модари он духтарак ва аз иқроршавии худи Кесси фаҳмидем, ӯ ҳам чунин номаҳо навиштааст. Дар ҳар ҳол, аз номаҳои дар дастамон буда равшан буд, ки агар духтари мо барои дар коғаз тасвир кардани ин андешаҳои хунин ҷавобгари асосӣ ҳам набошад, ақаллан шарики худихтиёрӣ буд.

⁕ ⁕ ⁕

Мутахассисон тасдиқ мекунанд, ки моҳияти тарбияи хуб дар роҳбарии даркории кӯдакон аст, ки албатта, то дараҷае рост аст. Аммо чӣ хел он ҳақиқати талхро фаҳмондан мумкин аст, ки баъзан ба ҳамаи ғайратҳои волидайн ва хешҳо, муаллимҳо ва дӯстон нигоҳ накарда, кӯдак роҳи бадро интихоб мекунад, ва шумо маҷбуред, ки мағлубияти худро эътироф кунед. Дар мавриди Кесси ману Брэд эътироф кардем, ки тарафи дигари ҳаёти Кесси ҳам вуҷуд доштааст, ки дар бораи он мо бисёр кам медонистем.

Албатта, нишонаҳои носозӣ пештар ҳам вуҷуд доштанд. Он вақте ки мо ин номаҳоро ёфтем, Кесси дар синфи нӯҳум мехонд, вале аллакай дар синфи 5 ё 6 аз мо дур шудан гирифт, вақте ки ӯ аз дунболи Мона мегашт ва дигар бачаҳоро писанд намекард. Аллакай он вақт ин дӯстӣ ман ва Брэдро ба ташвиш меовард: махсусан моро ба чашмони калонсолон нигоҳ карда натавонистани Мона ба изтироб меовард. Умуман дар муносибатҳои онҳо як чизи нотинҷ ва аҷоибе буданд.

Дар синфи 8-ум, вақте ки Кесси ба андешаи Мона бисёртар диққат медод ва зиёдтар арзишҳои моро рад мекард, мо кӯшиш

мекардем, ки алоқаи ӯ бо Мона миқдоран кам шавад ва ҳар бор ӯро ба дӯстӣ бо дигар духтарҳо водор мекардем. Маълум шуд, ки ин бефоида буд: вай суботкорона такрор мекард, ки бо дигар кас дӯстӣ кардан наметавонад. Бо ҳамин, мо дигар ба ӯ начаспидем. Вале чӣ хеле набошад, модар ҳама вақт умеде дорад, ки дар муддати душвори хондани духтараш дар синфҳои болоӣ ақаллан як дӯсте пайдо мешавад, ки қобилияти дастгирӣ кардани ӯро дорад.

Ба ҳар ҳол, дар ман ҳиссиёте боқӣ мемонд, ки чизе нохуб аст ва чӣ қадаре ки Кесси бо суханони „чизи даҳшатноке нест, ҳама чиз хуб аст“, аз ман рӯ мегардонд, ман медонистам, ки ин хел нест. Вале ягон чизи аниқро маълум кардан наметавонистам.

Кесси ҳамчун ҳар наврас самимиятро бисёр хуб тасвир мекард. Ӯ ба муддати дароз дар мактаб меистод, гуё: „баҳои расмкашӣ“-ро ислоҳ мекарда бошад (албатта, вай дар бораи нашъа ва шаробнӯшӣ гап намезад. Ҳамчунин дар бораи он ки бар хилофи он ки вай мехост моро бовар кунонад, дар ин вақт дар синфхона калонсолон набуданд).

Вай ба мо дискҳои нави худро нишон медод. Лекин на онҳоеро, ки мо ягон вақт тарафдорӣ намекардем. Вай моро бо Рик шинос кард, ки ӯ тамоман одами беозор менамуд, бо вуҷуди ин, ӯ бо тамоми қуввааш кӯшиш мекард, ки моро оид ба иштироки Рик дар расму русуми шайтонпарастон дар нофаҳмӣ гузорад. (Ба зудӣ ман маҷбур шудам, ки дар бораи Рик бо директори мактаб гапзанон кунам.) Он кас медонист, ки ин ҷавон „бесар шудааст“, вале гуфт, ки бо ин чизе кардан багумон аст: ҳатто падару модараш ӯро саришта кардан наметавонанд.

Дигаргуншавии Кесси аз кӯдаки боваринок ба бегонаи бадқавоқ чунон тадриҷӣ буд, ки мо онро ҳис накардем. Фақат баъди он ки зангҳо аз мактаб дар бораи дермонӣ сар шуданд ва дар дафтари давомот бошад баҳоҳои ғайриқаноатбахш пайдо шуданд ва якчанд бор мо ӯро дар фиребкуниаш дастгир кардем, ҳарчанд сарсарӣ ҳам бошад, — мо ба ҳама чизи рӯйдода ҷиддӣ назар кардан гирифтем. Ба мо фаҳмо шуд, ки духтарамонро аз даст дода истодаем.

Рӯзе Кессиро аз мактаб гирифта, Брэд аз он чизе ки дар синфи санъати тасвирӣ дида буд, бо ҳаяҷон ба хона баргашт: ҳамаи он чи дӯстони Кесси ба он машғул буданд, бо рамзҳои симиё оро дода мешуданд. Чанд рӯз баъд ман Кессиро аз дарсҳои санъати берун аз вақти дарс гирифта, бисёртар нооропм шудам. Кесси

машғули кор бо лоиҳаи худ буд, ин ҳам ҳоло ҳеҷ гап не, вале дар паҳлӯи ӯ, дар сари миз Рик бо занҷирҳои овезон ва либоси сиёҳ дар бар, бо чашмони сиёҳ кашида ва дар оғӯшаш Мона буд.

Вақтҳое мешаванд, ки бо ҳама ботинат ҳис мекунӣ — чизе нодуруст аст, ва ин тамоман аз он нест, ки ту „аз ҳаёт қафо мондаӣ“ ва аз ҷавонон ҷудоӣ. Дар ин ҷо ана ҳамин хел ҳолат буд. Муҳити хона фишорангез буд ва ман хостам, ки ҳар чи зудтар духтарамро аз ин ҷо барам.

Ёд дорам, боре ман Кесси ва боз якчанд духтарҳоро бо худ мегирифтам ва маро ба таври нохуш ҳайрон кард, ки Мона ба мошин нишаста, дастонашро рӯи ҳам кард ва сар хам намуд. Вай ҳар вақт бо ман ё Брэд рӯкушод набуд — дар ҳолати бад моро ба инобат намегирифт, дар ҳолати хубаш „салом“ гӯён ғур-ғур мекард, ки ин кораш дағалӣ ва беодобии бештаре буд.

Ба фикрам, ӯ мехост бо адоваташ ба ман нишон диҳад, ки ман дар муносибати вай бо Кесси монеа ҳастам ва аз ин сабаб ӯ маро бад мебинад.

Брэд бо Кесси аз ман дида осонтару беҳтар „забон“ меёфт, ва Кесси бо ӯ бисёр вақт меҳрубон буд. Муносибатҳои ман бо Кесси душвор буданд, мо ҳамеша аз ҳар ҷиҳат ҷанҷол мекардем. Масалан, бисёр вақт сабаби муноқиша дар хонаи мо аз ҳаваси ӯ ба мусиқӣ сар мешуд. Дар ду соли охири ҳаёташ вай ҳама чизро гӯш мекард: аз „Кренберрис“ ва „Пет Шоп Бойз“ то „Ҷарз оф Клей“ ва „Край“ ва ин барои мо гӯё файзе буд. Дар синфи нӯҳум бошад табъи мусиқии ӯ чунин бомеъёр набуд. Аз баъзе мусиқиҳои дӯстдоштаи вай мӯи саратон рост мешуд.

Бисёр осон нест, ки ба кӯдак гӯш кардани чизеро манъ намоед, ҳатто агар гурӯҳҳо ба шумо маъқул набошанд ҳам, — охир ҳама дар мактаб онро гӯш мекунанд. Дар охир ба ёд меоред, ки табъи мусиқии падару модаратон вақти мактабхонӣ ба шумо хандаовар менамуд. Мумкин фарзандони шумо ана ҳамин хел марҳиларо мегузаранд ва ин қадар ғам хӯрдан тамоман лозим нест.

Аниқ ёд надорам кай, лекин боре Брэд кӯшиш намуд ба мусиқии Кесси гӯш карда, чуқуртар диққат дода фаҳмад ва ӯ фаҳмид, ки ин тамоман „ҳамту“ шавқмандӣ нест. Матнҳои ба назар безарари сурудҳо дар асл бештар комилан равиши муайяне доштанд. (Баъд мо худро мепурсидем, ки оё нишонаи муҳимро надидаем, вақте ки алоқаи байни ҳиссиёти ин сурудҳо ва мубоpизаи ботинии Кессиро нафаҳмидем.) Як порчаи суруди рок-гурӯҳи Мэрилин Менсон мисоли хуб буда метавонад, ки он вақт

дар байни дӯстони Кесси машҳур буд (ҷавонони Кессиро куштагӣ ҳам ин гурӯҳро гурӯҳи дӯстдошта номиданд):

Ман коридаи туро медаравам,
Хоҳӣ дид, ман асар мегузорам.
Мехоҳам бо ту набошам…
Ман каме хашмгин шудам,
Дар банди даст рагҳоямро мебурам…
Аммо ба андешаи шумо ва мукофотатон
Туф мекунам.
Туфангатро бигир, туфангатро бигир…

Аз андешаи он ки бо мо чӣ мебуд, агар хатҳоро намеёфтем, вуҷуди ман ба ларза меояд. Дар ҳақиқат, ин занге буд, ки моро бедор кард.

Ману Брэд аз бозёфтамон тамоман ҳайратзадаву парешон рӯи кат нишаста будем. Чизе дар ман ба ҳаққонияти воқеаҳо бовар намекард, чунин менамуд, ки ин хоби даҳшате аст ва ба зудӣ мо бедор шуда ба Мавлуд тайёрӣ мебинем. Аммо дар дасти мо таҷассуми ҳақиқии бадтарин тарсҳои мо буд ва мо бояд бо он коре мекардем. Савол фақат дар он буд, ки чӣ кор кунем.

Дар охир ба мо равшан гардид, ки танҳо зӯри мо бас нест. Мо бо модари Мона, бо идораи полис, бо Ҷорҷ, шубонамон аз калисои Вест Боулз Комюнити телефон кардем. Ҳамчунин барои волидайни Мона ва худамон аз номаҳо нусха бардоштем. (Нусхаҳои аслиро ба сардори идораи полис додан лозим буд.) Сипас мо Кессиро интизор шудем. Вақте ки вай омад, мо ба вай гуфтем, ки хатҳоро ёфтем. Аввал вай хост худро як тараф гирад: „Хайр, дар ин чизи бад нест…“ Лекин чун фаҳмид, ки аз мо халос намешавад, ба ғазаб омад. Аввалан мо бисёр сахт рафтор кардем, зеро ӯ ҳеҷ гоҳ моро, ё касеро куштанӣ набуд. Дуюмаш, ҳуқуқашро вайрон кардем ва аз хонааш бе иҷозат чизеро гирифтем, ки аз они мо набуд. Сеюмаш, аз сабаби комилан ба ӯ аён будани он ки мо ӯро, ягона духтарамонро дӯст намедорем, ӯ ба мо „мадад“ мекунад: мегурезад ва худро мекушад. Ӯ аз ғазаб бехуд буд.

Худро муҳофизат кардани Кесси моро ҳеҷ гоҳ дар ҳайрат нагузошт. Лекин пас аз мунοқишаи аввал, дар давоми моҳҳои баъд аз он мо ба саволҳои он боз ва боз бармегаштем. Аз марги ӯ ва он чордаҳ нафари дигар, ки дар Коламбин ҳамроҳи ӯ мурданд, — ин саволҳо аз нав дар пеши мо аввалиндараҷа мегарданд. Мумкин мо ҳақиқатан „ин корро аз ҳад зиёд овозадор

кардем?“, чӣ хеле ки Кесси, Мона ва модараш мегуфтанд. Ё ин ки ҳадди боақлонаи қудрати волидиро вайрон карда, ҳуқуқи махфиёнаи Кессиро поймол сохтему худамон бо ин кор боиси бадбахтиҳо шудем?

Вале он рӯз, вақти ёфтани ин номаҳои даҳшатангез, мо вақт барои фикрронӣ надоштем. Ман таҳдидро ҳис менамудам ва барои ҳаётам тарс доштам. Брэд бошад ин таҳдидҳоро ҷиддан қабул намекард. Ӯ фикр мекард, ки Кесси бо ин роҳ ба ҳиссиёташ роҳи баёнкунӣ ёфтааст. Ман боварии ӯро дастгирӣ намекардам. Вақте ки ягон фикри бад одамро фаро мегирад, фарқаш нест, наврас бошад ё калонсол: бадӣ худаш қувва дорад. Ва агар дар нақшаҳои бади Кесси қатрае ҳақиқат бошад, ман мехостам, ки полис хабардор бошад.

Лекин муҳимтараш он буд, ки мо барои Кесси метарсидем. Мо ҳис мекардем, ки барои бозистода қарори дурусттар ёфтан вақт надорем. Кесси ба ҷарӣ мерафт ва мо бояд ӯро аз ҷарӣ дур мекардем. Мо интихоб надоштем.

✳ ✳ ✳

Пас аз он ки мо ба Ҷорҷ занг задем, ӯ бо Дэйв, ёрдамчии шубони калисои Вест Боулз телефон кард. Дэйв пешниҳод намуд, ки Кессиро ба калисо биёрем. Он ҷо шоми ҷавонон буд. Аввал ин пешниҳод ба ӯ маъқул нашуд, ба ман ҳам. Ман боварӣ доштам, ки ӯ мегурезад ё кори бадтаре мекунад. Аммо баъд қарор кардам, ки барам. Ҳеҷ набошад, ману Брэд барои фикркунӣ вақт пайдо мекардем.

Брэд номаҳоро ба полис бурд ва ман дар хона мондам. Ҳеҷ гоҳ ман он шомро фаромӯш намекунам, ки паси миз нишаста, дар меҳмонхонаи худамон бо тарсу ғам фикр мекардам: „Бо Кесси тамом. Мо ӯро аз даст додем“. Гуфта наметавонам, ки он вақт инро мефаҳмидам, лекин ҳозир мебинам, ки мо ӯро ҳақиқатан хеле пештар аз даст дода будаем.

Намедонам, ҳафтаҳои баъдинаро чӣ хел паси сар намудем. Кесси ё дарғазаб мешуд, ё бо қаҳр хомӯш меистод, ғайр аз ин ӯ ҳама вақт бо гурехтан таҳдид мекард. Ба болои ин ҳама даҳшат, ба ман ҷарроҳӣ лозим шуд. Пас аз чанд вақт мо кӯдаконро назди волидайни ман, ба Гранд Лейк бурдему он ҷо муддате истодем, вале ин ҳам асабониятро дур накард. Мавлуди даҳшатноктареро ёд надорам.

Рӯз ба рӯз, ҳафта ба ҳафта мавҷҳои ғазабу ноумедӣ давом меёфтанд. Мо ягон вақт намедонистем, ки аз ӯ чиро интизор шавем.

Ман аз саҳар хестан метарсидагӣ шудам. Брэд ба ёд меорад:

> Замоне ки табъи Кесси хира буд, ба дод задан шурӯъ мекард, ки чӣ хел бадбахт аст ва чӣ хел бевиҷдонӣ буд кофтукови хонааш. Ӯ гиря мекард ва фарёд мезад: „Худро мекушам! Мехоҳӣ бинӣ? Нигар, ҳозир ман ин корро мекунам. Кордро ана ба ин ҷо, ба сина мезанам“. Ман кӯшиш менамудам ӯро ором гардонам, бо ӯ гап мезадам, навозиш мекардам, ба оғӯш мегирифтам ва мегуфтам, ки чӣ хел мо ӯро сахт дӯст медорем.
>
> Баъзан ӯ чун девона рафтор мекард ва ман мехостам ӯро занам, ки ба ҳуш ояд. Вале ман ҳеҷ вақт ин корро намекардам. Баръакс, ман фақат ӯро сахттар ба оғӯш мегирифтам, бар синаам ҷафс намуда, такрор ба такрор мегуфтам: „Ман туро дӯст медорам, Кесси, намехоҳам бинам, ки ба худат дард меорӣ. Ман намехоҳам, ки бо ту чизи баде рӯй диҳад“.

Пас аз марги Кесси, мо дар ҳуҷрааш ёдоварии ваҳмангезе аз он рӯзҳои даҳшатнокро ёфтем: дафтарча, ки дар он Кесси ҳолати худро аз он вақтҳо тасвир намудааст. Ин навиштаҳо ба қисми мактуби фиристоданашуда монанд аст, санааш дар зераш ин буд 02.01.1999.

> Баён карда наметавонам, ки чӣ хел ба ман дарнок буд. Намедонистам, ки бо ин дард чӣ созам, аз ин сабаб ҷисмамро азоб медодам. Шояд ин роҳи баёнкунии андӯҳ, ғазаб ва ситамкашии ман буд… Дар ҳаммом дарро мебастаму сар ба деворҳо мезадам. Ин корро дар ҳуҷраи худам ҳам мекардам. Андешаҳо оиди худкушӣ маро таъқиб менамуданд, вале бисёр даҳшатнок буд, ки дар ҳақиқат худкушӣ намоям. Аз ин сабаб ман „роҳи иловагии осон“ меёфтам — бо риштаи борики фулузӣ банди дастамро то баромадани хун мехарошидам. Чанд дақиқа дарднок буд, баъд ман ба карахтӣ меафтодам. Аммо баъд ин буридаҳо хеле дард меоварданд (фикр мекунам, ман инро сазовор шудам). То ҳол захмҳо мондаанд.

✳ ✳ ✳

31 декабр, дар арафаи Соли Нав мо бо Монаву волидайнаш вохӯрдем. Вохӯрӣ дар ҳузури муфаттиш ва ҷиноятёб (детектив)

аз шӯъбаи ҷиноятҳои ҷавонон гузашт. Ба ҳуҷраи вохӯрӣ даромада, мо аз адовати ошкорои волидайни Мона, ки бо он моро пешвоз гирифтанд, ба ҳайрат афтодем. Вақте ки Брэд сӯи падари Мона равона шуд, то даст фишорад, вай намоишкорона дасташро партофта гуфт: „Хавотир шудан даркор нест“. Дар давоми вохӯрӣ на падар ва на модари Мона чизе нагуфтанд. Танҳо ноаниқ афсӯс хӯрданд, ки мо бераҳмона дӯстии панҷсоларо вайрон мегардонем. Брэд мефаҳмонд, ки мо Монаро аз Кесси пасттару бадтар намеҳисобем, балки ба ақидаамон ҳар ду духтар як хел айбдоранд ва мо бояд ҳамкорӣ кунем, то ба ҳар дуяшон ёрӣ расонем. Модари Мона розӣ шуд, ки мактубҳо „ношоиста“ менамоянд ва мундариҷаи онҳо ӯро „хафа“ кардааст. Вале вай фаҳмида наметавонист, ки чаро мо хизматгорони қонунро ба ин воқеа ҷалб намудаем ва чаро шавҳари ӯро ба ин кор ҳамроҳ кардем. Агар касе айбдор бошад ҳам, ин моем, зеро ҳамеша таҳдид мекунем, ки Кессиро аз мактаби Бивер мегирему ба мактаби шахсӣ месупорем, агар рафтораш дигар нашавад.

Хушбахтона, муфаттишон ба вазъият мисли мо ҷиддӣ муносибат карданд ва моро дастгирӣ намуданд, ки ба алоқаҳои баъдинаи Монаву Кесси монеъ шавем. Зиёда аз ин сардори полиси маҳаллӣ ба волидайни Мона гуфт, ки дар давоми даҳ соли кор дар шӯъбаи ҷавонон чизе монанди ин надидааст. Ӯ онҳоро огоҳӣ дод, ки агар Монаро боз дар кори монанди ин дастгир кунанд, вай ба мурофиа даъват мешавад. Бо вуҷуди ин волидайни Мона на ҳайрон шуданд, на афсӯс хӯрданд.

Ману Брэд дар як тарафи ҳуҷра нишаста будем. Кесси бо Монаву волидайни Мона дар дигар тараф. Ман то ҳоло нигоҳҳои сарди онҳоро ҳис мекунам. Фаромӯшам намешавад, ки модари Мона ба назди мошинаш баргашта духтарашро аз китфаш ба оғӯш мегирифт ва гӯё мегуфт: „Ҳеҷ гап не, азизам, ин Бёрнеллҳо одамони маҳдуд ҳастанд“. Пас аз чанде мо фаҳмидем, ки онҳо ба Кесси пешкаш кардаанд, то дар хонаашон пинҳон шавад, агар аз мо гурехтанӣ шуда бошад.

✳ ✳ ✳

Зиёдатӣ аст гуфтани он ки вохӯрӣ дар идораи полис моро дар мақсадамон мустаҳкам кард. Мақсадамон ин буд, то Кессиро аз ҳама таъсироте, ки ӯро аз мо ҷудо месохт, маҳдуд кунем, ҳамчунин аз таъсири дӯстон. Аз як ҷиҳат кори душвортарини шумо, чун волидайн, ин аст: мавқеи устуворро ишғол намудан ва қатъиян чизеро манъ кардан. Мо фикр ҳам намекардем, ки ин осон мешавад.

Мо медонистем, ки аз ғавғои ёфтани номаҳо дида боиси ғавғои бештаре шуда метавонистем. Медонистем, ки фишорамонро бар Кесси афзуда, мо метавонем ӯро аз худ боз ҳам дуртар кунем.

Ғайр аз он, ман нисбати Кесси он қадар ғазаб доштам, ки худро базӯр нигоҳ медоштам. Ин духтарак, кӯдак, ки ӯро нӯҳ моҳ дар батнам бардоштаам, бо ҳама ҳастиам дӯст медоштам, ба ман мегӯяд, ки аз ман нафрат дорад! Чӣ хел вай метавонад бо ин роҳ ба ман хиёнат кунад? Дар баробари ин, гапе ҳам дар мавриди рӯҳафтодагӣ ё эътирофи мағлубияти худ буда наметавонист. Ману Брэд ҳамеша оиди он ки барои фарзандони мо чӣ беҳтар аст, тасаввуроти комилан муайян доштем. Ва мо ҳозир мефаҳмидем, ки бояд онро пайравӣ намоем. Мо чунин ҳам мекардем.

20 декабр, рӯзе, ки мо мактубҳоро ёфтем, рӯзи охирони пеш аз таътил буд. Ва яке аз қарорҳои мо ин буд, ки мо ба Кесси иҷозат намедиҳем, то ба Бивер баргардад, яъне баъд аз таътил вай ба мактаби хусусӣ меравад. Ғайр аз ин, мо ба кофтани борхалта ва ҳуҷрааш шурӯъ намудем, бо телефон бо кӣ ва кай гап заданашро назорат мекардем ва манъ намудем, ки бе иҷозати мо аз хона барояд. Дар охир гуфтем, ки аз ҳозир сар карда, ӯ на бо Мона на бо каси дигаре аз дӯстони пешинааш вонамехӯрад.

Кесси албатта аз ғазаб бехуд буд, мисли Мона. Мона дар хатҳояш ба Кесси менавишт, ки мо нодонтарин волидайни олам ҳастем, агар фикр кунем, ки гузаронидан аз мактаби давлатӣ вазъиятро беҳтар мекунад. Ӯ боварӣ дошт, ки ҳазорон бор бадтар мешавад. Ғайр аз ин, Мона ҳайрон буд, ки мо мактаби шахсиро раво дида метавонем. Магар ин қимат нест? Нома чунин тамом мешуд:

„Худоё, ҳама чизе ки ман гуфтан мехоҳам, — ман кайҳо чунин волидайнро мекуштам. Хайр, бас дар бораи нодонии нафратовари онҳо гап задан. Нағзтараш, биё қарор кунем, ки онҳоро чӣ хел кушем...“

Мо ба Кесси иҷозат додем, ки танҳо дар як чиз иштирок кунад, — дар чорабиниҳои гурӯҳи ҷавонони Вест Боулз. Барои мо калисо чуноне ки ҳаст, муҳим набуд. Маҷбуран бор кардани дин танҳо ба радкунӣ меорад. Мо ба „наҷот“-и Кесси шавқманд набудем. Мо танҳо як чизро медонистем: муносибатҳои мо чӣ хеле набошанд ҳам, мо ӯро дӯст медорем ва мехоҳем, ки ӯ ҳаёти навашро дар ҳамин хел муҳите сар кунад, ки дар он ба роҳи кӯҳнаи худвайронкунӣ наравад. Ва мо танҳо як чизро мехостем: Кесси ҳақиқатан хушбахт бошад. Дар он вақт вай ҳатто ба худаш сулҳ надошт.

Дэйв (шубони кӯдакони мо) то ҳол ба идора омадани моро дар ёд дорад, ки он вақт мо мехостем фаҳмем, ки вай ба мо ягон хел ёрӣ дода метавонад ё не:

Ман бори аввал дар бораи Кесси аз падару модараш шунидам. Онҳо ба ман номаҳои ёфтаашонро нишон доданд. Мо нишастем ва сӯҳбат сар шуд. Ҳамин хел сӯҳбате, ки ман бисёр вақт бо волидайни бачаҳои дигари гурӯҳи ҷавонони мо, ё бо худи бачаҳо гузаронидаам. Мо на танҳо дар бораи муҳаббат гап задем, балки дар бораи ҳаққонияти табдилшавии Кесси ба ҷинояткор низ гап задем. Ман ба онҳо гуфтам, ки онҳо дар пеши интихоб истодаанд: ӯро дар хона маҳкам кардан ва сими телефонро буридан, ҳамаи ин то вақте ки ҳаёти вай равиши дуруст гирад, ё ин ки ӯро ба ҳоли худ мондан — яъне бо тамоми қувва сабр кардан, ки ӯ калон мешавад ва умед доштан, ки зинда мемонад.

Ман ба онҳо гуфтам, ки онҳо метавонанд Кессиро ба ҳама чорабиниҳои мо биёранд ва мо то қадри имкон ба ӯ ёрӣ медиҳем, лекин ман ҳеҷ вақт ба Кесси умед намедодам. Ёд дорам, ман баъди ин вохӯрӣ роҳравон фикр мекардам: „Мо ҳама кори метавонистаамонро мекунем, вале бо ӯ ба мо душвор мешавад. Ӯ дар худ пӯшида ва камгап аст. Ёфтани воситае барои водор намудани вай ба даст кашидан аз кори мекардааш душвор буд“.

Дар аввал чунин менамуд, ки Дэйв ҳақ аст. Ана Кесси ба дугонааш дар 04.01.1997 чӣ навишта буд:

> …Ин мактубҳое, ки онҳо дар ҳуҷраи ман ёфтанд, бисёр тасвирӣ ҳастанд, ҳатто суратчаҳо кашида будам. Дар онҳо тасвир шудааст, ки мо чӣ хел волидайни маро мекушем. Инак, ҳозир онҳо оиди нашъакашӣ, шаробнӯшӣ ва нақшаҳои шӯхиомези мо дар бораи куштани онҳо медонанд. Акнун ман бо беҳтарин дугонаҳоям Мона ва Ҷудӣ, ва бо Рик гап зада наметавонам. Агар ман бо Мона вохӯрам ё гап занам, полис барои ҳабс иҷозатнома медиҳад. Ҳа, волидайни ман бо полис алоқа карданд! Онҳо ин корро аз ҳад зиёд овозадор карданд. Ман бо шароб ва сигареткашӣ машғул нестам. Ман нашъаро дӯст намедорам, лекин ҳозир ҳамеша худро танҳо ва рӯҳафтода ҳис мекунам ва падару модарамро бад мебинам. Умедворам, ки ҳаёти ту аз ман беҳтар аст. Як чиз хуб аст, ки ман ба консерти Мэрилин Менсон гурехтанӣ ҳастам. Мона ва Рик он ҷо мешаванд, ҳеҷ набошад онҳоро мебинам.



# Муҳорибаи хонагӣ

Ҳамаи хунмакон, ки дар водӣ оворагарданд, бо хиёбони Вентура ба тарафи ғарб равон ҳастанд. Ва ҳамаи бачаҳои бад дар соя меистанд, ба ҳамаи духтарони хуб – дар хона бо дилҳои шикаста менишинанд.

Том Петти

# 4. Муҳорибаи хонагӣ

Барои бисёриҳо мундариҷаи номаҳои Мона ва Кесси воҳимаи муқаррарии наврасӣ менамояд ва то дараҷае ҳам чунин аст. Агар воқеаҳои даҳшатнокро ба ҳисоб нагирем, барои мо кори муқаррарӣ шудааст, вақте ки духтари 15-сола чунин гӯяд: „Ман модарамро мекушам, агар вай маро ба сайругашткунӣ намонад". Лекин ҳадди байни таҳдидҳои холӣ ва ҳаққонӣ дар куҷост?

Баъд аз 3 ҳафтаи марги Кесси як дӯсти ман бо талабае аз Коламбин сӯҳбат кард, ки бародари вай бо қотилони Кесси шинос буд. Аён шуд, ки яке аз онҳо, Эрик, худро таъриф кардааст, ки баллонҳои пропанӣ харидааст, то ки қаҳвахонаро тарконад. Лекин ҳеҷ кас ба ин лаққигии ӯ диққат надодааст.

Аз рӯи суханони Аннетт, яке аз дугонаҳои Кесси аз Коламбин, гапҳо дар бораи зӯроварӣ ва марг дар мактаби онҳо кори муқаррарӣ аст. Кас бори охир шунидани ин гапҳоро нағз дар ёд дорад. Вақте ки духтаре аз синфи забони испанӣ рӯзи якшанбе ба ҷасадхона (морг) барои тамошо кардани ҷасадҳои мурда ва омӯзиши равиши мурдан рафтанашро нақл кард, Аннетт инро гапи пуч ҳисоб кард. Лекин баъд духтар гуфт, ки ин барои навиштани китоби вай лозим аст. Аннетт фикр кард: „Ана боз як шахси дигар машҳур шудан мехоҳад".

Пас аз якчанд рӯз ҳамон духтар дар синф оиди кордҳое, ки дар хона дорад, нақл кард. Вай гуфт, ки мехоҳад онҳоро ба синф орад. Мехоҳад ба дӯстонаш нишон диҳад, ки бо „хуни қалбакӣ" чӣ хел „чизҳои аҷоиб" мекунад. „Намедонӣ, ки чиро ҷиддӣ қабул кунӣ ва чиро не, — мегӯяд Аннет. Фикр мекунӣ, ки онҳо инро барои ҷалб намудани диққат мегӯянд ва бисёр вақт чунин мебошад. Вале вақте ки чизе рӯй диҳад, чӣ хеле ки бо Эрик ва Дилан рӯй дод, аз онҳо худро дур мекашӣ".

Аманда, ҳамсинфи Кесси, ки дар вақти куштор дӯсти наздиктарини ӯ буд, низ тақрибан чунин ҳис мекунад:

> Ман ҳам он чиро, ки Кесси аз сар гузаронд, дидам. Маънои гапам ин нест, ки ҷодугарӣ ё чизе монанди он бошад, аммо ман ба давраи бад афтодам, танҳо барои он

> ки онҳо маро қабул мекарданд. Ба ман бошад ҳамин даркор буд. Ҳамааш аз танҳоӣ: ба назарат он қадар хуб нестӣ, то бо бачаҳои беҳтаре дӯстӣ кунӣ, аз ин сабаб розӣ мешавӣ ҳама корро иҷро намоӣ, фақат ин ки туро ба ягон гурӯҳ қабул кунанд ва худро қисми он ҳис кунӣ. Ман намедонам бо Кесси чӣ хеле буд. Ӯ ба ман мегуфт, ки Мона ӯро ба ин гирифтор кардааст. Фикр намекунам, ки онҳо махсусан менишастанд ва фикр карда мебаровярданд: „Имрӯз мо корҳои бад андеша мекунем...“ Тасаввур карда наметавонам, аммо ҳамаи ин тамоман безарар набуд. Ӯ мегуфт, ки онҳо дар охир ҳақиқатан қасди куштани яке аз муаллимон доштанд.

Моҳҳои аввал, пас аз он ки мо Кессиро аз Бивер гирифтем, ман чандин бор андеша кардам, ки мумкин мо бо ӯ хеле сахтгир ҳастем. Аммо аз он замон боварии ман, ки бисёр бераҳм набудем, мустаҳкамтар гашт.

Дар охири тобистони соли 1997, дар Лейквуд, наздиктарин деҳа ба шаҳр, дӯстон ба ҷавони чордаҳсола бовар накарданд, вақте вай гуфт, ки қасди куштани волидайн дорад ва бо маҳбубааш ба Калифорния мегурезад.

Рӯзи дигар вай бо рафиқаш ба падараш дарафтод ва бо корди калон ӯро сахт захмдор кард. Дар ҳуҷраи он бача аломатҳои шайтонӣ ва чизҳои ҷодугарӣ ёфтанд.

Моҳи сентябри ҳамон сол ман бо Брэд дар рӯзномаи маҳаллӣ оиди воқеаи ба ин монанд хонда будем: пас аз мубоҳисаи назди телевизор талабаи синфи болоӣ аз туфанг падарандарашро кушт ва ба гараж рафта мили туфангро сӯи худ рост намуд. Чанд моҳ баъд дар округи мо боз як куштори монанди ин рӯй дод: ин бор кушташуда зане аз хоҷагии деҳқонии Ҳайлендз буд. Писари ҳабдаҳсолааш ӯро кушта, ба бордони мошини оилаашон ҷой кардааст.

Вақтҳое ки ноҳияҳои ором, мисли ноҳияи мо, ки он ҷо одамони миёнааҳвол зиндагӣ мекунанд, фарзандони қобили чунин корро ба воя мерасонанд, мефаҳмӣ, ки суханҳо фақат сухан нестанд. Масалан, бо Кесси ҳамаи он чи дар байни мо гузашт, натиҷаи нофаҳмӣ ва адовати мо буд. Танҳо вақт, муҳаббат ва диққат метавонистанд байни мо кӯпруке шаванд. Ҳатто агар вай ҳақиқатан моро ҳеҷ гоҳ куштанӣ намебуд ҳам, мо наметавонистем шавқи ӯро ба чунин амалҳо ба ҳисоб нагирем.

Ҳозир, қариб се сол баъд, андар па ртави он чи дар Коламбин рух дод, андешаҳои Дэйв нисбати ин чизҳо барои ман чун ваҳӣ садо медиҳанд:

Кӯдакро аз як мактаб ба мактаби дигар гузаронидан, алоқаҳояшро маҳдуд сохтан ё кори дигаре кардан барои боздоштани кӯдак аз рафтори бад, — ҳамаи ин чун поймолкунии ҳуқуқи вай менамояд. Аммо дар ҳақиқати кор ин ба вай имконияти шурӯъкунии ҳаёти комилан нав медиҳад. Инро ман ба бисёр волидайн гуфта будам. Ва бисёриҳо бо ман розӣ намешаванд. Онҳо мегӯянд: „Хайр ҳа, духтарам панҷ-шаш бор алоқаи ҷинсӣ дошт“ ё „Медонам, вай бо бачаҳои бад алоқаманд шуд, лекин ман ба кӯдак бо ҷӯраҳояш вохӯрданро манъ карда наметавонам“.

> Онҳоро вазъият безобита кардааст, вале ба коре ки қурбониҳои муайянро металабад, даст зада наметавонанд, аз ин сабаб намуде месозанд, гӯё чизе рӯй надода бошад. Лекин ман мебинам, дар куҷое, ки волидайн мақоми устуворро нигоҳ медоранд, дар бисёр ҳолатҳо муваффақият меояд. Муносибатҳои сифатан нав пайдо мегарданд. Дар оғоз ҷанг сар мезанад, зеро ки кӯдак кӯшиш мекунад мавқеашро аз даст надиҳад. Аммо дар таҳти дилаш ӯ мегӯяд: „Ин ба ман маъқул. Ба ман маъқул, ки модарам бо ман гап заданро сар кард. Ин ба ман маъқул, ки падарам аз барои ман ба хона барвақттар меояд“.

Вақте ки ман кӯдаки азобкашандаро мебинам, мехоҳам пурсам, оё падараш ӯро зуд-зуд ба оғӯш кашида ба китфаш мезанад, оё модараш ҳар вақт ба ӯ: „Ман туро дӯст медорам“ ё „Биё ба ту ёрӣ диҳам“ мегӯяд? Аксари ин кӯдакон соҳиби волидайн ҳастанд, вале волидайнашон ҳақиқатан бо онҳо вақт мегузаронанд ё не?

Агар чизе моро мӯътақид менамуд, ки роҳи мо дар ҷавоби рафтори Кесси дуруст аст, он ҳам эътирофи шахсии ӯ оиди он аст, ки чӣ қадар вай дур рафтааст. Аз рӯи суханони Ҷеми, дугонаи аввалини Кесси дар мактаби шахсӣ, Кесси худаш ба вай гуфтааст, ки хаёлоти тираи ӯ фақат лаққигӣ набуданд. Ӯ худро дар банди қувваҳои торикӣ комилан баста ҳис менамуд ва барояш моҳҳо лозим шуданд, то ки озод шавад. Ба фаҳмиши ӯ, вай аниқ ҷон ба шайтон супорида буд. „Намедонам ин ҳақиқат буд, ё инро рамзан фаҳмидан даркор, — Ҷеми баъд ба ман мегуфт. — Ин муҳим ҳам нест. Дар идроки ӯ ин асорат ҳаққонӣ буд “.

Дар иншои тарҷумаи ҳол, ки дар аввали ин сол Кесси навиштааст, вай иқрор мешавад: „Тамоми ин вақт ман волидайн ва Худоро бо нафрати хеле амиқ ва сиёҳ бад медидам. Сухан барои тасвири торикие, ки дар ҷони ман буд, оҷизӣ мекашад..." Ману Брэд ин иншоро танҳо баъди марги Кесси дидем, вале он моро ҳайрон накард. Дар давоми се моҳ мо доимо ҳис мекардем, ки дар Кесси ва дӯстонаш бадии ҳақиқие амал менамояд.

Аз воқеаҳое, ки пас аз пайдо намудани мактубҳо рӯй доданд, ман ҳеҷ гоҳ яктоашро фаромӯш намекунам, ки чӣ хел ман дуогӯён гирди хонаро чарх задам. Боре Брэд ба назди полис рафт, ман бошам ба ёд овардам, ки модари ӯ вақте гуфта буд, ки ҳамаи ҳуҷраҳои хонаро гашта, аз Худо муҳофизат талабидан лозим аст. Он вақт ин бароям аҷоиб менамуд, лекин он бегоҳ ман ин корро кардам, чунки дар ноумедӣ будам. Дар ёд дорам, ба остонаи ҳуҷраи Кесси наздик омадам ва муддате даромада натавонистам. Ман инро тасвир карда наметавонам: муҳити (ҳавои) хона чунон вазнину фишоровар буд, ки гӯё ҳаворо бо корд буридан мумкин буд.

Дар охир ман даромадам, ба кати Кесси нишастам ва гиря кардам. Гирён, барои духтарам ва дӯстони ба бало афтодааш аз Худо муҳофизат пурсидам. Он лаҳза ман комилан муайян ҳис мекардам, ки мо на бо гурӯҳи наврасони беитоат кор дорем. Чӣ хеле ки ин ғайриоддӣ ва аҷиб садо надиҳад ҳам, ман ҳис мекардам, ки мо дар ҷанги рӯҳонӣ иштирок дорем.

✳ ✳ ✳

Рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо мегузаштанд ва муқобилияти мо ба ҷанги пурра табдил ёфт. Муҳимтарин монеа дар ташкили муносибатҳои мӯътадил боварии Кесси ба он буд, ки мо мактубҳояшро зидди ӯ истифода карда (чӣ хеле вай таъкид мекард) ҳуқуқашро поймол менамудем. Лекин мо мавқеъро аз даст намедодем. Брэд гаштаву баргашта Кессиро бовар мекунонд, ки мо ӯро нодон намеҳисобем; фақат вай барои қарор қабул кардан болиғ нест. Ӯ ба Кесси мегуфт:

> Гӯш кун, Кесси, ту бояд бовар кунӣ, ки роҳҳои дигари ҳалли мушкилиҳои ту вуҷуд доранд. Аввал ту бо духтаре дӯст шудӣ, ки ба ту мегуфт, то моро кушӣ, ҳозир бошад, мегӯӣ, ки худро мекушӣ... Ин ба шухӣ монанд нест.
>
> Ту аблаҳ нестӣ, лекин беақлона рафтор мекунӣ. Вақте ки ту хурд будӣ, гармкунакҳои плитаро намедидӣ. Мо

ба ту мегуфтем, ки агар ту даст дароз карда ба онҳо бираси̅, месӯзи̅, ва ту ба гапи мо бовар мекарди̅. Ҳозир низ чунин аст. Чизҳое ҳастанд, ки ту намебини̅ ва намефаҳми̅, ту бояд ҳамту ба суханони ман бовар куни̅. Ту бояд ба мо бовари̅ дошта боши̅, Кесси. Бовар кун, ки мо туро дӯст медорем ва ҳеҷ вақт туро ба роҳи нодуруст равона намесозем.

Брэд ҳамин хел бо Кесси гап мезад, мекӯшид, ки ӯро ором кунад ва тасалли̅ диҳад. Ва дарҳол набошад ҳам, ин ҳамеша бонатиҷа буд. Фикр мекунам, вай ақлаш мерасид, то фаҳмад, ки дар ӯ пешрави̅ намешавад, агар худро ба даст нагирад ва корҳои беақлонаро бас карда, далелҳоро ҳақиқатан бинад.

Як монеаи дигар дар чашми Кесси он буд, ки гӯё мо ӯро дар хонаи худаш чун маҳбус медорем. Дар ҳақиқат бошад, мо аз аввал ба ӯ гуфтем, ки агар бо мо зистан нахоҳад, ҷойҳои дигар ҳастанд. Вай метавонист дар Англия, ҳамроҳи хоҳари Брэд зиндаги̅ кунад; дар Гранд Лейк, бо хешони ман ё дар Техас, бо падар ва модарандари Брэд зиндаги̅ кунад; мо дигар хешу ақрабо низ доштем. „Ту метавони̅ ҳатто гурези̅, — мегуфтем мо ба ӯ, — аммо дар ин ҳол хатаре аст, ки ба дасти волидайнҳои хонда биафти̅“. Ягона чизе, ки ба вай иҷозат набуд, ба дӯстон наздик шудан буд. Мо ӯро огоҳ намудем, ки азбаски интихобаш бо мо истодан аст, мо қоида мемонем. Брэд мавқеи ӯро чунин хулоса намуд: „На озоди̅, на ҳуқуқ, на имтиёз, на бовари̅. Ба ту лозим аст, ки аз зинаи аввал шурӯъ намои̅, то ҳамаи инҳоро ба даст ори̅“.

✳ ✳ ✳

Мо умедвор будем, ки гузаронидани Кесси ба мактаби масеҳи̅ (CFS) ба мо ёри̅ медиҳад, ки ақаллан баъзе мушкилиҳоро ҳал кунем. Ва чи̅ хеле ки дар нақшаи тӯлони̅ аён шуд, ин қадами дуруст буд. Аммо дар аввал танҳо бадтар шуд. Рӯзҳо аз моҷароҳои хастакунанда, ки аз саҳар мешуданд, пур буданд. Моҷароҳо аз саҳар сар мешуданд, вақте ки ман Кесси ва Крисро ба мактаби масеҳи̅ (CFS) мебурдам. (Мо Крисро баробари Кесси аз мактабаш гирифтем, ҳарчанд дар ҳолати вай сабаб бад будани хонишаш буд.)

Мактаби масеҳи̅ (CFS) — мактаби хурде бо реҷаи сахт буд ва мо медонистем, ки гурехтани Кесси амри маҳол буд. Аммо баъд аз нисфирӯзи̅, вақте ки ӯро аз мактаб мегирифтем, моҷароҳо аз нав сар мешуданд. Асосан аз он сабаб, ки мо ба ӯ ҳеҷ чизро иҷозат намедодем — на ягон машғулиятро баъд аз мактаб, на

ягон сӯҳбат ва вохӯрӣ бо дӯстон — мо ҳар қадами ӯро назорат мекардем. Ин кори осон набуд, ману шавҳарам бо навбат „посбонӣ мекардем“, — яке монда шавад, дигар вайро иваз мекард.

Ҳамин ки мо барои озуқа ё ягон чизи дигар мебаромадем, вай ба дӯстонаш занг мезад, вохӯрӣ таъин менамуд ё кӯшиш мекард, ки аз хона гурезад. Мо ӯро ҳатто барои панҷ дақиқа танҳо гузошта наметавонистем. Дар охир, мо ба он кор сар кардем, ки бояд пурра Кессиро аз имкони дурӯғ гуфтан ҷудо мекард. Мо ҳар рӯз борхалтаи ӯро мекофтем; такроран хонаашро меҷустем, то боварӣ ҳосил кунем, ки дар он ҳо ягон чизи маҳкумкунанда ёфт намешуд (мо мактубҳои нав ёфтем); мо ҳатто дар телефон асбоби сабткунанда мондем. Мо ҳис мекардем, ки барои аз роҳи бад гардонидани Кесси, ки вай намехост аз ин роҳ гардад, чунин роҳҳоро истифода бурдан лозим аст.

Яке аз рӯзҳо, пас аз он ки мо асбоби сабткунанда гузоштем, барои харидани чизе лозим шуд, ки ба Уол-Март равем. Кесси ба дӯстонаш занг зада буд. Ба хона омада, мо дар хонаи хоб дарро қулф карда сабтро гӯш кардем. Кесси ибораҳои даҳшатноктаринро истифода бурда, дод мезад, ки чӣ тавр моро бад мебинад. Ҳамсӯҳбати вай, шахси ҷавон, мегуфт, ки хеле бадбахт аст ва бензин нӯшида, худро мекушад. (Крис ба гапи онҳо дахл карданӣ шуд, аммо Кесси дағалона ба ӯ дод зад. Чӣ хеле ки борҳо шуда буд, Крис мумкин аз сабаби тарс аз андешаҳои Кесси дар байни обу оташ буд. Ӯ намедонист, ки ба хоҳар вафодор бошад ё ҳамаашро ба мо нақл кунад.)

Якчанд рӯз пас ман Кессиро ба машғулиятҳои гурӯҳи ҷавонон, ба Вест Боулз бурдам, аммо вай аз он ҷо ба назди ҳамон ҷавон гурехт. Вай ин корро якчанд бор кард ва вақте ки мо фаҳмидем, маҷбур шудем назоратро сахт кунем. Мо ба Дэйв занг задем ва гуфтем: „Мо мефаҳмем, ки шумо шӯъбаи полис нестед, вале Кесси ба гурехтан сар кард. Илтимос, агар шумо фаҳмед, ки вай дар ҷояш нест, ба мо хабар диҳед, — мо бошем ӯро ба назди шумо зуд-зуд меорем“.

Дар ҳамон иншо, ки аллакай дар бораи он гуфта будам, Кесси дар бораи ғазаби беқуввати онвақтааш менависад:

> Дар мактаби шахсӣ ман худро комилан бадбахт ҳис мекардам. Дигар бачаҳо бошанд аз ман нафрат доштанд. Ва ба ин нигоҳ накарда, ман бояд ҳар рӯз ба он ҷо мерафтам, ҳарчанд доду фарёд кунам ҳам... Ман якчанд

> бор гурехтан хостам, вале ҳар бор маро дастгир мекарданд. Волидайни ман қарор карданд, ки ягон дӯсти ман ба ман таъсири хуб намерасонад. Ҷина якчанд бор худро куштан хост, Майк бошад рафиқи ман буд ва албатта, ба онҳо маъқул набуд. Ғайр аз он ки ман беҳтарин дугона ва озодиро аз даст додам, ман бояд дигар ҳеҷ вақт бо ягон дӯстам гап намезадам.

Дар байни ин таҳдидҳо ва мавҷҳои ғазаб, мо ба Кесси таъкид мекардем, ки ӯ ба нестӣ меравад. Ҳаёти кӯҳнаи ӯ тамом шуд, вай дигар бо дӯстони пештарааш вонамехӯрад, занг намезанад ва хоҳад нахоҳад, бояд дар мактаби шахсӣ хонад, баъзан дар вақти ҷанҷоли навбатӣ ман назди ӯ менишастам. Даст ба зонуҳояш гузошта, баланд дуо мегуфтам ва такрор мекардам, ки ӯро дӯст медорам. То ором шуданаш чунин мекардам. Гоҳ-гоҳе аз худ мебаромадам, чунки бисёр асабонӣ ҳастам, лекин ором шуда, аз нав шурӯъ менамудам. Ман мефаҳмидам: агар хоҳем, ки муносибатҳоямонро бо Кесси ҳақиқатан барқарор кунем, мо ҳам барои ин бояд кор кунем. Охир гап на танҳо дар вай буд ва барои мо худи ғалаба лозим набуд. Ба мо лозим буд, ки ба дили вай роҳ ёбем ва имкон диҳем, ки вай ба дилҳои мо роҳ ёбад. Ба мо маъқул буд ё не, мо боварӣ ва ҳурмати Кессиро гум кардем, чуноне ки ӯ ҳам боварии моро гум карда буд ва аз ин сабаб роҳ ба мақсади мо бояд дутарафа мебуд.

Аниқтараш, мо наметавонистем фақат аз Кесси талаб намоем, балки худамон ҳам бояд чизе мекардем. Дар аввал, ман қарор кардам, ки муваққатан ба кор наравам, ин қарор осон набуд, зеро хонашинии ман аз кори 8-соатаи идора бисёртар қувват талаб мекард. Чизе хастакунандатар аз он нест, ки тамоми диққатро ба кӯдаке диҳӣ, ки онро рад мекунад. Аммо ман мефаҳмидам, ки агар ҳозир ба ҳаёти Кесси бо ҳама иштиёқ овора нашавам, чӣ хеле ки дар се-чорсолагиаш будам, масофаи байни мо зиёд мешавад. (Дигар тарафи ин мушкилӣ ин буд, ки буҷети оилаи мо акнун танҳо аз як тараф пур мешуд ва ба болои ин мо бояд баҳри таълими ду фарзанд дар мактаби шахсӣ маблағ медодем.)

Як роҳи дигарро барои баргардонидани боварии Кесси мо дар комил сохтани муносибатҳоямон медидем. Мо ба худсариҳои ӯ дағалона ҷавоб намедодем, мекӯшидем ба ӯ даст накобем, балки дар ҳама чиз дастгирӣ кунем, ӯро бо роҳҳои мусбат водор намоем ва фишор надиҳем ё суханони нешдор нагӯем. Мо инчунин ҷидду

ҷаҳд менамудем, ки ба гуфти Брэд, сифатҳои „асосгузорандаи хислат“-ро дар ӯ пайдо бисозем, чун ҷавобгарӣ, ҳурмати одамон ва ҳурмати худ.

Оҳиста-оҳиста мо фаҳмидем, ки дар кучо ба хатоҳо роҳ медодем, махсусан дар давраи душвортарини Кесси. Ҳар қадар бисёртар ӯ ба мо муқобилият нишон медод, мо ҳамон қадар бештар писанди ӯ кор мекардем. Ин бо он анҷом ёфт, ки мо ҳама нозу хоҳишҳои ӯро иҷро менамудем, агарчи мо тамоман намехостем инро кунем. Барои аз ин „дом“ баромадан, дугонаам Сюзан ёрӣ дод, ки пештар худаш навраси душвортарбия буд. Ӯ гуфт: „Кӯшиш накун, ки дугонаи Кесси бошӣ. Ту калонсолӣ, модар ҳастӣ ва бояд ҳамаашро идора намоӣ. Тамоман лозим нест, ки Кесси ҳама кори туро тасдиқ намояд. Кор бо он анҷом хоҳад ёфт, ба фикри вай ҷаҳон даври ӯ чарх мезанад, ва ӯ кори мехостагиашро карда метавонад, танҳо барои он ки ту ӯро дӯст медорӣ“. Ман албатта, шубҳае надоштам, ки ҳар чӣ шавад ҳам, мо ҳамеша фарзандони худро дӯст медорем. Аммо ба шарофати Сюзан, ман нақши худро чун модар, омӯзгор ва насиҳатгар дидам, на чун дугона. Ба Кесси писанд омаданро бас кардам. Ӯро чун худ кардан нахостам ва дар талаботам сахтгир шудам. Боиси ҳайрати мо буд, ки ҷои шӯру исён ӯ қоидаҳои маро қабул намуд, дар назарам, ҳатто барои онҳо шукр мегуфт.

✳ ✳ ✳

Дар баробари он ки муқобилияти Кесси кам мешуд, ӯ одат кард, ки ҳеҷ гоҳ ба Бивер барнамегардад, ва фаҳмид, ки дар мактаби масеҳӣ (CFS) на ҳама ба ӯ муносибати бад доранд. Ҳатто дӯст пайдо кард. Якум Ҷеми буд, ёд дорам, ки бо ҳаяҷон нақли Кессиро дар бораи Ҷеми гӯш кардам. Дар тасаввуроти ман ӯ духтари намунавӣ буд, ки ба духтари гумроҳшудаи ман таъсири нек мерасонид. Аммо маро чизи аҷиб интизор буд. Ман Кессиро аз мактаби масеҳӣ (CFS) мегирифтам. Кесси пурсид мумкин аст, агар Ҷеми бо мо биёяд. Албатта, розӣ шудам. Ва дар ин вақт Ҷеми пайдо шуд.

Муйсари кӯтоҳи рангшуда, дар гардан занҷири саққоҳо, либосаш бошад, мисли он буд, ки шахсони аз ҷиҳати ҷинсӣ ғайритабиӣ аз мағозаи Гудвил мехаранд. Ӯ аниқ ба тасаввуроти ман оиди духтари баодоби масеҳӣ дуруст намеомад. Аммо муомилааш бисёр гарм ва озодона буд ва ман дарҳол фаҳмидам, ки чаро Кесси бо ӯ дугона шуд. Якчанд ҳафта баъд аз марги Кесси бо Ҷеми вохӯрдам ва ба ман хуш буд, ки баъзе ҷузъиёти муносибатҳои онҳоро, ки намедонистам, бифаҳмам. Ҷеми ба ёд меорад:

Ман бо Кесси ба зудӣ пас аз омаданаш ба мактаби масеҳӣ шинос шудам. Чӣ хел ман бори аввал дар бораи ӯ шунидам? Мо як муаллима доштем ва ин зан оиди Кесси бо ман гап зад, гуфт, ки хуб мешуд, агар бо Кесси сӯҳбат кунам, чунки ӯ дар душворӣ аст ва дар ҳақиқат бадбахт аст. Боре ман ба наздаш омада „салом“ гуфтам. Фикр мекунам, ӯро қариб тарсондам, чунки дар мактаб шахси ғайриоддӣ ҳисоб мешавам. Мумкин аст ман ӯро ҳайрон намудам, охир ӯ хеле шармгин буд. Вале баъд мо дӯст шудем.

Вақте ки ман якум бор бо ӯ вохӯрдам, ӯ маҳкаму пӯшида буд: гӯё бо намуди худ мегуфт: „Ба ман наздик наой“. Ба ӯ чунин менамуд, ки ӯ ба ҳеҷ кас маъқул нест. Ӯ пур аз дилсахтӣ ва ноумедӣ буд, дар ноумедӣ ғӯтида буд. Рӯз аз рӯз мекӯшидам, ки ба ӯ наздик шавам, дуову умедвориро қатъ намекардам. Чанд бор сӯҳбат оиди Худо мерафт: ӯ мегуфт, ки гӯё тавассути як дӯсташ ҷонро ба иблис додааст. Ӯ мегуфт: „Намедонам, бо кадом роҳ Худоро дӯст дорам“. Ба ӯ ҷавоб додам: „Дар ин ҷо роҳе буда наметавонад“.

Одатан мо муомилаи хуб доштем, вале як бор ӯ аз ким-кадом суханони ман каме хафа шуд. Ӯ бо васвасаи худкушӣ ҳақиқатан мубориза мебурд. Дар бораи худкушӣ шеърҳои тира менавишт. Инчунин дигар мушкилӣ дошт: бо риштаи оҳанине худро захмдор мекард, он риштаро бисёр вақт ба мактаб меовард. Ғайр аз ин, иқрор шуд, ки нашъа мекашад. Кесси бисёр вақт мегуфт, ки аз волидайнаш барои аз мактаби пештара гирифтанашон сахт хафа аст. Ин ҳисси ғазаб мавзӯи асосии сӯҳбати мо буд. Ӯ дар бораи дӯстони қадимааш нақл мекард, оиди ҷузъиёти хурдтарини муносибатҳояшон нақл мекард. Дили ӯ ҳоло ҳам бо онҳо буд. Вай ҳақиқатан пурғазаб буд, ки аз дӯстони қадимааш ӯро ҷудо карданд. Ба фикрам, сабаби ин дар садоқати ӯ буд. Ӯ ба дӯстонаш хеле содиқу вафодор буд, аз ин сабаб барояш ҷудошавӣ душвор буд.

Бо гузашти вақт „садоқати“ Кесси ба дӯстони қадима камтар мешуд, вале онҳо бошанд намехостанд ӯро аз даст диҳанд. Дар амал онҳо ӯро ва моро он қадар безобита мекарданд, ки мо маҷбур шудем бикӯчем.

Як воқеа маро махсусан ба ҳаяҷон овард ва андӯҳгин сохт. Мона ва модараш кӯшиш намуданд, ки бо Кесси вохӯранд. Ин баъди он буд, ки вохӯрии духтаронро қатъиян манъ намудем. Боре ману Брэд дар ҳуҷраамон истироҳат мекардем. Кесси даромада гуфт, ки бо сагҳо ба сайругашт меравад. Ин аҷоиб буд, зеро Кесси ҳеҷ вақт бо сагҳо сайругашт намекард. Пас аз чанд дақиқа дарро кӯфтанд. Ин Сюзан, дугонаи ман буд. Ӯ дарҳол пурсид, оё мо медонем, ки Мона ва модараш мошинашонро дар кунҷи кӯчаи мо мондаанд. Мошини Дэрику Майк (дӯсти кӯҳнаи Кесси) низ он ҷо буд. Сюзан боварӣ дошт, ки кор хуб нест. (Маълум шуд, ки онҳо ба он муваффақ шудаанд, то ба Кесси хабар диҳанд, ки ӯро интизоранд.) Хушбахтона, мо дар вақташ расидем. Вохӯриро пеш аз он ки чизе рӯй диҳад, вайрон кардем. То ҳозир тасаввур намекунам, ки онҳо чӣ кор карданӣ буданд.

Дигар воқеаҳо низ буданд. Масалан, воқеаи нохуше буд, вақте ки дӯстони Кесси ба ман дар мағозаи хӯрокворӣ даст кофтанд. Инчунин рӯзу шаб, ҳар вақт зангҳои бешумори телефонӣ. Як дафъа чанд ҷавон аз мактаби кӯҳнаи Кесси бо мошини „чероки“-и рангаш сафед аз пеши хона гузашта, хонаро бо банкаҳои оби газнок зада, фарёд карданд: „Қотилон!“ Деворҳоро тоза кардем ва қарор додем, ки зидди онҳо чорае набинем, чунки ин фақат як бор шуд.

Аммо ҳамон бегоҳ онҳо бо ҳамон мошин баргаштанд. Ин бор ба хона тухмҳои хом партофтанд. Вақте ман ба полис занг мезадам, Брэд ба мошин нишаст ва аз қафои онҳо рафт. Ӯ онҳоро дошта натавонист, вале полис онҳоро баъдтар ҳабс намуд. Ҳамаашон дӯстони кӯҳнаи Кесси буданд.

Мо онҳоро дар авбошӣ айбдор накардем, фақат бо волидайнашон сӯҳбат кардем. Брэд ба онҳо гуфт, ки мо зидди фарзандонашон ҳеҷ чизе надорем ва нохушӣ намеорем, вале мехоҳем ба мо имкон диҳанд, то духтарамонро чӣ хеле мехоҳем, тарбия намоем; барои ин мо мехоҳем ба писаронашон гӯянд, ки моро ба ҳоли худ гузоранд. Ин ҳолатро сабук кард, аммо ман муддати зиёде дар интизори баргаштани дӯстони Кесси зиндагӣ кардам. Аз ин сабаб мо қарор додем, ки бикӯчем. Мо хонаамонро дӯст медоштем, ҳамсояҳо ба мо маъқул буданд, вале наметавонистем, ки Кессиро дар чунин ҳоли нохуш гузорем. Мо муддати хеле зиёд ва бо душворӣ баҳри вай мубориза бурдем ва намехостем, ки ба тасодуфе роҳ диҳем; чӣ хеле набошад, боз ҳам душвортар сохтани ҳаёти ӯ бевиҷдонӣ мебуд.



Нуқтаи гардиш

То вақте ки Худо соҳиби ту нашавад, имон дошта наметавонӣ, балки фақат эътиқоди оддӣ буда метавонад. Ва муҳим ҳам нест, ки эътиқод дорӣ ё не, чунки ба воситаи беимонӣ ҳам ба имон омадан мумкин аст.

Симон Вейл

# 5. Нуқтаи гардиш

Боре, баҳори соли 1997-ум, тақрибан се моҳ пас аз гузаштани Кесси ба мактаби масеҳӣ, ӯ ба хона омада гуфт, ки Ҷеми ӯро ба лагери ҷавонон даъват мекунад. Ҳақиқатан мо аз Ҷеми мактуб гирифтем, ки дар он ӯ аз мо хоҳиш менамуд, то ба Кесси иҷозат диҳем. Ману Брэд аллакай инро муҳокима менамудем, вале бовариамон набуд, ки Ҷемиро хуб мешиносем, то розӣ шавем. Вақтҳои охир Кесси ба тарафи хубӣ иваз шуд, аммо мо ҳоло боэҳтиёту мулоҳизакор будем ва ду рӯзи пурра ӯро ҷавоб додан хеле бохатар менамуд. Мо гуфтем, ки фикр хоҳем кард. Қисман ташвиши ман аз боиси калисое буд, ки он чорабиниро дастгирии молиявӣ менамуд. Бисёр сол пеш ман ҳам якчанд бор дар ин лагер будам, ва дар таассуроти ман он ҷои ваҳмноке буд, ки оиди оташи дӯзах бисёр гап мезананд. Аммо дар охир мо ба рафтан иҷозат додем. Тамоми охири ҳафта ман барои Кесси дуо гуфтам ва ҳама вақт бадтарин ҳаросу интизориҳо азоб медоданд. Чӣ мешавад, агар ӯ гурезад ва мо дигар ӯро набинем? Ман сахт асабонӣ мешудам. Дар охир ҳама чиз ба хубӣ анҷомид, махсусан, агар дар бораи таъсири ин сафар ба Кесси гӯем, ки ба он мо комилан тайёр набудем. Вале ман боз ба ин бармегардам. Бигузор аввал Ҷеми нақл кунад, ки ӯ ин воқеаро чӣ хел дидааст. Ману Брэд ин нақлро фақат ҳамин тобистон, пас аз шаш ҳафтаи марги Кесси шунидем.

> Дар ин гурӯҳи ҷавонон, ки ман ба он мерафтам, ҳар кас метавонист худаш чун худ бимонад, ҳарчанд ин гурӯҳи калисо буд. Он ҷо бисёр ҷавононе буданд, ки чун панкҳо либос мепӯшиданд ва мӯйсарҳои ғайриоддӣ доштанд. Ман боварӣ доштам, ки Кесси дар он ҷо худро нағз ҳис мекунад, чунки ин бачаҳо ба дӯстони пештараи вай хеле монанд буданд. Мумкин ӯ ҳама гапи онҳоро гӯш кардан нахоҳад, вале бо вуҷуди ин ман ба муваффақияти ин кор умедвор будам. Ҳамин ки ман оиди ин лагер шунидам, хостам ба он ҷо равам ва Кессиро ҳамроҳи худ барам. Аввал ӯ рафтан нахост, вале ман нақл кардам, ки чӣ хел

бачаҳои хуб дар он ҷо хоҳанд буд, ва ӯ низ рафтан хост. Дар бораи тарафи рӯҳонии кор ман гапе нагуфтам. Ба фикрам, падару модари Кесси каме ҳайрон шуданд, вақте моро ба истгоҳи автобус оварданд, ки аз он истгоҳ мо бояд мерафтем. Он ҷо бисёр бачаҳое ҷамъ омада буданд, ки мӯйсари рангшуда ва либосҳои бесулуқай доштанд. Ин бачаҳо ба онҳое монанд буданд, ки волидайни Кесси мехостанд Кессиро аз чунон бачаҳо ҳифз кунанд. Бо вуҷуди ин, ба ӯ иҷозати рафтан доданд ва мо бисёр хуб вақт гузарондем. Кесси пеш аз ин ҳеҷ гоҳ бо ман дар чунин ҷамъомадҳо иштирок накарда буд.

Мо қариб сесад нафар, ба Естс Парк дар Кӯҳҳои харсангӣ рафтем. Дар он ҷо мо парастиши бегоҳии шукргузорӣ ва ҷалолдиҳиро гузаронидем. Дар хотирам нест, ки бачаҳо оиди чӣ гап мезаданд, аммо мавзӯи саёҳат аз озмоишҳои бадӣ гузаштан ва инкори худхоҳӣ буд. Чун бачаҳо сароиданд, деворҳое ки Кесси дар атрофи худ сохта буд, вайрон шуданд. Ӯ ҳақиқатан иваз шуда буд. Ман аз ин саёҳат чунин кори калонро интизор набудам, охир Кесси дар худ маҳкам буд. Ба фикри ман, ду рӯз ӯро иваз карда наметавонист, ҳарчанд дар ягон чиз мумкин ӯ беҳтар шавад. Аз ин рӯ вақте ки муқобилияти ӯ пурра шикаст, ман мутаассир шудам. Мо аз биное, ки дар он парастиш гузашт, баромадем ва Кесси гиря кард, ӯ аз таҳти дил мегирист, фикр мекунам дар дуо аз Худо бахшиш пурсид. Ин вақт бисёр бачаҳо дар дарун чизҳои нашъамандиашонро назди минбар мемонданд. Онҳо занҷирҳои қадимаашонро мешикастанд.

Кесси ҳеҷ чиз надошт, ки назди минбар монад. Аз ӯ ҳама бадӣ, ки дар ботинаш буд, берун меомад. Ӯ бисёр мехост аз ин бадӣ даст кашад. Дар он ҷо боз як ҷавоне буд, ки барои вай дуо мекард. Ман фақат қисми гуфтаҳои Кессиро шунида будам. Вале баъд аз ин саёҳат вай бисёр вақт ба ман мегуфт, ки хеле аблаҳиҳо кардааст ва ҳозир пушаймон аст. Ӯ сахт метарсид, ки Крис ҳам метавонад ба ягон чизи монанди ин гирифтор шавад. Ӯ мегуфт, ки гӯё аз дӯзах гузашт ва бисёр мехост додарашро аз ҳамаи ин чизҳо ҳимоя кунад.

Баъди парастиш ману Кесси, боз як ҷавон бо номи Кевин, Ҷастин ва Эрик ба кӯҳҳо рафтем, аз мошин

> баромада, зери ситораҳо истодем. Мо якчанд дақиқа дар вaҷд пеши Худо истодем. Ин бисёр таъсиркунанда буд: ночизии мо ва бузургии Осмон. Бузургии Худо чунон ҳаққонӣ буд. Дертар ман дидам, ки симои Кесси дигаргун шуд. Ӯ ҳоло ҳам шармгин буд, вале дар чашмонаш гӯё умеде пайдо шуд. Боқимодаи вақт бисёр хуб гузашт. Аз ин лаҳза ба Кесси наздик шуда ҳис мекардед, ки ӯ мехоҳад бо шумо гап занад. Ӯ муддати дароз бо роҳбарони гуногуни ҷавонон сӯҳбат мекард.

Бегоҳии якшанбе ману Брэд Крисро ба ҷое мондем ва барои гирифтани Кесси рафтем. Ман ҳоло ҳам бисёр асабонӣ будам. Вақте ки ба калисо наздик омадем, автобус омад. Анбӯҳи ҷавононро бо мӯйсарҳои сихкардашуда ва сигарет дар даҳон дидем. Дар ин вақт мошине омад. Кесси аз он баромад. Ӯ дар байни ҳамин хел духтарон буд, ки мо аз онҳо дуртар истодан мехостем. Намуди онҳо чунин буд. Андеша намудам: „Чаро мо ба ӯ иҷозат додем, ки ба ин лагер равад?“ Аз мошин баромада, Кесси рост ба сӯи ман омад. Маро ба оғӯш кашид, ба чашмонам нигоҳ кард ба гуфт: „Модар, ман дигар шудам. Ман пурра дигар шудам. Медонам бовар намекунӣ, ман ба ту исбот мекунам“. Брэд ба ёд меорад:

> Вақти рафтан Кесси ҳоло тирарӯ буд ва хомӯшу сархам буд. Дар рӯзи баргаштанаш бошад ӯ аз ҳаяҷони шодиовар пур буд, аз он чи бо ӯ рӯй дод. Гӯё вай дар ҳуҷраи торик буд, ногаҳон касе чароғакро даргиронд ва ӯ баногоҳ зебоии атрофро дид.

Қариб ду сол пас дар иншои тарҷумаиҳолӣ Кесси дар бораи ин сафараш бо Ҷеми чунин нақл мекунад:

> Хушбахтона Ҷеми ном духтар аз мактаби масеҳӣ бо ман дӯст шуд ва маро зери ҳимояи худ гирифт. Вай бисёр кушода ва некхоҳ буд. Инро ман дар бачаҳои дигар надида будам. Ғайр аз ин, ӯ ягона шахсе буд, ки ман ӯро гӯш мекардам. Ӯ бо мулоиматии том ва бе маҷбурӣ бо ман оиди Масеҳ гап мезад. Ӯ гуфт, ки дар он чи бо ман рӯй дод, Худо айбдор нест. Албатта Ӯ иҷозат дод, ки ин чиз рух диҳад, мегуфт Ҷеми, вале дар охир ҷавобгарӣ бар ман аст. Ҷеми мегуфт, ки ба мо иродаи озод дода шудааст ва худи ман ҳам қарорҳое кардаам, ки баъд аз

> онҳо афсӯс мехӯрдам. Ман дар суханони ӯ ҳақиқатро ҳис намудам ва гӯш додам…
>
> Баъд дар 8-уми март, вақти сафар бо Ҷеми ва калисои ӯ, ҳаёти ман мутлақо ба дигар тараф гашт. Танҳо дар он ҷо ман ҳақиқатан фаҳмидам, ки то ба куҷо расидаам. Ман интихоби нодуруст кардам ва ғайр аз худам ҳеҷ касро айбдор кардан мумкин набуд, — маҳз ҳаминро ман дар вақтҳои охир якравона инкор мекардам.

Ба ин ҳодиса ман нобоварона муносибат кардам. Ин кӯдаки беақл пур аз ғазаб, нашъакаш, шавқманди ҷодугарӣ буд, ки мехост худкушӣ кунад ё гурезад. Дертар ман ба Кесси гуфтам, ки мавқеи навашро чун дом қабул кардам — фикр кардам, ки дӯстони наваш ӯро ёд додаанд, то хона омада гӯяд: „Ман дигар шудам“, — бо умеде ки мо бовар мекунем ва қисман ҳам бошад ба ӯ озодии пештараашро бармегардонем. Брэд бошад сабук нафас кашид ва тайёр буд ба гапи ӯ бовар кунад.

Дэйв бо ман розӣ буд. Ҳеҷ набошад дар аввал ӯ метарсид, ки Кесси аз „наҷот“ дур буда, аз оташ ба гулхан афтодааст. Аммо барои Кесси дигаршавиаш мутлақо ҳаққонӣ буд. Ва он рӯз аз мошин баромада, ӯ ба ман наҷот ёфтаам ё чизе монанди ин нагуфт. Ӯ зери таъсири ҳиссиёт набуд. Ба ҳама чизи рӯйдода танҳо амалан, чун ба далели ҳаққонӣ нигоҳ мекард: „Модар, ман дигар шудам“. Ва ин ба ҳақиқат хеле монанд буд. Аз ин лаҳза Кесси тамоман одами дигар шуд. Дар бораи он саёҳати охири ҳафта бисёр гап намезад, мо ҳам бо саволҳо ӯро гаранг намекардем. Вале чашмонаш медурахшиданд, боз табассум мекард, ки чунин табассумро аллакай якчанд сол боз накарда буд. Ва дар муносибаташ нисбати мо (ва бародараш) ҳурмати самимӣ ва дилбастагӣ пайдо шуд.

Кесси ҳамон либоси кӯҳнаашро мепӯшид, дар гарданаш саққочаҳои фулузӣ овезон буд, аммо ҳамаи ин аҳамияти калон надошт. Чизи муҳим дигаргунӣ дар рӯҳи ӯ буд: мулоиматии вай, фурӯтанӣ ва оромии ботиниаш. Гӯё ӯ озодиеро ёфт, ки пеш ҳеҷ гоҳ надошт, ва ин муҳити хонаи моро комилан иваз кард.

Аммо баъди он чизе ки мо дар моҳҳои охир аз сар гузаронидем, ин ба назари ман ба ҳақиқат монанд набуд. Аз ин сабаб ман муддати дароз назорат мекардам. „Ту хеле дигар шудӣ, Кесс, — мегуфтам ба худ, — вале бояд исбот кунӣ, ки боз ба қафо барнамегардӣ“.



Эй Худованд, Худои ман,

Ба ман ёрӣ деҳ, ки тасаллӣ наҷӯям,

Балки тасалло диҳам.

Муҳаббат наҷӯям, муҳаббат диҳам.

Нахоҳам ки маро фаҳманд, балки

фаҳмам.

Франциски Ассизӣ

# 6. Чашидани муҳаббат

Касе, ки „таваллуд аз боло“-ро асоси имони масеҳӣ ҳисоб мекунад, мумкин имон овардани Кессиро лаҳзаи ғайримуқаррарии таърихаш меҳисобад. Аммо чун модар, ман бовар надорам, ки ин чунин аст. Бешубҳа, ин воқеа дар ҳаёти ӯ нақши тағйирдиҳандаро иҷро намуд. Ӯ ҳатто 8-уми мартро чун рӯзи дуюми таваллудаш — рӯзе, ки „аз боло тавлид шуд“, ҷашн мегирифт. Бо вуҷуди ин, ба фикрам он чизе ки пас аз истироҳат дар Естс Парк шурӯъ ёфт, барои ӯ ҳамчунон муҳим буд. Чӣ тавре ки як дӯсти ман гуфта буд, тавлиди кӯдак — воқеаи мӯъҷизаосо мебошад, вале он танҳо саршавӣ аст. Аз ҳама шавқовараш дидани калоншавӣ ва камолёбии кӯдак аст.

Барои Кесси 8-уми март на танҳо поёни ғазаб ва холигӣ, балки инчунин имкони кушодани саҳифаи нав буд. Акнун дар ҳаёти ӯ ғайр аз мубориза баҳри гузашта боз мақсаде пайдо шуд. Акнун ӯ умед дошт.

Ҳанӯз то гардиши пурра Кесси ба ҷамъомадҳои гурӯҳи ҷавонони калисои Вест Боулз Коммюнити мерафт. Ҳарчанд ҳамсолони он ҷо мисли мактаббачаҳои оддӣ буданд, гурӯҳи ҷавонон ба ӯ таъсири аниқ расонд. Пештар арзишҳои маънавиеро, ки мо ба Кесси дар хона талқин менамудем, дӯстонаш барҳам медоданд. Акнун дар Вест Боулз онҳо, баръакс, мустаҳкам мешуданд.

Мумкин аст хӯрокҳои шом бо ҳамдигар дар ресторан, ё сайругашт бо лижа, ё дигар бозиҳо дар шомҳои шанбе ба ӯ таъсир мерасонданд. Мумкин ин машғулиятҳои библиявӣ ё китобҳои мехондаашон, ё ҳамту сӯҳбатҳои онҳо буданд. Онҳо бо ҳам барои ташкилоти „Муҳити зисти одам“ нақша тартиб медоданд. (Ин ташкилот барои бехонагон хона месохт.) Чӣ хеле набошад, Кесси оҳиста-оҳиста бисёртар ба ҳаёти гурӯҳ ҳамроҳ мешуд. Аммо таъкид менамоям — ин равиш оҳиста буд. Шауна, роҳбари гурӯҳи ҷавонон, бори аввал дар гурӯҳ пайдо шудани Кессиро ба ёд меорад:

> Ӯ хеле ҳам бемуросо буд, аниқ намехост, ки ба наздаш оянду бо ӯ сӯҳбат кунанд. Одамоне ҳастанд, ки ба худ

боварӣ надоранд. Кесси аз қабили чунин одамон буд. Ман одамеро вонахӯрдаам, ки мисли ӯ ба худ нобоварӣ дошта бошад. Хуб мефаҳмидам, ки ӯ чиро ҳис мекунад, чунки худам ҳам ҳамин хел будам, вақте ки бори аввал ба гурӯҳи ҷавонон омадам. Маро падару модарам оварданд. Дар ёд дорам, ба касе гуфта будам: „Ин духтарак — қалъаи дастнорас барин аст, чӣ фикр дорӣ?“

Чун ҳозир Кессиро бо шимҳои „ҷинс“-и андозаи хеле калон, бо ороишот аз нашъаи ёбоӣ дар гардан ва топи камуфляжӣ дар тан мебинам. Ӯ нигоҳи вазнин дошт, гуфтан мумкин буд, ки ҳама чиз ба ӯ дард меоварد. Чунин менамуд, ки ҳатто ҷавонон дар наздаш худро нороҳат ҳис мекунанд. Аммо ман ба тарафи вай майл мекардам — ман ҳамеша бо ин гуна одамон ҳамдард ҳастам, чунки худам ҳам чун ӯ будам. Ӯ баъди як ҳафта омад, сипас боз ва боз омад, вале ҳар дафъа чун пештара мемонд. Ҳоло ҳам бо мо гап задан намехост.

Кассандра, дугонаи наздики Кесси, низ чунин хотираҳо дорад:

Кесси куртаҳои ҷилодор мепӯшид, дар гардан занҷиру симхор дошт ва ман аз ӯ метарсидам. Намуди ӯ гӯё мегуфт: „Ба ман наздик нашав!“ Дертар ман дарк намудам, ки дар паси ҳамаи ин шахсияти ҳаққонӣ ниҳон аст, ва мо дӯст шудем. Ман фаҳмидам, ки тасаввуротам оиди ӯ — ақидаву фаҳмиши шахсии ман буд. Дар ҳақиқат ин фақат ӯ буду халос.

Медонам, ки ин аблаҳӣ аст, вале баъзан одамеро бо ақоиди муайян мебинӣ ва ин туро асабонӣ менамояд. Масалан, вақте ки чунин ҷавононро ба монанди Эрик ва Дилан мебинӣ. Ва умуман дар мактаб бисёр вазъиятҳо мешаванд, лозим меояд мавқеи бароҳати худро тарк карда, бо одамоне шинос шавӣ, ки ба худат монанд нестанд. Ин туро метарсонад.

Шауна дар бораи гузаштаи Кесси қариб ҳеҷ чизро намедонист, вале талаботи Кессиро дид, ки вай мехоҳад чӣ хеле ки ҳаст, ҳамон хел қабулаш кунанд.

Бо гузашти вақт шармгинии ӯ камтар мешуд. Мо ба ӯ таъсир намекардем. Фикр мекунам, ки оҳиста-оҳист

таҷрибаи сӯҳбат ва мушоракати ӯ зиёд мешуд. Мо як бор ба Фанплекс роликсаворӣ рафтем, дигар бор бо ҳам хӯроки нисфирӯзӣ хӯрдем. Мо зуд-зуд ба ресторан мерафтем. Як дафъа мо конкибозӣ ҳам кардем. Ҳамаи ин ба Кесси маъқул буд.

Бачаҳоро ёд медиҳанд, ки ба худашон аз нигоҳи дигарон назар кунанд. Онҳо ҳис мекунанд, ки чун кӯдакон бевосита (самимӣ) буда наметавонанд. Аз онҳо камолот талаб карда мешавад. Аммо наврасон мехоҳанд ҳамон хеле бошанд, ки ҳастанд, ва ба онҳо маъқул аст бо одамоне мушоират кунанд, ки метавонанд ҳамеша худашонро чуноне ки ҳастанд, нигоҳ доранд ва аз фикри дигарон парво накунанд.

Тақрибан як сол пас аз омадани Кесси ба назди мо, аз ӯ пурсидам, ки гурӯҳи ҷавонон ба вай чӣ медиҳад. Ӯ гуфт, ки аниқ намедонад; якум чизе, ки вақти омадан ба назараш расид, — ҳарчанд омадан намехост — табассуми ҳама буд. „Ҳама хушбахт буданд, ба ҳама хуб буд“. Вай ин шодиро дид ва хост, ки ӯ ҳам чунин шодӣ ёбад.

Аммо дар аввал ҳоли ӯ бадтар шуд. Ӯ ҳис мекард, ки бачаҳо чизе доранд, ки вай надорад. Ва танҳо баъдтар, ба ҷои бадбинӣ, ӯ ба ҷустуҷӯ шурӯъ кард.

Сипас он саёҳат буд, ки пас аз он ӯ ҳақиқатан дигар шуд. Ин маъно надорад, ки ӯ баногоҳ диндор шуд, ё забону гуфтораш дигар шуд, ё ин ки чизи дигаре. Тамоми хислати ӯ ким-чӣ хел дигар шуд. Гумон дорам, ӯ ба ҳамаи ин мафҳуму истилоҳоти динӣ сарфаҳм намерафт. Масалан, вақте одамон аз ӯ мепурсиданд, ки оё наҷот ёфтааст, аз нав таваллуд ёфтааст ё не ва ғайра. Лекин ӯ медонист, ки як чизеро пайдо кардааст, ки ҳаёти ӯро комилан бо тарзи нав пур менамояд.

⁕ ⁕ ⁕

Дар охири тобистони соли 1997, дар байни соли аввал ва дуюми омӯзиши Кесси дар мактаби миёна, ману Брэд ба ӯ иҷозат додем, то ки аз мактаби масеҳӣ ба Коламбин гузарад. Кесси хеле вақт моро боз ба ҷон расонида буд, ки мехоҳад ба Коламбин гузарад. Ӯ мегуфт, ки мактаби масеҳӣ ба ӯ маъқул нест, ва ба болои ин яке аз дӯстонаш аз он ҷо ба Коламбин гузашта буд.

Пештар ману Брэд ба чунин дархостҳо, албатта, бисёр гӯш намедодем. Аммо аллакай якчанд моҳ рафтораш хуб буд ва мо қарор додем, ки розӣ шавем. Мо ба мактаб барои хабаргирӣ рафтем. Бо дигар волидайн гап задем, ба бачаҳо нигоҳ кардем. Дар ин вақт Кесси ва дӯсташ якҷоя ҷидду ҷаҳд менамуданд, ки ба мо таъсир намоянд. Дар поёни кор мо таслим шудем. Вале Кессиро огоҳ кардем: хурдтарин нишонаҳои бемуваффақиятиро бинем, хоҳ баҳоҳои бад, ба дарсҳо нарафтан, ё наздикшавӣ ба бачаҳои бад, дарҳол ӯро ба мактаби хусусӣ бармегардонем.

Кесси ба ман мегуфт: „Модар, ман дар мактаби масеҳӣ ба бачаҳо шаҳодат дода наметавонам. Дар мактаби хусусӣ барои ин имконияти бисёртар хоҳад буд“. Ман ба самимияти хоҳиши „шаҳодатдиҳӣ“-и ӯ ҳеҷ гоҳ шубҳа надоштам. Аммо далел он буд, ки мактаби масеҳӣ барои вай шавқовар набуд. Ин далел ба Коламбин рафтани ӯро ҳамроҳи дӯсташ оямдадору ҷолиб менамуд.

Сабабҳои водоркунанда чӣ хеле набошанд ҳам, ҳамсинфони Кесси аз Коламбин мегуфтанд, ки бо вуҷуди муносибати ҷиддияш нисбати имони нав, Кесси кӯшиш намекард диққати дигаронро бо гап дар бораи он ҷалб намояд. Яке аз талабаҳо Элиза, вақти марги Кесси дар Коламбин як сол боз мехонд:

> Вақте шунидам, ки бо ӯ 20-уми апрел чӣ рух дод, ҳайрон нашудам. Ин ба Кесси монанд буд. Ва фикр кардам, ки ин ҳақиқатан хуб мебошад — эътиқоди худро ҳимоя намудан, дар кадом ҳолате набошад. Аммо ман Кессиро комилан аз тарафи диниаш намедонистам. Ӯ эътиқоди худро ба сари ҳеҷ кас бор намекард. Рост аст, ки боре ӯ дар синф китобчаеро мехонд. Пурсидам, ки чӣ кор мекунад, гуфт: „Китоби Муқаддас мехонам“. Вале ин ба дӯстии мо алоқа надошт.

Ҳамдарси дигар, Кайла, ҳамчунин Кессиро аз „тарафи динӣ“ намедонист. Вале ӯ мегӯяд, ки дар Кесси чизи фарқкунандае буд. Бо он аз дигарон фарқ дошт:

> Ман фаҳмонда наметавонам, ин чӣ буд, — фақат ӯ дигар буд. Ӯ ҳамеша рӯкушод буд, бо ҳар касе ки дар мактаб гап мезад. Ҳеҷ гоҳ муҳокима намекард, ки кӣ чӣ хел либос пӯшидааст ва намудаш чӣ гуна аст. Ман танҳо баъд аз он ки ӯро куштанд, фаҳмидам, ки ӯ имондор

> будааст. Мо атрофи дигар мавзӯъҳо сухан мекардем, масалан, оиди сноубординг (намуди варзиш). Боре ман гуфтам, ки бо сноуборд чӣ кор карданро медонам, вале хуб гашта наметавонам. Ӯ бошад, ҷавоб дод: „Хайр, ман ба ту ёрӣ медиҳам; ман худам дар ҳафтаи оянда мехостам бо сноубординг машғул шавам. Агар хоҳӣ бо ман равӣ, занг зан“. Ва мо қарор додем, ки бо ҳамдигар сноубордбозӣ равем. Ӯ пешниҳод кард, ки маро бо худ барад, гарчанде маро хуб намешинохт.

Дар бораи фарқият байни Кессии нав ва пештара тағйирот дар завқаш гап мезад. Пеш ӯро мусиқии роки вазнин, вампирҳо ва худазобдиҳӣ шавқманд менамуданд, ҳозир бошад ӯ ба суратгирӣ шавқманд шуд (суратгири дӯстдоштаи вай Доротея Ланге буд), инчунин ӯ ба назм ва ба табиат мароқ зоҳир менамуд. Аманда, дугонае ки бо ӯ Кесси шанбеи охирини ҳаёташро гузаронд, ба ёд меорад, ки ба Кесси Шекспир маъқул буд:

> Ӯ бо иштиёқ китобҳои Шекспирро мехонд. Вай дар китобхона вақти бисёр мегузаронд, то ки нозукиҳои забони Шекспирро фаҳмад. Лекин аз эҷодиёти Шекспир на ҳамааш ба ӯ маъқул буд. Мо „Макбет“-ро мегузаштем, — Кесси он сешанбе дар китобхона онро мехонд, чунки каме қафо монда буд, — ва ин пйеса ба Кесси маъқул набуд. Ӯ мегуфт, ки дар он бисёр дар бораи марг гап меравад, ин эҷоди ваҳмангез ва тира буд. Аммо аз дигар ҷиҳатҳо пйеса ба Кесси маъқул буд.
>
> Инчунин, аз он чизе ки мо бояд мехондем, „Кандид“ ба ӯ маъқул набуд. Кесси мегуфт, ки нисфи ин китоб аз фаҳмиши ӯ берун аст ва он чи ӯ мефаҳмад, ба вай маъқул нест, ба фикрам киноя ба ӯ маъқул набуд — вай ба мақсади худи китоб зиддият мекард. Кесси бисёртар хондани Чарлз Диккенс ва Эмили Диккинсонро дӯст медошт. Мо шеърҳои Эмили Диккинсонро дар дарсҳо мехондем ва Кесси ҳақиқатан ба онҳо дилбаста шуд.

⁕ ⁕ ⁕

Одатан нумӯ (калоншавӣ) бо мубориза ҳамқадам аст. Хушбахтона, дар ҳолат бо Кесси фоҷиае рӯй надод; дар ду соли баъдина чизи баде ки сахт аён бошад, ба вуқӯъ наомад. Барои намудаш ва вазни баданаш ӯ ғам мехӯрд. Муносибатҳо бо бачаҳо

дар калисо ва мактаб ӯро безобита менамуданд. Баъзан ӯ бо бародари хурдиаш, ё бо ману Брэд мунокиша мекард. Аз рӯи суханони Ҷеми, ӯ ҳоло ҳам барои дӯстони пештарааш зиқ мешуд, ҳеҷ набошад баъзан аз онҳо ёд мекард:

> Ҳарчанд ҳаёти гузашта аллакай ӯро он қадар ҷалб намесохт, ӯ ҳоло ҳам дар бораи дӯстонаш фикр мекард. Вақте ки Майк ва дигар бачаҳо аз назди хонаи ӯ гузашта ӯро ҷеғ мезаданд, ин барояш дарднок буд. Онҳо ин корро бисёр вақт мекарданд, махсусан пас аз он ки Кесси ба Коламбин қабул шуд. Намедонам, онҳо қасдан ба ӯ дард мерсониданд ё не, вале барои ӯ ин дард буд — гӯё ӯро масхара менамуданд, ки ӯ бо онҳо буда наметавонад. Ба муддати дароз ӯ аз онҳо вобастагӣ дошт; ӯ ин вобастагиро хоҳон набуд, аммо барояш дӯстон лозим буданд. Ӯ мегуфт, ки мекӯшад аз ин фишор озод шавад.
>
> Оҳиста-оҳиста ӯ онҳоро дигар хел ба ёд меовардагӣ шуд. Ба ҷои „Медонӣ, мо ин ва он корро мекардем, хеле хуб буд“ ӯ акнун мегуфт: „Мехоҳам онҳо низ иваз шаванд, то он чизе ки ман дорам, онҳо ҳам дошта бошанд“. Мавқеи ӯ комилан тағйир ёфт. Аён буд, ки ӯ ба дӯстони пештарааш ҳоло ҳам шавқ дорад, вале акнун ин шавқи дигар буд.

Ҷеми мегӯяд, ки ғайр аз мушкилиҳо бо ҳамсолонаш, „дарди сар“-и вай муносибати ӯ бо мо, волидайнаш, буд:

> Ӯ мегуфт, ки баъзан ба назараш барои волидайнаш ӯ чун шахс муҳим нест, балки фақат рафтори ӯ муҳим аст. Намедонам, ки дар ҳақиқат чӣ хел буд, аммо ӯ баъзан ҳис мекард, ки онҳо бештар шавқманданд, ки ӯ дар назари дигарон чӣ гуна аст ва рафтораш ба онҳо чун ба волидайн чӣ хел акс меёбад. Ба ӯ фаҳмидан душвор буд, ки волидайнаш ҳақиқатан барои ӯ ғамхорӣ мекунанд.
>
> Сипас, мо камтар вомехӯрдагӣ шудем; вай ба мактаби дигар гузашт, ман тобистон ба Орегон рафтам. Вале баъзан мо сӯҳбат мекардем. Дар яке аз вохӯриҳои охиринаш ӯ гуфт, ки дар баробари нумӯ ӯ бо озмоишҳои бисёр мубориза мебарад. Ӯ мегуфт: „Ман худро имондор нишон медиҳам, ба ҳама машғулиятҳои библиявӣ

меравам ва дар гурӯҳи ҷавонон ҳама фикр мекунанд, ки ҳоли ман хуб аст, вале ман бисёр вақт худро чунин танҳо ва дур аз Худо ҳис менамоям“. Аз баъзе дӯстон баъзе чизҳоро бояд пӯшида нигоҳ дорӣ, то обрӯят коста нагардад. Кесси бошад чунин кушода ва ростқавл буд. Мо бо ҳам оиди ҳамаи он чизе, ки моро азоб медод, гап мезадем ва тамоман намекӯшидем, то худро ба чашми ҳамдигар аз будаш беҳтар нишон диҳем.

На фақат Ҷеми, балки дигар дӯстон ва ҳамсинфони Кесси ҳам ба ман оиди духтарам бисёр чизҳоеро нақл мекарданд, ки ман бо дигар роҳ ҳеҷ вақт намефаҳмидам. Ҳисси аҷибе фаро мегирад, вақте ки баъзе лаҳзаҳову ҷиҳатҳои маҳрамонаи кӯдаки худро танҳо пас аз маргаш мефаҳмӣ. Баъзан ман барои он мегирям, ки ҳамаи инро бояд пештар медонистам. Ва муҳаббатам нисбати Кесси бештар мешавад.

Кассандра, дугонаи Кесси аз Вест Боулз, соли охир ба ӯ махсусан наздик буд:

Ману Кесси баъзан оиди намуди зоҳирии худ ва оиди он ки мо худро чӣ хел мебинем, гап мезадем. Баъзе вақт ин масъала ӯро сахт ташвиш медод. Ба фикраш ӯ на он қадар зебо буд; фарбеҳ буд ва бояд хароб шавад; фикр мекард, ки агар хислати дигар медошт, хуб мебуд. Ҳарчанд ӯ оиди ҳамаи ин фикр мекард, ҳеҷ гоҳ намегузошт, ки ин мушкилиҳо бар ӯ ҳукмрон шаванд. Ҳамеша Худоро меҷуст, аз Ӯ ёрӣ металабид, то ёд гирад ки ба монанди худаш бимонад.

Кессиро ба ёд оварда, аз як хосияти хислаташ махсусан метаассир мегардам: ӯ ҳеҷ гоҳ сохтакориву фиреб намекард. Ба фикрам, ана аз ҳамин сабаб ӯ бисёр дугона дошт. Мефаҳмед, бо ин таннозони ҳамеша табассум мекарда ва сӯҳбатоҳо дӯстӣ карда намешавад. Дар бари онҳо худро чун дар мусобиқа ҳис мекунӣ.

Ба назарат менамояд, ки ҳама вақт бояд касеро ба тарафи худ кашӣ. Ҳама вақт бояд диққати онҳоро ҷалб созӣ ва ту чун худат буда наметавонӣ, ҳама вақт худро ба чизе монанд мекунӣ.

Кесси ҳеҷ гоҳ намехост, ки сохтакорӣ кунад. Бо вай мусобиқа кардан лозим набуд. Ин дар муносибатҳо байни духтарони мактаби мо ва гурӯҳи ҷавонон хеле ноёб аст.

Дар бораи Кесси фикр карда, ҳамеша суханони Франциски муқаддас ба хотирам меоянд, ки беҳтараш дӯст доштан лозим, на интизори муҳаббати дигаре шудан. Ин дар ӯ амиқ ҷойгир шуда буд. Фикр мекунам, Кесси ҳис мекард, ки танҳо Худо метавонад ӯро пур созад. Ва мумкин, ана ҳамин ҳиссиёт ӯро аз ғамхории беҳад оиди намудаш, аз пушти писарбачаҳо давидан ва аз дигар аблаҳиҳо нигоҳ медошт. Ӯ таслим намешуд, чунки метавонист аз ин мушкилиҳо баландтар бошад.

Тасдиқи ин ақидаи Кассандраро дар номаи Кесси ёфтан мумкин аст, ки қариб як сол пеш ба ӯ навишта буд:

Салом, Кесс! 28-уми июни с.1998
Ман барои ҳамаи он коре ки Худо барои ман ва дигарон карда буд, шукр мегӯям! Ҳатто вақте ки худро бад ҳис кунам, Ӯ дар бари ман аст ва ин намегузорад, ки ҳиссиётам мушкилиҳоро зиёдтар кунад... Донистан мехостам, ки Худо бо ҳаёти ман чӣ карданӣ аст. Он гоҳ ман мақсаде медоштам. Баъзеҳо миссионер ё мисли ин мешаванд, ман чӣ? Худо барои ман чӣ тайёр карда бошад? Истеъдоду бахшоишҳои ман дар куҷо ниҳонанд? Рӯз аз рӯз кӯшиш мекунам, ки инро фаҳмам. Ва боварӣ дорам, ки ягон рӯз, албатта мефаҳмам. Мумкин рӯзе ба ҳаётам назар мекунам ва мегӯям: „Ана ин чӣ будааст!“ Магар ин мӯъҷиза нест, ин нақша, ки мо як қисми он мебошем?

Дар номаи дигар, санааш тирамоҳи соли 1998-ум, Кесси менависад:

Азизам Кесс,
...Ман медонам, ки бояд ҳама чизро ба Масеҳ вогузорам, аммо ин чунон душвор аст. Ҳамин ки ба назарам ба ҳамаи ин одат карда истодаам, мебинам, ки худам идора намудани ҳаётамро шурӯъ кардаам. Ҳама чиз ба ким-кадом самте равон аст ва ман фурсати дарк кардан надорам... Агар ман метавонистам ғурурамро нобуд созам, мумкин дар охир сулҳу осоиштагӣ меёфтам ва монеаҳоеро, ки ба нумӯи ман дар Худо халал мерасонанд, вайрон мекардам.

Ман бо худам ва бо Худо бояд мутлақо ростқавл бошам ва андеша накунам, ки Ӯро фиреб карда метавонам – охир Ӯ Худо аст! Дигар роҳ нест! Ва агар ман бепарво шавам, Ӯ ҳамон лаҳза маро ошкор месозад. Ман мавқеи интизориро ишғол намуда наметавонам. Наметавонам худро тасаллӣ диҳам, ки бо ин „роҳи хуб“ ман „ба одамон таъсир мерасонам“ ва дар баробари ин худро чун масеҳии мӯътақид нишон диҳам. Намехоҳам, ки дар Вест Боулз маро ягон кас риёкор номад...

Метавонистам ин мавзӯъро бисёртар тараққӣ диҳам, вале ҳоло боз дарсу корҳои дигар дорам. Ғайр аз ин, намехоҳам, ки бо ин „эътирофи Кесси“ сараки зебои туро гаранг кунам.

Ба чунин номаҳо нигоҳ накарда, Кассандра таъкид менамояд, ки дар дӯстии онҳо „вазнинӣ“-е набуд.

Фикр накунед, ки мо ҳамеша оиди чунин мавзӯъҳои „амиқ“ сӯҳбат мекардем. Кесси дар байни одамон буданро дӯст медошт. Ёд дорам, ману Кесси ва Сарра дар шаҳр сайругашт доштем. Ману Сарра мелаққидем, Кесси хомӯш буд. Ӯ ҳамту гӯш мекард. Ӯ одаме буд, ки гӯш карда метавонист. Ба ӯ лозим набуд, ки ӯро гӯш кунанд ва ӯ дар марказ бошад ё ба ӯ диққат диҳанд.

Бори дигар мо ба каниони Гавазн рафтем, то кореро, ки ман барои дарси суратгирӣ мекардам, анҷом диҳем.

Мо мехостем суратҳои ландшафтӣ гирем, лекин ҳамаи суратҳо сарду дилгиркунанда шуданд. Дар охир мо сурати гавазнро дар доираи майдончаи голфбозӣ ҷой додем. Сурати басо ғайриоддӣ шуд, вале мо вақтро хуб гузаронидем.

Мушоҳидоти ду соли охири ҳаёти Кессиро нақл намуда, Дэйв мегӯяд, ки бисёр вақт Кесси аз дигар духтарон фарқ надошт:

Мо китоби „Шогирдӣ“-ро таҳлил мекардем, ва бобе ки ба никоҳ бахшида шуда буд, ӯро шавқманд намуд. Ӯ комилан солиму муқаррарӣ буд. Гоҳ-гоҳ медидам, ки чизеро меҷӯяд, аз доираи қолаб баромаданӣ мешавад. Барои ман ӯ таҷассуми ин оят буд: „Зеро ки аввал Малакути Худо ва адолати Ӯро биҷӯед, ва ҳамаи ин чизҳо ба шумо дода хоҳанд шуд“. Ба фикрам, ин оят ба

ӯ наздик буд. Ӯ дар ҳақиқат кӯшиш менамуд, ки Худоро дар ҷои аввал монад ва мисли бисёр бачаҳо рӯзи дароз оиди мушкилиҳояш фикр накунад.

Ба Дэйв он чиз таассуроти калон расонида буд, ки Кесси худаш қарор кард, ки дар гурӯҳи ҷавонон бимонад, интихоб дар дасти ӯ буд:

> Баъзе бачаҳо дар гурӯҳи ҷавонон чунин шармгин ва ба худ боварӣ надоштанд, ки ба рафтан ҷуръат намекунанд. Онҳо ба куҷо меравандо? Аз рӯи мушоҳидаи ман, Кесси бошад метавонист ҳар вақт аз калисои мо равад ва барои худ дар дигар ҷо, масалан дар мактаб, дӯст пайдо кунад. Вале ӯ дар гурӯҳи мо монд ва ин ҳақиқатан интихоби худаш буд.
>
> Фаҳмондан душвор аст, ки ӯро чӣ ба ин кор водор менамуд. Ӯ метавонист равад ва гӯяд, ки дар байни мо эътибор надорад. Ва бо ин гап худро сафед кунад. Аммо дар охир, аз афти кор ӯ ба худ гуфт: „Ман аз кӯҳна даст кашидам. Ба ин ҷо на барои гирифтани чизе меоям. Ба ин ҷо меоям, ки чизе диҳам“. Мо ҳам ҳаминро каме пештар аз 20-уми апрел муҳокима намуда будем. Вақте ки одам барои дигарон зиндагӣ мекунад, худхӯриро бас мекунад. Агар шумо ба ато кардан шурӯъ намудед, талаботи ҳиссиёти шумо бо гузашти вақт қонеъ мегарданд.
>
> Албатта, фаҳмидани ин ҳамеша аз ҳис намудан осонтар мебошад. Медонам, ин ба Кесси низ душвор буд. Ӯ мубориза мебурд. Рӯзи душанбе, пеш аз марги ӯ, ман бо роҳбарони гурӯҳи ҷавонон вохӯрдам. Ва мо муҳокима намудем, ки чӣ хел ӯро ба фаъолиятамон ҳамроҳ созем. Мо қарор додем, ки ба ӯ имконияти дар кори мо ҳиссаи калонтар гузоштанро диҳем. Бо ин мехостем ба ӯ ёрӣ диҳем, ки танҳоиро ҳис накунад.
>
> Дар гурӯҳи ҷавонони мо шахсони фавқулодда фаъол ҳастанд: онҳо гап зада метавонанд, рақс карда метавонанд ва гули сари сабади ҳар маҳфил мегарданд. Кесси чунин набуд. Бо вуҷуди ин, ӯ бо мо монд. Аз ин сабаб Кесси барои ман қаҳрамондухтар аст. Сол то сол, ман ҳар рӯз бисёр касонро ба мисли Кесси мебинам ва мебинам, ки бисёре аз онҳо таслим мешаванд.

> Кесси бо иштиёқ мекӯшид, ки бо мо ҳамкорӣ намояд, чизеро созад, чизеро бидиҳад. Дар чунин ҳолатҳо, вақте ки кӯдак танҳову рӯҳафтода аст, одатан чунин мешавад: агар мо нигоҳи ин кӯдакро ба дигарон равона карда тавонем — кӯдак зинда мешавад. Хизмат худаш роҳат намедиҳад. Аммо он ба мо мақсади ҳаёт медиҳад ва водор мекунад, ки фақат дар бораи худ фикр карданро бас кунем.

Як номаи дигар нишон медиҳад, ки чӣ хел ҳамаи ин ба ӯ душвор буд. Брэд онро пас аз марги Кесси дар ҷевонаш ёфт. Ин номаи тез-тез рӯи коғаз омада ба санаи 2-юми январи соли 1999 рост меояд. Ба кӣ навишта шуданаш аниқ нест:

> ...Ман ҳеҷ гоҳ намехостам он шахсияте шавам, ки шудам. Ман дар андӯҳам... Ҳеҷ гоҳ намехостам шахси ноумеду рӯҳафтода шавам. Мақсади ман ин набуд, ки шахси комилан пӯшидарӯ бошам. Модарам мегӯяд, ки агар ман дар бораи чизи хубе фикр кунам ва табассум намоям, одамон инро мебинанд ва ин онҳоро ҷалб хоҳад кард. Ман мехостам ин корро ёд гирам, мехоҳам пур аз қуввае бошам, ки дар атрофаш одамон ҳамеша ҷамъ мешаванд. Аммо ман чунин нестам. Ман соҳиби шахсияти намоён, ақли тез, ҳисси ҳаҷвӣ, қувва ва умедворӣ ба некӣ нестам, ки одамон инро меҷӯянд.
>
> ...Баъзан чунин менамояд, ки ҳамон одамоне, ки ба ман бештари таърифу таҳсинро мегӯянд, мегӯянд, ки маро дӯст медоранд — худи ҳамин одамон маро ба ҷарӣ тела медиҳанд... Писарбачаҳои калисо мавҷудияти маро ақаллан намебинанд. Дар мактаб бошад бачаҳо ба ман диққат медиҳанд. Мефаҳмам, ки баъзеи онҳоро танҳо шаҳват водор месозад. Ба онҳо наздик шудан осон мебуд, — охир ман муштоқи муҳаббатам. Намегӯям, ки алоқаи ҷинсӣ карданиам, ё чизе мисли ин, аммо ман на дар калисо дӯст меёбам, на дар мактаб. То ҳозир ман тоқат мекардам ва ба ин хоҳишҳо дода намешудам, аммо баъзан метарсам, ки тоқатам тоқ мегардад ва бо ранҷҳоям мубориза бурда наметавонам. Илтимос, ба ман навис, ки дар ин бора чӣ фикр дорӣ.

Китобҳое, ки Кесси дар машғулиятҳои ҳарҳафтаинаи гурӯҳи ҷавонон меомӯхт, чун номаҳо ба ҷустуҷӯи ӯ бахри маънои ҳаёт,

ва аз ҷумла ба саволи „Барои Худо зистан чӣ маъно дорад“ равшанӣ меандозанд. Ману Брэд то марги ӯ дарк намекардем, ки ин китобҳо ба ӯ чӣ қадар таъсир расонидаанд, дар хона ӯ ҳеҷ гоҳ оиди хондааш бисёр гап намезад. (Мумкин ӯ фикр мекард, ки муҳимтар аст бо эътиқоди худ зистан, на дар борaи онҳо гап задан.) Ҳозир ин китобҳоро, ки сатрҳои хаткашидаву қайдҳои самимии Кессиро доранд, мебиниву таъсири ин китобҳо ба ӯ аён мешаванд.

Дар нусхаи китоби „Нонҳо баҳри сафар“, куллиёти афкори Генри Ноувен, якчанд порча қайд карда шудаанд, ки ба муносибатҳои байни аъзоёни оила ва дӯстон бахшида шудаанд. Аввалинаш аз қисми „Худ будан“ аст.

> Бисёр вақт мо мехоҳем на дар он ҷое бошем, ки ҳастем, ва ҳатто на он касе бошем, ки ҳастем. Мо майл дорем, ки худро бо дигарон муқоиса намоем ва пурсем, ки чаро мо он қадар бой нестем, доно нестем, ин қадар оддӣ нестем, ин қадар саховатманд ё муқаддас нестем. Чунин муқоисот дар мо ҳисси айбдорӣ, шарм ё рашкро бедор мекунанд... Мо мавҷудоти нодири одамӣ ҳастем ва ҳар яки мо бояд дар ҳаёт он чиро иҷро намояд, ки ҳеҷ каси дигар иҷро карда наметавонад ва бояд он корро дар доираи комилан аниқ иҷро кунем — маҳз дар ҳамин ҷо ва худи ҳозир. Мо соҳиби бахт намешавем, агар муайян карданӣ шавем, ки аз дигарон бадтар ё беҳтар ҳастем. Мо барои он чизе ки бояд иҷро кунем, ба таври кофӣ хуб ҳастем. Худатон бошед!

Дар саҳифаи дигар ӯ ана ин порчаро қайд намудааст:

> Мо бе муҳаббати волидайнамон, хоҳару бародаронамон, ҳамсару маҳбубон ва дӯстонамон зиндагӣ карда наметавонем. Мо бе муҳаббат мемирем. Бо вуҷуди ин, бисёр одамон муҳаббатро дар намуди вайрону маҳдуд мегиранд. Муҳаббат метавонад бо рашк, ҳисси хафагӣ, қасосгирӣ, зӯрӣ ва ҳатто бо таҳқирот таҳриф шавад. Ягон муҳаббати одамӣ oнчуноне ки дили мо мехоҳад, нест: баъзан муҳаббати одамӣ он қадар нокомил аст, ки онро муҳаббат номидан ҳам душвор.

Назди ин порча, дар ҳошияи варақ, Кесси навишта буд: „Дар муҳаббати одамӣ тасаллӣ наҷӯ, муҳаббати Худоро ҷӯё бош“.

Як китоби дигаре, ки аз қайдҳои Кесси пур аст, китоби Ҳайнрих Арнолд „Шогирдӣ: ҳаёти ҳаррӯза барои Масеҳ“ мебошад. Ҷойҳои дар ин китоб қайдшуда дар бораи он чизе гап мезананд, ки мо танҳо баъди марги Кесси фаҳмидем: оиди кӯшиши босубот, ҳарчанд ноаёни ӯ барои озод шудан аз гузашта. Ана якчанд мисол:

> Одами ҳозиразамон ба таври аз ҳад зиёд материалистӣ фикр мекунад; вай намебинад, ки қувваҳои некӣ ва қувваҳои бадӣ новобаста ба ӯ вуҷуд доранд ва рафти ҳаёти ӯ ба он вобаста аст, ки ӯ дилашро ба кадоме аз ин қувваҳо мекушояд...
>
> Мо боз ва боз ба оккултизм дучор мешавем, махсусан дар коллеҷҳову мактабҳо. Имрӯзҳо оккултизм фақат чун боз як фанни илмӣ аз назар гузаронида мешавад. Дар аввал амалиёти оккултӣ (ё ҷодугарӣ) ба мисли мизҳои чархзананда ё даъвати мурдагон, безарару беайб менамоянд. Аммо одам тавассути онҳо, худаш нафаҳмида, ғуломи иблис мегардад. Ин амалиёт бо имони беғашу пок ба Исо чизи умумие надоранд.
>
> Масеҳ мехоҳад, ки гаронборону заҳматкашон ба нури Ӯ рӯй оваранд. Маҳз чунин одамонро Ӯ ба наздаш даъват мекунад: бочгирон, шарирон, фоҳишагон, ҳамаи онҳоеро, ки одамон аз онҳо ҳазар доранд. Ӯ девонагонро мазаммат наменамуд, Ӯ онҳоро озод мекард. Вале дар озод намудани онҳо доварӣ низ буд: зулмот бояд аён ва дур карда мешуд.
>
> Муҳим аст, ки мо чиро интихоб мекунем — калисоро чун ҷои мушоракати хуш ё роҳи салибро. Мо бояд комилан донем: роҳи Масеҳ — роҳи салиб аст...
>
> Дар яке аз бобҳо, Кесси танҳо як иборaро қайд намудааст: „Ҳамин хел зистан лозим аст, ки ба вохӯрдани абадият ҳар лаҳза тайёр бошӣ“.

* * *

Аз дигаргуниҳое, ки бо Кесси шуданд, дигаргуниҳои фарқкунандатареро тасаввур кардан душвор аст. Ва шохаи зайтуне ки вай овард (ба таври рамзӣ), — ман дигар шудам — оличанобтар ва самимитар буда наметавонист. Бо вуҷуди ин, мо ба бисёр мунокишаҳо дучор мегардидем, ки одатан миёни волидайну фарзандон рух медиҳанд: аз боиси либосҳои

парешон дар фарш, давомнокии шустушӯй, ҳаққи мошинронӣ ва маблағ.

Аз Кесси шахси муқаддасро тасвир сохтан душвор нест, хусусан ҳозир, ки ӯ хатогӣ карда наметавонад. Одамон дар бораи табассум, қобилияти гӯшкунӣ, ҷонфидоӣ ва ғамхории ӯ гап мезананд.

Ҳа, ин сифатҳо дар ӯ буданд. Аммо илова кардан муҳим аст: ман духтаре доштам, ки метавонист якраву худхоҳ бошад ва баъзе вақтҳо кӯдаки дусолаи эркаро мемонд. Бечуну чаро, ӯ душвортарин давраи худсарии наврасиро гузашт, вале ман ҳоло ҳам дар ҳолати интизорӣ будам: чун ҳар як модар ман интизор будам, ки кай духтарам пурра калон шаваду дӯсти ҳаққониам гардад.

Аз бозе ки мо хонаамонро дар Квин Стрит тарк кардем, Кесси ҳар вақт мегуфт, ки ҳуҷраи пештараашро пазмон аст ва хонаи пештар чӣ хел хуб буд. Росташ, хонаи нав табъи дили ман ҳам набуд — ошхонааш хурдтар ва худи хона ба рангкунӣ эҳтиёҷ дошт. Аммо барои кӯчидан ман сабабҳои қатъӣ доштам ва Кесси бо рафтори худ маро асабонӣ мекард, гӯё ин ҳаваси мо бошад.

Хоҳиши ӯро аз китфаш дошта сахт ҷунбонданро нигоҳ дошта, фикр мекардам: „Магар ин аз боиси ту нест? Магар аз боиси ту маҷбур нашудем,ки ба ин ҷо кӯчем? Аз барои ту ҳамсояҳоеро, ки ба ман бисёр маъқул буданд, гум накардем? Магар на аз барои ту хонаеро, ки барои ман беҳамто буд, партофта, ин ҷо, ба ин хонаи хурд кӯчидем? Боз аз мо чиро интизорӣ?“

Ман ҳама вақт ҳиссиётамро идора менамудам. Аммо ҳозир ӯ нест ва вақте ман дар бораи он фикр мекунам, ки ӯ бо авбошони яроқнок дар ҳамон мактабе рӯ ба рӯ омад, ки ба фикри мо бехатар буд, — ҳиссиётҳои кӯҳна боз ҷӯш мезананд. „Дигар хел кор кардан лозим буд“, гуфта худро азоб додан мумкин аст, вале ҳеҷ гоҳ намефаҳмӣ, ки дуруст кардӣ ё не…

Як чизи дигар, сабаби мунокишаҳои мо автомобиле буд, ки Брэд харида буд ва Кесси ронданашро бисёр дӯст медошт. Ӯ ҳамеша онро „бронкои ман“ меномид. Брэд бошад бо табассум ӯро ислоҳ мекард: „Не, ин бронкои ман, ки онро ба ту иҷозат медиҳам, то ронӣ. Ва дар омади гап гӯям, он ки ба ту иҷозати рондан медиҳанд — имтиёз аст“. Мо шарт карда будем, агар баҳоҳои ӯ аз 3,5 хол пасттар набошанд, мо мошинрониро иҷозат медиҳем; инчунин суғурта ва сӯзишвориро низ таъмин мекунем. Вале, агар баҳои миёна аз 3,5 хол камтар шавад (бештар ӯ аз

тригонометрия душворӣ мекашид), то хуб шудани баҳо бояд худаш барои суғурта ва сӯзишворӣ пул медод. Аксар вақт ӯ чунин чораҳоро фишор аз тарафи мо мешуморид.

Акнун ки ман ин сирҳои оилавиро аз нуқтаи назари хеш равшан кардам, адолат аст, агар ақидаи Кессиро дар бораи ин чизҳо фаҳмем. Ӯ ин корро дар номааш ба Кассандра мекунад (бе сана):

> Ту аллакай дар бораи коллеҷ фикр мекунӣ? Ман ҳоло не. Ким-чӣ хел ваҳмангез. Ин қадар зуд бояд ба коллеҷ қабул шавем! Бисёр мехостам ба Англия барои омӯзиш равам, ҳарчанд аз ин ҷо ҳеҷ рафтан намехоҳам. Ғайр аз ин, намедонам, оё Худо мехоҳад, ки ман равам ё не. Тасаввур намекунам, ки Ӯ чӣ мехоҳад. Умуман ҳеҷ чизро намедонам. Вақте ки нав ба ислоҳшавӣ сар кардам, чунон хуб буд, вале ҳозир, вақте дар роҳи ростам, чунон душвор аст! Намефаҳмам. Худо дар куҷост, вақте ки ман ҳозир бештар аз ҳарвақта ба Ӯ мӯҳтоҷ мебошам?
>
> Ҳаёти оилавӣ, осон карда гӯем, касро фурӯ мебарад. Модарам ҳамеша аз ман норозӣ аст. Ман ҷон дар азоб, ки ба ӯ писанд гардам, ӯ бошад фақат тираруӣ мекунад. Ҳама вақт ба ман фармон медиҳад. Аз ғуломӣ ба ӯ чунон монда шудаам... Ҳар ҳафта нисфи хонаро рӯбучин мекунам, либос мешӯям ва ғайра, вале ман охир ҳаёти худро низ дорам. Ин калисо, мактаб, дарсҳои бисёр, бо кӯдакон нишастан ва ҳар ҳафта чизи наве...
>
> Ман пули кам дорам — барои нигоҳ кардани кӯдакон бисёр пул намедиҳанд. Падару модарам бошанд маро маҷбур мекунанд, ки пули сӯзишворӣ ва суғуртаро диҳам. Барои ҳамаи он чи ман мекунам, ба ман ҳатто кисапулӣ намедиҳанд. Ба болои ҳамаи ин онҳо мехостанд, ки ман кори „ҳаққонӣ“ ёбам! Ва онҳо мегӯянд, ки маро мефаҳманд, вале ин тамоман чунин нест. Аз он замоне ки онҳо наврас буданд, ҳама чиз дар атроф дигар шуд. Онҳо тасаввур намекунанд, ки ман бо чӣ рӯ ба рӯ мешавам... Хайр, раҳмат, ки ба ман имкон медиҳӣ, то диламро холӣ кунам. Аксари вақт ман ин корро наметавонам.
>
> Бо муҳаббат, Кесс.

P.S. Ман кӯшиш мекунам, ки боқувват бошам, ман намехоҳам, ки аз Масеҳ дур шавам.

Аммо „ангур ҳамеша хом нест“ — мегӯяд зарбулмасал, — Кесси лаҳзаҳои парвоз низ дошт. Ӯ метавонист хеле олиҳиммат бошад ва бисёр вақт мешуд. Масалан, камтар аз як моҳ пеш аз маргаш ӯ мегуфт, ки мехоҳад мӯйҳои дарози маллаашро бурад, то ки аз онҳо барои кӯдаконе, ки ба химиотеропия дучор шудаанд, мӯи сунъӣ созанд. Бори дигар вай қарор кард, ки ба хазинаи лоиҳаи ҳифзи ҳуқуқи шахсе, ки онро калисои мо дар Судон дастгирӣ менамуд, 100 доллар диҳад. Ман ба ӯ гуфтам: „Кесси, ин пули кам нест. Медонам, ки худат барои он кор кардаӣ, вале мумкин беҳтараш ин пулро эҳтиёт кунӣ?“ Дар охир ӯ қарор дод, ки ин пулро барои саёҳат бо гурӯҳи ҷавонон нигоҳ дорад. То ҳол худро бахшида наметавонам, ки ба хоҳиши дилаш монеъ шудам.



# Мурда, мо зиндагӣ мекунем

Барои Масеҳ мурдан осон аст,

Барои Вай зиндагӣ кардан душвор аст.

Марг фақат як ё ду соат вақтро мегирад,

Аммо ҳаёт барои Масеҳ марги

ҳаррӯза аст.

Ба мо имтиёз дода шудааст, ки ба

ҳамдигар ва ба Масеҳ хизмат кунем.

Танҳо дар давоми умри кӯтоҳи мо...

Осмон то абад аз они мо хоҳад буд,

Вале фақат вақти кӯтоҳе дар ин ҷо

хизмат мекунем, Аз ин сабаб мо

набояд ин имконияtро аз даст диҳем.

Садху Сундар Синх

# 7. Мурда, мо зиндагӣ мекунем

Аллакай дар рӯзи куштор дар ҳамаи воситаҳои ахбори умум оиди гуфтугӯи Кесси бо ҷавононе ки ӯро куштанд, хабар медоданд. Ва рӯзи дигар бошад одамон ӯро „риёзаткаш аз Литлтон“ меномиданд. Аввал намедонистам, ки ба ин чӣ тавр муносибат кунам. Кесси — духтари ман аст ва ман тамоман намехоҳам, ки ӯро ба Жанна Д’Арк табдил диҳанд.

Аз рӯи луғат, калимаи юнонии *martyria* маънояш „шоҳид“ аст ва ба одаме нисбат дода мешавад, ки ҳатто дар пеши азобу уқубат ҳам аз имони худ даст намекашад. Мувофиқи ин муайянкунии луғат, Кессиро ҳақиқатан риёзаткаш номидан мумкин аст. Мухбири Чикаго Трибюн менависад: „Ба Кесси ҷавоне ҳукм бароварда, онро иҷро намуд, ки намояндаи маданияти ҷавонони парастандаи зӯроварӣ ва марг мебошад“. Ва бо вуҷуди ин, Кессиро ба маънои томаш риёзаткаш номидан мумкин нест. Ман барои он чунин мегӯям, ки ӯ пеш аз ҳама наврас буд, баъд риёзаткаш.

Ман мардонагии ӯро ҳеҷ кам намекунам. Ман фахр мекунам ва ҳамеша фахр хоҳам кард, ки Кесс дар пеши қотилон сар хам накард, вай қоидаву ахлоқи худро дошт ва аз онҳо шарм намекард, ҳатто агар барои ҳимояи онҳо тамоми мардонагиашро ба кор барад ҳам. Вақте ки бори аввал дар бораи рафтори Кесси шунидам, ба Брэд нигоҳ карда андеша намудам: „Оё ман метавонистам чунин рафтор кунам?“ Мумкин ман барои ҳаётам зорӣ мекардам. Кесси бошад накард. Дар 17-солагиаш ӯ аз ман боқувваттар буд.

Бо вуҷуди ин, агар ӯро болобардор ва таъриф мекарданд, ба ӯ маъқул намешуд. Охир, ӯ ягона касе набуд, ки дар он рӯз барои эътиқодаш уқубат кашида бошад. Пас аз чанд тирпарронӣ Вэлик Шнур фарёд кашид: „Худоё, Худоё“ ва сипас яке аз қотилон ӯро пурсид, ки ба Худо бовар дорад, ё не. Ӯ ҳамчун Кесси „ҳа“ гуфт, фақат ин ки ӯ ба таври мӯъҷизаосо зинда монд.

Рейчел Скотт, боз як ҳамсинфи Кесси, мумкин барои эътиқодаш ҳадафи қотилон шуд. Дугонаи ӯ Андреа чунин мегӯяд:

> Рейчел эътиқодашро ҳимоя намуд ва барои ин кораш ҷабр дид. Аз баъзе фанҳо ӯ бо Эрик ва Дилан машғул мешуд: ман шунидам, ӯ мегуфт, ки аз видеофилмҳои хунини онҳо нафрат дорад ва ин бераҳмӣ ӯро бехуд мекунад. Ба ӯ филмҳои хуби мусиқидор маъқул буданд. Кӣ медонад, мумкин онҳо мехостанд аз ӯ қасос гиранд.

Аз рӯи суханони бачаҳои гурӯҳи ҷавонон, гурӯҳи Кесси, ки чилу ҳафт нафарашон дар Коламбин мехонанд, дар он рӯз мардонагиҳо ва ҷонфидокунии дигар низ буданд. Дар як синфхона муаллим чароғакҳоро суст кард, то торик шавад ва авбошон фикр кунанд, ки он ҷо касе нест. Писарбачае пеши хоҳарашро гирифт ва тирҳо ба ӯ расиданд. Дигар ҷавон гулӯлаи таркандаро аз назди гурӯҳи мактаббачагон дур партофт, ҳарчанд худаш захмдор буд. Муаллим Дэйв Сандерс дар роҳрав истода буд. Авбошонро дида, кӯшиш намуд, ки мактаббачагонро ба дигар тараф равона созад. Пас аз якчанд дақиқа ӯ зери тирҳо афтод; ва то омадани гурӯҳи наҷотдиҳандагон, аз хунравӣ мурд.

Вале, ҳатто агар Кесси ягона касе мебуд, ки мардонагӣ кард, аз таъриф худро ноороҳат ҳис менамуд. Ба наздикӣ Кассандра ба ман гуфта буд:

> Тасаввур намекунам, ки Кесси ба ин калимаи „риёзаткаш“ чӣ гуна муносибат мекард. Баъзеҳо „Ман сазовор нестам“ — мегӯянд, аммо ба ҳар ҳол бо ин ном розӣ мешаванд. Медонед-ку, чӣ хел мегӯянд: „Ман намеарзам, вале майлатон ин ситоишу таърифро ба ман гӯед, агар шумо инро мехоҳед“. Кесси ин хел нест.
>
> Якчанд моҳ пеш ӯ ба ман гуфт: „Медонӣ, ман дигар Худоро ҳис намекунам. Ӯ, ба назарам, чунон дур аст. Ман кӯшиш мекунам ба пеш ҳаракат кунам, вале ҳозир ин чунон душвор аст; ман дигар Ӯро ҳис намекунаму халос“. Каси дигар дар ҷои вай сохтакорӣ менамуд, вале ӯ не. Оиди он чи ӯро хавотир мекард, бо чӣ мубориза мебурд, вай комилан ростқавл буд, ин сифат хеле камёб аст. Ва акнун ман омӯхтам, ки ин сифатро бештар қадр кунам.
>
> Мо рӯзе порчаеро аз Китоби Муқаддас муҳокима менамудем ва дар он Исо ба риёкорон мегӯяд, ки ҳарчанд намуди онҳо тоза аст, аммо дар ботин онҳо чун қабрҳои сафедкардашуда мебошанд, ки аз устухонҳову

> нопокӣ пур ҳастанд. Мо дар бораи он ки риёкорӣ чӣ аст ва чӣ гуна сохтакор шудан осон мебошад, гап задем. Шумо Китоби Муқаддас мехонед, дар мавзӯъҳои муносиб сӯҳбат мероед, ва шуморо аллакай чун масеҳии нек мепазиранд. Кесси инро қабул карда наметавонист.
>
> Одамон Кессиро риёзаткаш номида метавонанд, вале хато мекунанд, агар фикр кунанд, ки ӯ шахси муқаддасу одиле буд ва касбу кораш Китоби Муқаддасро хондан буд. Ӯ тамоман чунин набуд. Ӯ одами муқаррарӣ буд. Ба фикрам, аз ҳамаи ин ғавғо дар атрофи номи ӯ — нақлҳо, футболкаҳои нишонӣ дар интернет, нишонаҳо худи Кесси даст мекашид. Мумкин вай аз осмон менигарад, ҳайрон мебошад ва ба фикрам, ба онҳое ки ӯро ситоиш мекунанд, гуфтан мехоҳад, ки ӯ дар ҳақиқат аз ҳар яки мо фарқе надошт.

Лозим нест, ки Кессиро чун риёзаткаш болобардор кунем. Ин дар тарҷумаи ҳоли ӯ чизеро дигар наменамояд. Барои ману Брэд кифоя аст донистани он ки новобаста ба сабабҳо, Кесси эътиқоди худро ҳимоя намуд. Дар ин синну сол одамон ба намуди зоҳириашон дар назари дигарон аҳамият медиҳанд, ӯ бошад аз гуфтани фикраш натарсид.

Албатта, саволҳо аз ҷавобҳо бисёртаранд. Чӣ мешуд, агар ӯ ҳеҷ чиз намегуфт, ё агар „не“ мегуфт? Қотилон ба ӯ раҳм мекарданд? Ва ман ба ҷои ӯ чӣ кор мекардам? Ин саволҳоро бисёртар аз дигар саволҳо одамон ба худ медиҳанд. Ин саволҳо тамоман табиӣ мебошанд, вале ба фикри ман мулоҳизаҳо бар сари ин мавзӯъҳо он қадар самарабахш нестанд.

Миқдори на он қадар бисёри одамон аз тир мемиранд ва боз миқдори камтар бо марги қаҳрамонӣ мемиранд.

Мушкилоте ки аз марги Кесси сар мезанад, на дар он аст, ки маҳз ӯ ба қотилон ҷавоб дод, балки чӣ ӯро водор намуд, то чунин ҷавоб диҳад. Намегӯям, ки ӯ рӯз то рӯз худро ба чунин фарҷоми даҳшатнок тайёр менамуд. Боварӣ дорам, ӯ оиди марг фикр ҳам намекард; бемаънигӣ аст, агар ин хел фикр кунем. Ва бо вуҷуди ин, чун фоҷиаи ваҳмангез ба сари ӯ омад, ӯ оромию мардонагиро аз даст надод. Ӯ барои рафтан тайёр буд. Чаро?

Дар вақти яке аз аввалин ташрифҳо ба калисо, пас аз воқеаи Коламбин, Дэйв гуфт, ки Кесси фақат ҳамту дар 20-уми апрел

намурдааст, балки ӯ дар давоми ду соли охир ҳар рӯз мемурд. Дар аввал, ин фикр ба ман ҳайратовару нохуш менамуд. Лекин ҳар чи бештар дар ин бора фикр мекардам, ҳамон қадар бештар дарк менамудам, ки барои фаҳмидани сирри дақиқаҳои охири ӯ ва фаҳмиши он ки ӯ бо кадом роҳ ба ин ҳолат расидааст, ҷавобро маҳз дар ҳамин ёфтан мумкин аст.

> Кесси ба мисли ҳар яки мо мубориза мебурд, вале ӯ медонист, ки чӣ кор карданаш лозим аст, то Масеҳ дар ӯ зиндагӣ кунад. Ин мурдан барои худ аст ва ин корест, ки мо бояд ҳар рӯз иҷро кунем. Ин чунин маъно дорад, ки ҳаёти худхоҳонаро аз худ дур созем... Ва ин кори манфӣ нест — ин роҳи озодӣ барои ҳаёти пурратар мебошад.
>
> Ҷаҳон 20-уми апрел „ҳа“-и Кессиро шунид, вале мо бояд ҳамаи он „ҳа“-и ӯро шунавем, ки рӯз то рӯз, моҳ то моҳ, пеш аз он ки ҷавоби охиринро диҳад, мегуфт.

Пас аз якчанд ҳафта ман бо Дэйв оиди Кесси гап задам ва ӯ фаҳмонд, ки дар фаҳмиши ӯ ибораи „барои худ мурдан“ чӣ маъно дорад:

> Исо низ ҳамин чизро дар назар дорад, вақте мегӯяд, ки касе хоҳад ҳаёташро нигоҳ дорад, онро аз даст медиҳад, ва касе ҳаёташро аз даст диҳад, онро меёбад. Хеле барвақт, пеш аз маргаш, Кесси қарор дод, ки ба ҷои риояи манфиатҳои худ ва интизор шудан, ки ҳаёт чӣ пешниҳод мекунад, ӯ бояд муайян намояд, ки худаш чӣ кор карда метавонад.
>
> Сухан дар бораи корҳои бузург нест; сухан дар бораи он аст, ки дар чизҳои хурд худпараст набошем. Мо ба шаҳр ба хизмат барои нашъамандон мерафтем. Кесси ҳамроҳи мо мерафт. Мо бо онҳо хӯрок мехӯрдем, баскетболбозӣ мекардем, ҳамту бо онҳо вақт мегузарондем. Ҳамаи хизмат дар он буд, ки ҳарчанд мехоҳӣ ба дигар тараф нигоҳ кунӣ, бояд „салом“ гӯӣ, дасти касеро фишурӣ. Яъне одамонро ба даст овардан, барои чизи бузургтаре ба қурбониҳо тайёр будан ва аз баҳри бахту роҳати худ баромадан.

Ҷордан, духтаре аз Вест Боулз, ки дар кори гурӯҳи ҷавонон иштирок мекард, мегӯяд, ки Кесси дар бисёр рафтораш нишон медод, ки худпарастӣ надорад:

> Се-чор ҳафта пеш аз фоҷиа дар Коламбин ман ӯро ба зодрӯзи касе бурдам. Мо панҷ нафар духтар ҷамъ шудем ва дар бораи афти ҳамдигар, дар бораи он мелаққидем, ки кӣ хароб шудааст, кӣ не, вале Кесси бошад гуфт, ки аз ин лаққиданҳои беҳуда монда шудааст. Ӯ гуфт, ки ӯ инро бас кардааст — аз чунин сӯҳбатҳо ба ҳеҷ кас фоидае нест, баръакс, одам метавонад аз боиси намуди зоҳирии худ худро бадбахт ҳис кунад. Ӯ чунин меҳисобид, ки фақат дар бораи худ фикр карданро бас кардан лозим ва бояд дар бораи дигарон ва он чи дар ҳаёт муҳим аст, фикр кунем.

Шауна воқеаи монанди инро ба ёд меорад:

> Боре ӯ бо ашк ба назди ман омад. Ӯ аз барои сӯҳбате ки дар бораи ман буд, ғам мехӯрд. Вай худаш дар ин сӯҳбат иштирок накарда буд, вале ғайбатро шунида тарафи маро нагирифт. Ман дар ёд надорам, ки каси дигаре чунин рафтор карда бошад.
>
> Аз рӯи табиаташ бисёр сӯҳбаторо ва худбовар набуд. Тасаввур мекунам, ки ин рафтор барояш чӣ хел душвор буд, ки ӯро дар ҳолати бисёр душвор мегузошт. Аммо ӯ қарор карда буд, ки новобаста ба тарсу ҳароси худ он чизеро, ки дуруст меҳисобид, иҷро кунад. Дар охир, дарки он ки ӯ кӣ аст ва ба чӣ бовар дорад, то ба дараҷае дар ӯ мустаҳкам гардид, ки ҳеҷ кас онро аз ӯ гирифта наметавонист.

✳ ✳ ✳

Боре, тақрибан як ҳафта пеш аз марги Кесси, мо дар ошхона дар гирди миз нишаста будем. Дар ёдам нест, ки чӣ хел сӯҳбат дар бораи марг рафт. Кесси гуфт: „Модар, ман аз мурдан наметарсам, чунки ба осмон меравам“. Ман гуфтам, ки ҳатто фикре ҳам дар бораи марги ӯ карда наметавонам, ва ҳаёт бе ӯ бароям маъное надорад. Ӯ ҷавоб дод: „Вале, оча, ту медонистӣ, ки ман дар ҷои бисёр ҳам беҳтар ҳастам. Магар барои ман хушбахт намешудӣ?“

Баъзан фикрҳои ӯ чунон пухта ва саволҳояш чунон пурандеша буданд, ки мо шарм мекардем. Аммо фақат ҳозир нақли дӯстонашро шунидаву навиштаҳо ва номаҳояшро, ки танҳо баъди маргаш ёфта шуданд, хонда, мо амиқии олами ботинии ӯро дарк

менамоем. Дар яке аз чунин навиштаҳо, бар коғазпорае бо санаи „1998“, ӯ менависад:

> Вақте Худо намехоҳад, ки ман кореро кунам, ман комилан аниқ мефаҳмам. Вақте Ӯ мехоҳад, ки ман ягон корро кунам, ҳатто чизе ки маро ноҳоҳат мекунад, ман инро ҳам мефаҳмам. Ман ҳис мекунам, ки чӣ хел ӯ маро ба самте ки бояд равона шавам, тела медиҳад... Ман мекӯшам, ки дар мактаб имони худро ҳимоя намоям... Ин метавонад дилхунукии дигаронро сабаб шавад, вале ин кори сазовор аст... Ман барои Худоям мемурам. Ман барои имонам мемурам. Ин ночизтарин коре мебошад, ки ман барои Масеҳ, ки барои ман мурд, карда метавонам.

Дар давоми ду моҳи охирини ҳаёташ Кесси дар болои китоби „Дар ҷустуҷӯи сулҳ“ бисёр вақт мегузаронд. Ин китобро гурӯҳи ҷавонон дар мубоҳисаҳои ҳарҳафтаина муҳокима мекарданд. Ин китоб, ки муаллифи он Иоҳанн К. Арнолд як ё ду сол пеш аз ин дар калисои мо баромад карда буд (ва аз он вақт яке аз нависандаҳои дӯстдоштаи ӯ шуд), аз ҳама адабиёти пештар хондаи Кесси дида бештар ба умқи дили ӯ расидааст.

Ба гуфти Аманда, Кесси ҳама вақт дар бораи ин китоб гап мезад: „Кесси аз ин китоб сахт мутаассир шуда буд. Ман ин китобро надоштам ва ӯ китоби худро ба ман дод“. Чун ҳарвақта ӯ ҷойҳои махсусан маъқулшударо қайд мекард. Ман се порчаро овардан мехоҳам. Онҳо аз қисме мебошанд, ки гурӯҳи ҷавонон бояд бегоҳии 20-апрел муҳокима мекарданд.

> Бичӯй, то даме ки биёбӣ ва таслим нашав. Дуо кун, ҳатто агар фикр кунӣ, ки дар ту имон нест, зеро ки Худованд ҳатто „беимононро“ мешунавад, вақте ки ба сӯяш мехонанд. Худо ба ту ёрӣ медиҳад. Таслим нашав ва пеш аз ҳама аз васвасаҳое канорачӯӣ кун, ки туро аз мақсадат дур мекунанд. Агар ҳатто афтӣ, бихез ва ба роҳи пештара баргард.
>
> Як чиз ба худбоварии одам зарбаи бузургтарин мезанад — ин тарс дар пеши марг аст, ки ҳама доранд. Вале ҳатто ин таҳдид ба сулҳи олами ботинӣ метавонад бо ёрии боварие, ки аз имон меояд, ва бо муҳаббате, ки ба гуфти ҳаввориӣ Юҳанно, тарсро меронад, нест гардад.

Чун ҳар одами дигар, Мартин Лютер Кинг аз марг метарсид ва бо вуҷуди ин осоишу оромии аниқ дошт. Вай нисбати вазифаи хизматаш шубҳа надошт. Ва нисбати нархи иҷроиши ин вазифа тарсу ҳароси ҷонкоҳ надошт. „Ягон одам аз тарси марг озод нест“ — мегуфт ӯ дар гирдиҳамоӣ ба ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандӣ дар соли 1963. — „Вале дар он лаҳзае ки тарси маргро мағлуб мекунед, шумо озод мешавед... Ман таъкид менамоям, ки одаме ки чизе ё сабабе барои мурдан надорад, ба ҳаёт сазовор нест“.



# Андешаҳо

Ман мефаҳмам, Замин хурд,
вале азоб – бепоён аст,
ва дард бисёр аст.
Хайр, баъд чӣ?

Ман мефаҳмам, мо мемирем –
Комилтарин ҳаёт
Фаношавиро мағлуб
карда наметавонад,
Хайр, баъд чӣ?

Ман мефаҳмам, ки дар Осмон,
Бо роҳе ҳамааш баробар мешавад,
Ва баробарии нав дода мешавад.
Хайр, баъд чӣ?

# 8. Андешаҳо

Вақте ки марг ин қадар наздик аз пешатон мегузарад, чӣ хеле ин бо мо шуд, ақидаҳоро нисбати ҳаёт тағйир надода, роҳро давом додан мумкин нест. Албатта, ҳамаи мо медонем, ки метавонем худи пагоҳ мурем: мумкин мошин моро занад, мумкин сактаи дил шавем ва ғайра. Вале мо қариб фикр намекунем, ки ин чӣ маъно дорад, то вақте ки ҳақиқати он ба таври аёнӣ ба сари мо наояд. К.С. Люис мумкин маҳз ҳаминро дар назар дошт. Вақте ки занаш аз касалии саратон мурд, ӯ навишта буд: „Ҳеҷ чиз одамеро, ки ба мисли ман аст, такон дода наметавонад... Ӯро бояд хуб такон диҳӣ, пеш аз он ки ӯ ба худ ояд“.

Ман боварӣ дорам, ки фоҷиаи Коламбин ҳамин корро кард. Он ба таконе монанд аст, ки моро бозмедорад ва маҷбур мекунад, ки нигоҳамонро аз ҷузъиёти ночизи ҳаёт биканем.

Ман ҳеҷ гоҳ фаромӯш намекунам, ки чӣ хел дар он соатҳои бепоёни интизорӣ, вақте ки ҳеҷ чиз аниқ набуд, ки Кесси зинда аст ё не, ман ба худ ваъда додам, агар ӯ зинда монад, ҳама кори имконпазирро мекунам, ки ӯ ба Кембриҷ равад. Барои чӣ ҷидду ҷаҳди ӯро чунон тез хомӯш кардам? Ҷанҷолҳои дигарамонро низ ба хотир меовардам, медидам, ки дар бисёр ҳолатҳо бо ӯ меҳрубонтар буда метавонистам. Охир ин ҷанҷолҳо асосан аз пушти доғҳои гилем, либосхарӣ, пул барои сӯзишворӣ ва монанди инҳо буданд.

Агар гап дар бораи таассуфҳо бошад, бояд оиди як сабаби муноқишаҳо нақл намоям, ки дар гаражи мо истодааст. Тобистони гузашта, вақте Крису Кесси бо гурӯҳи ҷавонон ба Чикаго рафтанд, ман барои худ „Форд экспедишон“ (тамғаи мошин) харидам. Кесси норозигӣ баён мекард, ки худаш барои сафар пул дод, ман бошам пас аз ҳамаи ҷонфидоиҳо дар соли гузашта, худро номураттаб ҳис мекардам. Қарор намудам, ки вақти ба худ чизи хуше кардан расидааст. Ҳеҷ набошад, он вақт худро чунин тасалло медодам. Ҳозир ин ҳама худсафедкуниҳо кӯдакона менамоянд, ва ҳар боре ки паси рул менишинам, холигии афзояндаи диламро ҳис мекунам.

Бо суғуртаи Кесси бадтар буд. Ман ба ёд ҳам намеовардам, ки мо суғурта дорем, агар касе моро намепурсид. (Ин фикри

Брэд буд: агар бо фарзандон ягон чӣ руй диҳад, хароҷотро мепӯшонем.) Моро ҳисси даҳшатнок фаро гирифт, вақте ки ин пулҳоро гирифтем, гӯё аз марги фарзанди худ фоида ба даст овардем. Мо ин пулро ба ғайр аз он ки пули вақфро диҳем, чӣ кор ҳам мекардем?

Марги Кесси нагузошт, ки мо дарси ҳаётро зина ба зина омӯзем. Он моро ба анбӯҳи гузаштанашавандаи ҳиссиёт партофт. Баъзан ба назар менамуд, ки мо аз онҳо бармадем ва ҳамон лаҳза мо печида мешудему меафтидем. Чунин ҳиссиёт, ба монанди нафрату ғазабро гирем. Аз рӯи виҷдон намебуд, ки агар инкор кунам, ки бо онҳо мубориза бояд барам. Брэд ҳамеша мегӯяд, ки ба ҳамаи ин тоқат кардан мумкин аст, агар ҳамеша ба ёд орад, ки Кесси дар осмон аст. Бешубҳа, ин фикр тасаллӣ медиҳад, вале он дарди рафтани духтарро низ кам намекунад. Ҳар боре ман ба ҳуҷраи ӯ даромада, рӯи кат мешинам ва дарк мекунам, ки ӯ дигар ҳеҷ гоҳ ба ин ҳуҷра ворид намегардад, ман дарди амиқеро ҳис менамоям — дарди захми шифонаёбанда.

⁕ ⁕ ⁕

Чун қисми ёдоварии муваққатӣ пас аз фоиҷа дар Клемент Парк понздаҳ салиб монданд: сенздаҳ-то барои ёдоварии қурбониҳо ва дуто — барои ёдоварии қотилони онҳо. Ҳайратовар нест, ки бисёриҳо бар зидди ду салиби охир эътироз баён менамуданд. Ҳатто касе бар яке аз онҳо навишта буд: „Ҳаромзоди лаин“. Ман фаҳмида метавонам, ки барои чӣ он шахс чунин кард, вале аз дигар тараф, ин гуна рафторҳо маро ноором мекунанд. Ин гуна ғазаб — ҳисси вайронкунанда мебошад. Он оромии ботинии шуморо вайрон менамояд ва чизе намеорад, ғайр аз дарди бештар. Инчунин, агар шумо дар худ ҳисси ранҷу хафагӣ доред, барои атрофиён шуморо тасаллӣ додан душвортар мегардад. Гуфта наметавонам, ки дар ман ин ҳисси хафагӣ нест, — медонам, ки ҳаст, — аммо ман намехоҳам, ки каси дигаре онро зиёд намояд.

Инчунин масъалаи қасос низ вуҷуд дорад. Ба назари ман, хоҳиши гирифтани чизе ба ҷои зарари расонидашуда ба воситаи маҳкама (суд) ё роҳи дигар мӯътадил аст... Аммо оиди қотилони Кесси бошад, мо ҳеҷ гоҳ наметавонем оилаҳои онҳоро таъқиб намоем. Ҳатто агар ба маҳкама мурoҷиат намуда мурофиаро мебурдем, ҳеҷ маблағ фарзандони моро баргардонида наметавонад. Ғайр аз ин, ин оилаҳо ҳам фарзандонашонро гум кардаанд. Ва бераҳмӣ мебуд, агар чунин рафтор мекардем, ки гӯё ғами онҳо аз мо камтар бошад.

Мо оиди Харрисҳо ва Клиболдҳо гуфтаҳои мухолифи ҳамдигар шунидем. Баъзе онҳоро волидайни фориғбол, дигарон фақат бепарво ё соддалавҳ меноманд. Мо аз куҷо медонем? Онҳо хоҳ айбдор бошанд, хоҳ не, мо наметавонем ба онҳо фақат даст афшонем. Махсусан, пас аз гирифтани ин нома, ки қариб пас аз як моҳи марги Кесси дар қуттии почтавии мо пайдо шуд:

> Бёрнеллҳои азиз,
>
> Ба мо ниҳоят душвор аст, ки ба шумо бинависем, вале мо бо камоли фурӯтанӣ мехоҳем нисбати марги духтари зебои шумо ҳисси амиқи андӯҳамонро изҳор намоем. Ӯ ба ҷаҳон муҳаббату шодӣ меовард ва чун оқибати беақлӣ мурд. Мо мехостем имкони донистани ӯ дошта бошем ва аз шиносоӣ бо ҷони пурмеҳру дӯстдорандаи ӯ рӯҳан калон шавем.
>
> Мо ҳеҷ вақт намефаҳмем, ки чаро ин фоҷиа рӯй дод ва мо барои пешгирии он бояд чӣ мекардем.
>
> Аз иштироки писари мо дар куштани Кесси бисёр афсӯс мехӯрем. Мо ҳеҷ гоҳ дар Дилан ғазаб ё кинаро надида будем, то охирин лаҳзаҳои ҳаёти ӯ, ки мо бо даҳшати оҷизона ҳамроҳи дигарон мушоҳида менамудем. Ба мо то ҳол дарк кардан душвор аст, ки писарамон ҳақиқатан барои ин фоҷиа ҷавобгар аст.
>
> Бигзор Худо шумо ва наздиконатонро тасаллӣ диҳад. Бигзор Ӯ ба дилҳои порашудаи шумо ва мо сулҳу фаҳмиш ато намояд.
>
> Бо эҳтироми самимӣ,
> Сю ва Том Клиборд.

Мумкин касе аз ин нома рӯй гардонад — мо наметавонем. Аввалан, барои навиштану фиристодани он мардонагии бузург лозим буд. Дуюмаш, дар ҳамон як фоҷиаи дарнашаванда фарзандамонро аз даст дода, мо метавонем фақат ба дарди онҳо шарик шавем.

Аммо мо метавонистем дарду таҳқири онҳоро бифаҳмем, ҳатто агар Кесси зинда мебуд. То тағйирёбии фарққунанда дар ӯ, мо низ азоб мекашидем, ба мисли азобҳое ки ҳозир волидайни қотилон доранд. Ва ба он нигоҳ накарда, андозаи ғами онҳо ва моро қиёс кардан мумкин нест, мо ақаллан тасаллое дорем: духтари мо бо шарафу номус мурд. Онҳо бо чӣ тасаллӣ меёбанд?

Он чизеро, ки дар Коламбин рӯй дод, иваз карда наметавонем, вале ман мӯътақидам, ки такрори чунин фоҷиаҳоро пешгирӣ карда метавонем. Боварӣ дорам, ки роҳе бояд вуҷуд дошта бошад, то дили наврасони бегонашудаву боадоваттаринро дигар намоем. Ва ин корро бояд пеш аз он кунем, ки кор илоҷнопазир шаваду бадтарин воқеаҳо рӯй диҳанд. Агар ҳаёти кӯтоҳи Кесси моро ягон чиз омӯзонд, ин он аст, ки ягон наврас, чӣ хеле худсару даҳшатнок набошад ҳам, ба марг маҳкум нест. Бо ёрии ҷонфидоӣ, самимияту ростқавлӣ, бо ёрии муҳаббат, ки сарчашмаи он Худо аст, ҳар як кӯдакро наҷот додан ва ба роҳи рост ҳидоят кардан мумкин аст. Ба ҳар ҳол, ман ҳамеша ба ин умед мебандам.

⁕ ⁕ ⁕

Ману Брэд ба он ки марги Кесси берун аз Литлтон ба одамон чӣ гуна таъсир кард, комилан тайёр набудем. Ба мо номаҳо қариб аз ҳамаи штатҳо ва давлатҳои гуногуни ҷаҳон омаданд. Аз Англия, Ямайка, Фаронса, Олмон, Австралия ва Перу. Номаҳо чунон бисёр омаданд, ки меҳмонхонаи мо аз номаҳо, хату чизҳои фиристода пур буд.

Скотт, ҷавони ҳабдаҳсола аз Поэпикс, навишт, ки марги Кесси дили ӯро музтариб ва ҳаёташро пурра дигар кард. Зане — духтур аз Каролинаи Шимолӣ, ки дер боз орзуи ташкили сағирхона барои кӯдакони овораи Гондурас дошт, дар худ қувват ҳис намуд, то ин нақшааш амалӣ шавад: дар вақти навиштани нома сағирхонаи ӯ аллакай кушода мешуд. Дар Пенсилвания навхонадорони ҷавон аз воқеаи Кесси мутаассир гардида, духтари навтаваллудашонро Кесси номиданд.

Бо ёрии синамо ва интернет хабарҳо аз Литлтон ба Африқо, Судон расиданд.

Дӯстони мо дар вилоятҳои дури Судон саёҳат доштанд ва ҳайрон шуданд, ки дар яке аз деҳаҳои хурдакак аз онҳо дар бораи Кесси пурсиданд. Онҳо хоҳиш намуданд, ки барои Кесси санги ёдоварӣ бино кунанд.

Табиӣ аст, ки марги ӯ бештар ба онҳое таъсир кард, ки ӯро беҳтар аз ҳама мешинохтанд. Ба бародар, ҳамсолон дар Вест Боулз, ба онҳое ки бо ӯ дар Коламбин мехонданд. Крис марги хоҳарро бо мардонагӣ аз сар гузаронд. Албатта, лаҳзаҳое буданд, ки ба ӯ хеле душвор буд. Ӯ бо Кесси хеле наздик буд, дар ин синну сол. Ба сабаби шавқмандие ки васоити ахбори умум баъди 20-уми апрел ба оилаи мо зоҳир намуданд ва аз ташрифи ҳамешагии дӯстону хешон ӯ (ману Брэд ҳамчунин) тамоман бо

ғами хеш танҳо гузошта нашуд. Мо сабукии бузургро ҳис менамудем, вақте медидем,ки ӯ бо устуворӣ ҳамаи мушкилиҳоро аз сар мегузаронад. Ӯ дарди хешро мағлуб намуд ва аз марги Кесси дар доираи васеътаре дарсе омӯхт:

> Ману Кесси ҳамеша баҳсу ҷанҷол доштем, вале ин ҷанҷолҳо ягон вақт ҷиддӣ набуданд. Дар ҳақиқат мо ба ҳамдигар беҳтарин дӯст будем. Ва бо вуҷуди ин, ҳозир ки ӯ нест, ман мефаҳмам, ки бо ӯ муомилаи хубтар карда метавонистам.
>
> Ман фаҳмидам, ки ба ӯ чӣ гуна дард мерасонидам. Боре, тақрибан як моҳ пас аз марги ӯ, ман дар ҳуҷрааш шеърҳоеро ёфтам, ки ӯ дар дафтари кӯҳнае менавишт. Як шеър „Бародари ман“ ном дошт ва дар он гуфта мешуд, ки чӣ гуна ранҷид, вақте ки ман дар ҳузури дӯстонам чунон рафтор кардам, ки гӯё ӯ ба дилам задааст. Ӯ медид, ки ман бештар бо дӯстонам, на бо ӯ вақт мегузаронам, онҳоро беҳтар мешуморам. Ин шеърро хонда, худро нокас ҳис намудам, зеро ӯ ҳамеша ба ман нағз муносибат мекард. Бо мошинаш маро ба ҳар ҷо мебурд — назди дӯстонам, ба яхмолакбозӣ, ба ҷамъомадҳои гурӯҳи ҷавонон. Вале вақте ӯ ба ман мӯҳтоҷ буд, ман ба ӯ ёрӣ намедодам.
>
> Пас аз марги ӯ ман кӯшиш менамоям, ки ба ӯ монанд бошам. Ман ҳамаи компактдискҳоямро дида баромадам ва дискҳоеро, ки мундариҷаи шубҳанок доштанд, партофтам. Мекӯшам бадхоҳ набошам, дигаронро барои намуд ва суханонашон маҳкум накунам. Инчунин мекӯшам неку хайрхоҳ бошам. Ин шеър ба ман нишон дод,ки ба одам дард расонда, онро ҳатто пайхас накардан имкон дорад.

Ҷош, хонандаи курси ду, ки гуфтугӯи Кесси бо авбошонро дар китобхона шунида буд, мегӯяд, ки марги Кесси назари ӯро ба ҳар як ҷузъиёти ҳаёташ дигар кард:

> То он рӯз ман дар бораи ҳеҷ чиз фикр намекардам. Ман дар гурӯҳи бейсболи мактаб бозӣ мекардам ва инро чун кори бояду шояд мефаҳмидам. Ҳатто он рӯз дар таги миз нишаста, ман фикр мекардам: „Хайр агар тир ба ман расад, ақаллан ба чунин ҷое расад, ки ман роҳ гашта тавонам, тӯббозӣ карда тавонам“. Барои он ки ин

бозиҳо маънои ҳаёти ман буданд. Акнун ман ба ин тамоман дигар хел нигоҳ мекунам. Ман мисли пештара бо бейсбол зиндагӣ дорам, вале акнун дар қобилияти бозӣ кардани худ имтиёзро мебинам. Ва акнун бисёр чизҳо, ки барои ман аҳамият надоштанд, барои ман муҳим шуданд: оилаи ман, додарчаам, дӯстонам.

Пештар ман чунин меҳисобидам, ки ман наврас ҳастам ва аз ин сабаб намиранда ҳастам. Гӯё ягон бемории хатарнок ба ман таҳдид намекунанд ва ман ҳеҷ гоҳ намемурам, ҳеҷ набошад ҳоло бисёр-бисёр сол умр мебинам. Акнун чунин фикр намекунам. Ман бояд ҳар рӯз бо тамоми қувват зиндагӣ кунам, чунки мефаҳмам, ки одам ҳар як лаҳза метавонад аз ҳаёт равад. Ва фарқ надорад, ҷавон ҳастӣ ё пир. Пеш ман ҳама вақт фикр мекардам: куҷо шитоб кунам, ҳоло боз пагоҳ мешавад.

Кристел, як нафари дигар, ки дар китобхона зинда монда буд (ман аллакай изҳороти ӯро оварда будам), чанде пеш ба ман гуфт, ки то ҳол аз рӯ ба рӯ шудан бо марг амиқ мутаассир мебошад. Ва бисёр ҳайрон аст, ки чӣ гуна дигарон ҳамаашро фаромӯш карда тавонистанд.

Мо дар ҳар лаҳза мурда метавонем. Ман фикр мекардам, ки ҳама чиз дигар мешавад, одамон пас аз он чӣ ба сарашон омад, бо ҳам наздик ва дӯст мешаванд. Аммо бисёр чиз мисли пештара монд. Пас аз ҳамаи рӯйдодҳо одамон ба ҳаёти пешина баргаштанд. Ҳар кас ба ҷаҳони хурди худ.

Гуфтан мехостам, ки Кристел муҳобот мекунад, вале ин тавр нест. Ҳатто дар ҳафтаҳои аввали баъди фоҷиа, вақте волидайни фарзандгумкарда ҳар рӯз назди ёдгории пеши мактаб меомаданд, одамоне ёфт мешуданд, ки мехостанд „ҳамаи ин бемаънигиро бас кунанд“. Дар аввали июн, Денвер Пост навишта буд, ки ба бисёр мактаббачаҳо „ин ҳама ёдгориҳо ва ғайра нафратовар шудаанд“. „Ин сарборӣ шуда истодааст, — гӯё як талаба аз синфи болоӣ гуфтааст. — Ба фикрам, мо ҳама акнун бояд пеш равем, оиди ҳаёти худ фикр кунем“. Дар давоми мақола навишта шуда буд, ки „хатмкунандагони ҳозираи Коламбин дар бораи саёҳатҳои тобистонӣ, кор, коллеҷ, оянда ва он чи онҳоро дар ҳаёти болиғ интизор аст, фикр мекунанд...

Онҳо рӯҳан ба ҳаёти мӯътадил тайёр ҳастанд, ба ҳаёт пас аз ин баҳор, ки бештари онҳо онро фаромӯш кардан мехоҳанд".

Чунин беҳисӣ маро чун модари яке аз кушташудагон амиқ дард мебахшад. Кӣ намехоҳад, ки ҳаёташ ба пеш равад? Кӣ „намехост", ки ҳамаи инро фаромӯш кунад? Масалан, ман ҳама чизро медодам, то ки ба ҳаёти мӯътадили пеш аз 20-уми апрел баргардам, вақте ки он абадан решакан шуд. Лекин ман ин корро карда наметавонам.

Хушбахтона, бисёр одамони бофаҳм ҳастанд. Ба монанди Ҷордан, ки баъди марги Кесси чандин бор омад, то „боварӣ ҳосил намояд, ки аҳволи мо хуб аст". Ҷордан мегӯяд, ки 20-уми апрел қариб ба ҳама ақидаҳои ӯ ислоҳот овард:

> Ман ба фикр сар кардам, ки то чӣ андоза ҳама чиз бебақо аст, ҳаёти одамӣ ҳам. Вақте мебинӣ, ки ҷасади одамро ба хок месупоранд ва медонӣ, ки ӯ ба хок мубаддал мешавад, ба фикр фурӯ меравӣ. На мошин, на хона, на пул, на чизҳои дигар ва ҳатто мактаб дигар чунин муҳим наменамоянд. Ман як ҳафтаи пурра ба коллеҷ нарафтам, чунки бароям бо дӯстон дар калисо будан муҳимтар буд. Ва тамоман гап задан лозим нест, фақат бо онҳо будан, дардашонро ҳис кардан лозим аст.

Фикр мекунам чунин марг бояд моро такон диҳад ва ҳушёр намояд. Ва бояд моро ба сари фикр орад: „Чӣ дар ҳаёт муҳим аст?" Оё муҳим буд, ки Кесси дар он китобхона дарс тайёр мекард, то маълумот гирад ва баъд соҳиби кор шавад? Ба фикрам не. Барои ман он муҳим аст, ки ӯ ҳамеша ба рафтан тайёр буд.

Ана барои чӣ ба ман ин вақти озод барои андешаронӣ лозим аст. Ҳамту ба ҳаёти кӯҳна баргаштан мумкин нест. Ман ҳатто ба муносибатҳо бо шавҳарам дигар хел нигоҳ мекардагӣ шудам. Акнун мо кӯшиш мекунем, ки ҳар бегоҳ якҷоя дуо гӯем. Ин он маъно надорад, ки ман аз он метарсам, ки ба одамони дӯстдоштаам аз ҳад зиёд дилбастагӣ пайдо кунам. Дар тарс зиндагӣ кардан мумкин нест. Аммо шумо бояд тайёр бошед, ки ҳар лаҳза онҳо аз шумо раванд.

Вақте ки шумо ягон касро дӯст медоред, ҳаёти ин одамон барои шумо — ато аст. Ва ҳамту пеш рафтан пас аз чунин нокомиву бохт барои ман ба он баробар аст, ки ин тӯҳфаро ба рӯи онҳо занем ва гӯем: „Вақте ки шумо дар бари мо будед, бисёр хуб буд, вале ман дар бораи дигар чизҳо ҳам фикр карданам

лозим“. Фикр намекунам, ки бо чунин роҳ мо ба ҳаёт ҳисси ҳурмат баён мекунем.

Тамоман лозим нест, ки бо симоҳои сангину сард гардем. Аммо ба андешаи ман, муҳим аст, ки мулоҳиза кунем. Чунин воқеаҳо бояд моро дилреш намоянд. Онҳо бояд моро тағйир диҳанд. Агар чунин нашавад, яъне дар мо чизе нодуруст аст. Агар шумо ҳаёти пешинаро давом диҳед, атои онҳоро ба хок мегӯронед. Шумо чизи муҳимеро аз даст медиҳед.

Ман ҳам чун Ҷордан ҳис мекунам, ки пас аз гум кардани шахси маҳбуб бо ҳаёти пештара зистан — яъне ба шахси мурдагӣ беҳурматӣ кардан аст. Ин маънои онро дорад, ки мо хабари мурдагонро ба мо, зиндагон, рад менамоем, ва ҳаққонияти абадиятеро, ки дар пеши он, вақташ ояд, хомӯш хоҳем истод, инкор мекунем.

Андешаронӣ ҳамеша осон нест. Осонтар гиристан, дар торикии пеш аз шафақи субҳ, вақте ки хоб барнамегардад; рӯй ба болиш ниҳодану то беҳолӣ гиристан. Чаро? Чаро? Чӣ гуна онҳо тавонистанд, ки ӯро кушанд? Ин чӣ хел имконпазир шуд? Чӣ тавр умуман одам ин корро карда метавонист? Чӣ хел онҳо ба рӯи ҷавону зебо, ба чашмони кабудаш нигоҳ мекарданд? Одам чӣ хел чунин бераҳм буда метавонист, ки ба сари духтари ман мили туфангро рост кард?

Боз аз чизҳое ки васоити ахбори умум мушкилиҳои „бештар умумӣ“ меноманд, ба ғазаб омадан мумкин, бо ангушт ишора кардан мумкин, ё дар онҳо худро пинҳон сохтан мумкин аст. Ба доираи мавзӯъҳои бо Коламбин алоқаманд инҳо дохил мешаванд: назорати фурӯши яроқ ва видеофилмҳо, бехатарии мактабӣ ва саҳнаҳои зӯроварӣ дар филмҳои голливудӣ, таълиму маърифати пешгиранда ва ҷудокунии калисо аз давлат. Бечуну чаро ҳамаи ин мушкилиҳо муҳим мебошанд, вале чун одам дар ноумедӣ аст, онҳо қариб ки ба ҳисоб гирифта намешаванд. Ё не?

Барои чӣ, дар вақте волидайну қонунбаророн даъват мекунанд, ки фурӯши яроқ зери назорат гирифта шавад ва ба зӯроварӣ дар синамо поён бахшида шавад, ҷавонони мо бе мушоракат зиқанд? Чаро, вақте ки мо ба онҳо рӯҳшиносон, мушовирону мутахассисон барои ҳалли ҷанҷолҳоро пешниҳод мекунем, онҳо ба гурӯҳҳои ҷавонон мераванд ва дӯст меҷӯянд? Чаро, вақте дигарон мекӯшанд ҷавобгариро бар касе вогузоранд ва таҷҳизоти ҳимоякунӣ месозанд, онҳо дар бораи навшавии дил фикр мекунанд?

Ҳар қадар ман дар бораи ин фикр мекунам, ҳамон қадар бештар ба мубоҳисаҳои сиёсӣ боварӣ ҳосил мекунам. Дар бораи

ҳаётан муҳим будани нақши ҷидду ҷаҳди ҳар кас барои пешгирӣ намудани фоҷиаҳо, мисли фоҷиае ки ҳаёти Кессиро рабуд, фаромӯш карданамон лозим нест. Ҳеҷ набошад барои ман, ин маънои босаховату кушодарӯ буданро дорад, ҳатто вақте ки боэҳтиётӣ касро нигоҳ медорад. Ин маънои онро дорад, ки дасти мададро дароз кардан, на ин ки бо маҳкумкунӣ худро дур кашидан. Қарзи имонро иҷро намудан, ҳатто он вақт ки (чуноне Кесси мегуфт), ин касро „нороҳат“ месозад ва аз чизе даст кашидан лозим меояд. Ва дар охир, ин маъное дорад, ки бояд боҷасорат ҳама чизро барои Муҳаббат қурбонӣ кард. Ҳатмӣ нест, ки чун қаҳрамон ё риёзаткаш, вале ҳамеша ва дидаву дониста дар ҷузъиёти ночиз, ки ҳаёт аз онҳо иборат аст, қурбонӣ намудан.

Ана барои чӣ, дар ниҳояти кор, ман дар марги духтарам на мағлубият, балки ғалабаро мебинам. Дард бепоён мебошад. Захми ман ҳама вақт чуқуру шифонаёбанда ва тоза мемонад. Ва бо вуҷуди ин, ман медонам, ки марги ӯ на қурбонии бефоида, балки пирӯзии баномусӣ ва мардонагӣ буд. Ҳаёти Кесси ба ман мегӯяд, ки беҳтараш барои он чи имон дорӣ, бимирӣ, аз он ки дар дурӯғ зиндагӣ кунӣ.

✳ ✳ ✳

Якчанд ҳафта баъд аз марги духтарам ман фаҳмидам, ки 20-уми апрел, вақте дар роҳравҳои Коламбин тирҳо марг меоварданд, дӯстони мо, дар саёҳати Исроил, андар парастиши ёдоварии сарбозони фавтида иштирок намудаанд. Тарҷумон маънои он чиро, ки хор месароид, аз ибрӣ тарҷума намуд. Он ёди фавтидагон, изҳори ҳурмат ба ҳамаи риёзаткашони миллат буд. Тарҷума тақрибан чунин буд: „Марги ман на танҳо марги ман аст, балки аз они шумо низ, ва аҳамияти он ба он вобаста аст, ки шумо бо он чӣ мекунед“.

Ҳамин фикрро ба шумо ҳам расонидан мехоҳам, хонандаи азиз: воқеаи Кесси на танҳо ба ману Брэд тааллуқ дорад, балки аз они шумо ҳам ҳаст ва дар он чи шумо бо он мекунед, аҳамияти он хоҳад буд.


DENVER

# Сипосгузориҳо

Бисёр одамон моро ҳангоми фоҷиаи Коламбин ва вақти тайёр намудани ин китоб, ки чун акси садои ин фоҷиа пайдо шуд, дастгирӣ мекарданд. Мо мехоҳем ақаллан ба камтарин қисми онҳо ташаккур гӯем: ба ҳамаи коргарони калисо, сӯхторхомӯшкунҳо, коркунони тиббӣ, начотдиҳандагони ихтиёрӣ ва касбӣ, шубонҳои мо, Ҷорҷ Кристен ва Дейв Макферсон; ба одамони пурмеҳру ғамхори калисои Вест Боулз; ба волидайни мо, бародару хоҳарон ва оилаи мо дар Масеҳ; ба коргарони нашриёти „Плау“, ки дӯстони мо шуданд; ба ҳамсояҳоямон; ба сокинони Литлтон ва боз бисёр-бисёр одамони тамоми ҷаҳон, ки бо чунин муҳаббату саховатмандӣ ба мо дасти ёрӣ дароз карданд; ва аз ҳама асосиаш ба Падари Осмонии мо. Ӯ Худаш фарзандашро аз даст дода буд — Писари Худ, Исои Масеҳро, — маҳз Ӯ ба мо қувват медиҳад, ки ба талафамон тоқат кунем.

# Мундарича


| | | |
|---|---|---|
| | Сарсухан | 11 |
| 1. | Сешанбе | 13 |
| 2. | Духтари дада | 24 |
| 3. | Вай навишт: „Куштан!“ | 36 |
| 4. | Муҳорибаи хонагӣ | 49 |
| 5. | Нуқтаи гардиш | 61 |
| 6. | Чашидани муҳаббат | 67 |
| 7. | Мурда, мо зиндагӣ мекунем | 85 |
| 8. | Андешаҳо | 94 |
| | Сипосгузориҳо | 105 |

20-уми апрели с.1999, дар рӯзи таваллуди Гитлер, ду нафар мактаббачаҳои яроқдор ба мактаб даромаданд ва чӣ қадар одамонеро, ки тавонистанд, куштанд. Ба назди духтарин 17-сола Кесси Бёрнелл омада, онҳо яроқро ба сараш монданд ва пурсиданд: „Ту ба Худо бовар мекунӣ?“ Вай гуфт „ҳа“. Он гоҳ қотил хандид ва куланги милтиқро зер кард.




Одамони тамоми ҷаҳон Кессиро риёзаткаши ҳозиразамон номиданд, вале аз ҳама муҳимаш ногуфта монд. Се сол пеш аз ин Кесси худаш барои куштани муаллим ва худкушӣ нақша кашид. Дар ин китоб модари вай карор дод, ки нақл кардан дар бораи ҳолати ҳаяҷоновари тағйирёбие ки духтари ӯро ба охирин муқобилаи қаҳрамонона овард, нақл кунад.

„Қувваи воқеаи Кесси Бёрнелл аз он иборат аст, ки ӯ худаш қариб ба нашъамандӣ, сеҳри ҳаром ва хаёлоти бераҳмона ғелида буд, вале тавонист аз ҳамаи ин даст кашад“.
*Гардиан*

